ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

ВБД – 373
**ТКБ – 74.261.4**
**Р- 42**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲИМОВА МАНЗУРАХОН АҲМАДОВНА**

# АСОСҲОИ ИЛМӢ - МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (СИНФҲОИ 8-9) ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои педагогӣ**
Ихтисоси 5.3. – Педагогика
(5.3.5.3– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ)

**Роҳбари илмӣ:** Шербоев Саидбой,
доктори илмҳои педагогӣ,
узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**ХУҶАНД – 2026**

## МУНДАРИҶА


**МУҚАДДИМА**.....................................................................................3

**БОБИ I. АСОСҲОИ ЛИНГВОДИДАКТИКИИ ИСТИФОДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ СИНФҲОИ VIII-IX ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОН**

1.1. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб.....................................................................................19

1.2. Вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар доираи омӯзиши осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9 ...........................................................43

1.3. Асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, байтҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон.....................................................................64

Хулосаи боби якум ...........................................................................93

**БОБИ II. ТАШКИЛИ КОРҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 8-9 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ВА МУРАККАБ**.....................................................................................95

2.1. Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими ҷумлаҳои сода..........................................95

2.2. Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб ...............................127

Хулосаи боби дуюм...........................................................................153

**БОБИ III. КОРҲОИ ОЗМОИШИЮ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ ОСОРИ АДИБОНИ КЛАССИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОН .....................155**

3.1. Озмоиши таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классики тоҷик дар таълими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9.....................................................................................................155

3.2. Таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ.....................................................................................................170

Хулосаи боби сеюм.............................................................................178

**ХУЛОСА**.........................................................................................180

**ТАВСИЯҲО**.....................................................................................183

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**.................................185

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..................205**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Ислоҳоти соҳаи маориф, ташаккули салоҳиятҳои муҳассилин, рушди технологияҳои муосир аз омилҳои муҳимми татбиқи ин ҳадафҳо маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки омӯзиши забони модарӣ дар байни фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешаванд, нақши махсус дорад. Хонандае, ки фанни забони модариро ба хубӣ аз худ кардааст, дар омӯзиши фанҳои дигар низ муваффақ мегардад. Забоншинос Қосимова М. масъалаи мазкурро чунин шарҳ додааст: «Забони миллӣ алифбои ҳама илму фан ва фарҳанг аст. Ба туфайли забони модарӣ дигар забонҳо, илмҳои ватанию ҷаҳонӣ омӯхта мешаванд. Маҳз забон хонандагонро ҳунарманду тавоно ва иқтидорманд мегардонад, имкон медиҳад, ки онон тибқи меъёр ҷавоб гуфтан, фасеҳ сухан гуфтан, покию тозагӣ ва ҳусну таъсирбахшоии забонро шукуҳманд ифода карда тавонанд«» [154:12]. Доктори илмҳои педагогӣ, методист С. Шербоев ин нуктаро ба таври зайл арзёбӣ намудааст: «... забони модарӣ дар мактабҳои ибтидоиву миёнаи тамоми давлатҳои ҷаҳон ҳамеша дорои ду хусусият аст, ки якеро бе дигаре ҳеҷ гоҳ наметавон тасаввур намуд: он, аз як тараф, агар предмети таълим маҳсуб ёбад, аз тарафи дигар, воситаи таълим ба шумор меравад» [108:233]. Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз фанҳои меҳварӣ бояд бештару беҳтар таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

Аммо мушоҳидаҳои мо ва маълумоти дар расонаҳо баррасишаванда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки солҳои охир савияи забондонии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳоли андаке ташвишовар қарор дорад. Бинобар ин, омӯзиши масъалаи мазкур аҳаммиятнокии мавзуи таҳқиқотиро тақвият мебахшад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Усули таълими забони модарӣ бар асоси шеваҳои кӯҳна қобили истифода набуда, ин сабки равиши таълим бояд таҷдиди назар карда шавад, зеро чунин усули таълими забони модарӣ барои соҳибзабонон ва намояндагони забонҳои дигар, ки сокини кишвар мебошанд, чандон самарабахш нест» [165:2].

Ба таври кофӣ донистани забони тоҷикӣ маданияти суханварии шахсро баланд бардошта, боиси густариши ҳисси ифтихори миллӣ мегардад. Ба ифодаи дигар, таълими забони тоҷикӣ хонандагонро ба мустақилона дониш омӯхтан водор намуда, тарзу равиши мутолиаи китоб ва усули хониши ифоданокро талқин менамояд. Забони тоҷикӣ на танҳо фанни таълимӣ, балки воситаи муҳимми омӯзиш буда, тавассути он фанҳои дигари таълимӣ низ омӯзонида мешавад. Бахусус, тайи солҳои охир дар раванди таълими фанҳо, аз ҷумла, дар равиши фанни забони модарӣ методу усулҳои наву фаъоли зиёде роҳандозӣ гардида, дарсҳои омӯзгорон бо истифода аз фановариҳои замони муосир таъсис дода шаванд ҳам, вале ҳамоно муаммои мазкур, яъне ноогоҳии шогирдон аз нутқи салису равон, озодона баён карда натавонистани афкору андешаи худ, идрок накардани шевоиву фасоҳати забон боқӣ мемонад.

Масъалаи парвариши табъи баланд, омӯзишу маърифати забони миллӣ нишони аввалини худшиносии шахс аст. Муҳимтарин талабот ва аввалин меъёри саводнокӣ баёну муошırати адабиву маданӣ мебошад. Аз мушоҳидаҳои бисёрсолаи таҷрибаи педагогии банда ва фаъолияти касбии омӯзгорон бармеояд, ки барномаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқи талабот таҳия ва китобҳои дарсии хуб ҳам таълиф гардида, барои муҳассилин шароити хуби таҳсил муҳайё шудааст. Вале, мутаассифона, хонандагон қоидаҳои грамматикиро меомӯзанду аз рӯйи он амал карда наметавонанд, яъне сатҳи салоҳиятнокии онҳо баланд нест. Дар натиҷа, на ҳамаи хонандагон фикри худро озодона баён карда метавонанд, захираи луғавиашон ноқис ва заиф аст. “Таълими забон, аз

худ кардани тарзи баён аз мактаби ибтидоӣ ва миёна суст аст. Баъд аз таълими қоидаҳои грамматика мувофиқи савияи дониши бача (дар синфҳои 3, 4, 5, 6) омӯзонидани порчаҳои насрӣ ва назмии шавқовару диққатрабо зарур ва ҳатмӣ мебошад. Ин равиш барои тарбияи бадеии бача низ аҳаммият дорад” [40:100].

Нависандаи тавонои тоҷик Сотим Улуғзода дар яке аз суҳбатҳояш воқеъбинона дар ин мавзуъ чунин ибрози ақида намудааст: «Аз афташ, сабаби ин ҳама камбудие, ки дар омӯзиши забон дар мактабҳо ҳаст, аз набудани услубшиносист. Грамматикаро тамоман об карда хӯред ҳам, як ҷумлаи дуруст сохта натавонистанатон ҳам мумкин. Охир, дар замони Саъдию Ҷомӣ грамматикаи забони форсӣ набуд. Синтаксис ҳам набуд. Онҳо ба воситаи услуб ин забонро аз худ кардаанд» [175:27].

Аз ин рӯ, дар иртибот ба ин масъала пешниҳод мекардем, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас забономӯзӣ дар мактабҳо на дар асоси коидаҳои грамматикӣ, балки қоидаҳои грамматикӣ дар асоси маводи забон омӯзонда шавад, самараи беҳтар хоҳад дод. Мутаассифона, андешаҳои Камол Насрулло бозгӯи вазъи имрӯзаи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии мост: «Имрӯз дар мактабҳои миёнаи мо бачагон забон намеомӯзанд, балки қоидаҳои онро меомӯзанд, адабиёт намеомӯзанд, балки муҳокимаҳоро дар атрофи адабиёт меомӯзанд, таърих намеомӯзанд, балки қиссаҳоеро дар атрофи таърих меомӯзанд». [162:130].

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқоти зерин таваҷҷуҳи мо ба ташаккули маданияти нутқи хонандагони синфи 8-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаноми таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ равона шуда, баррасӣ ва ҳаллу фасли роҳҳои самарабахши масъаларо дарбар гирифтааст. Мо ба ақидаи кулли муҳаққиқон ва донишмандони соҳаи методикаи забони тоҷикӣ дар хусуси он, ки таълими синтаксис на танҳо омили боэътимоди ташаккули салоҳияти лингвистии хонандагон аст, балки василаи муассири рушди зеҳнӣ,

маҳорат ва малакаи гуфтор, маданияти нутқ, ҳусни баён, вусъати тафаккур дар муоширaт ва муносибат, ташаккули маърифат ва тарбияи ахлоқӣ мебошад, ҳамфикр ва ҳамсадо ҳастем.

Мусаллам аст, ки ҷӯстуҷӯ ва пайгириҳо бобати беҳтар ба роҳ мондани низоми муосири таҳсилот, минҷумла, омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар назди аҳли мактабу маориф ба иҷро расонидани ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасро мегузорад. Ба қабили чунин талаботҳои ҳаётан муҳим ва зарур ташаккули муҳассили соҳибзабон, ашхоси дорои нутқи мураттаб ва пурмантиқ, фарогири тафаккури таҳлилӣ-интиқодӣ ва салоҳияти эҷодӣ ногузир буда, дар замони муосир ва муҳити иҷтимоию иқтисодӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мактабу маориф аст. Дар радифи фанҳои зиёди мактабӣ мақоми забони тоҷикӣ дар пояи баланди ифтихор ва омӯзиш қарор ёфта, тавассути он мероси бузурги ниёкон ва намояндагони барҷастаи адабиёти оламшумули тоҷик ҳамчун хазинаи беназири олами маънавӣ-маърифатӣ омӯхтаю ҳифз ва эҳтиёт мегардад. Маҳз ҳамин ғояи баланди масъала моро водор кард, ки дар таҳқиқи таълими грамматикаи забони тоҷикӣ, бахусус, қисмати муҳимми он - синтаксис ба эҷодиёти адибони классики тоҷику форс назар андозем ва зимни мисолҳои зиёд аҳаммияти омӯзиши ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам фарҳангу маданияти волои халқи тоҷик таъкид ва имконпазир гардад.

## Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ

Методикаи таълими забони тоҷикӣ имрӯзҳо ҳамчун самт ва равияи махсуси илми педагогика дар шароити муосири рушди лингводидактикаи ватанӣ дар ҳоли инкишофёбӣ буда, солҳои охир ҳам дар самти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ силсилаи тадқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Пажуҳишоти интишорёфта перомуни коркарди бунёдӣ ва рушди методологии масъалаҳои мухталифи методикаи таълими забони тоҷикӣ қадамҳои устувор гузоштааст. Бахусус, дар таҳқиқоти

методистони тоҷик, узвҳои пайваста М. Лутфуллоев ва Ф. Шарифзода, узвҳои вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С. Шербоев ва С. Аминов, профессорон Ф. Зикриёев, С. Негматов, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев ва муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ Н.Маъсумӣ, А.Эшонҷонов, С.Анварӣ, Г.Камолова, М.Мирзоева, С.Хоҷиев, Э.Шарипов ва боз чанде дигар дар иртибот ба масъалаҳои гуногуни таълими забони тоҷикӣ тавсия ва мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд. Чунончи, С. Шербоев дар рисолаи докторӣ таҳти унвони «Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII», асосан, роҳу усулҳои таълими «Ибора», «Ҷумла» ва «Сараъзоҳои ҷумла»-ро дар иртибот ба мавзуъҳои қисмати наҳви «Барномаи забони тоҷикӣ (Барои синфҳои 5-11)» (Душанбе, 2006) баррасӣ намуда, андешаҳои пурмояву ҷолиби таваҷҷуҳро зимни такя афкору ақидаҳои методистони рус иброз доштааст.

Дар рисолаи номзадии С. Аминов «Методикаи таълими матнсозӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ» (1995) ва фишурдаи он «Матн ва таълими он дар мактаб» (2002) доир ба матн ҳамчун як воҳиди синтаксисӣ, хусусиятҳои ҷудогонаи алоқа ва муносибатҳои мухталифи байни ҷумлаҳои таркиби матни яклухт, аломатҳои хоси матн ва тафовути онҳо аз дигар воҳидҳои забонӣ бо мисолҳои фаровон ва баҳсу баррасиҳои судманд анҷом додааст. Мавсуф чунин аломатҳои барҷастаи матнро муайян намудааст: «а) аз ҷиҳати мантиқу мавзуъ ба ҳамдигар алоқаманд будани ҷумлаҳо; б) мақсади асосӣ ва мавзуи муайян доштан; в) дорои мустақилияти нисбӣ будан; г) ба воситаҳои грамматикӣ ташаккул ёфтан, вазифаи пайвандакҳо, ҷонишин, пешояндҳо, аъзои туфайлӣ, воҳидҳои эзоҳӣ; ғ) пай дар пай пайваст шудани ҷумлаҳо; д) баёни ботартиби фикр риоя мешавад; е) ҷумлаҳо робитаи муттасилӣ ва мантиқӣ доранд; ё) оғозу анҷом доштани матн» [115:16]. Масъалаи инкишофи нутқи мураттаб, пеш аз ҳама, ба омӯхтани қонунҳо, роҳҳо ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мустақили матн вобаста аст. Дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ

баррасии ҷумлаҳои мураттаби матн ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози маъно сурат мегирад.

Профессор С. Э.Негматов бори нахуст дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба пажуҳиши таълими забони давлатӣ дар макотиби миёнаи таҳсилоташон ба забони русӣ машғул гашта, рисолаи доктории «Асосҳои илмии таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар шароити дузабонии русӣ ва тоҷикӣ»-ро дар шароити билингвизм манзури аҳли илму маориф намудааст. Муаллиф асосҳои назариявӣ-методологии таълими луғатро дар ҳамбастагӣ бо воҳидҳои забон таҳқиқ намуда, ҳамзамон, роҳу усулҳои судманди такмили таркиби луғавии хонандагони русзабонро дар ҷараёни омӯзиши забони тоҷикӣ пешниҳод кардааст.

Бо оғози фаъолияти Шурои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (с.2010) аз рӯйи ихтисоси назария ва методикаи таълими забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва хориҷӣ силсила корҳои илмӣ оид ба методикаи таълими ин фанҳо бомуваффақият ба дифоъ расида, барои пешрафт ва рушди методикаи таълими забонҳо, аз ҷумла, забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам намудаанд. Бахусус, рисолаҳои доктории муҳаққиқон Г. Ҳоҷиматова, Л. Рӯзиева ва рисолаҳои номзадии М. Товбаева, Т. Ашӯрова, Н. Маҷидова, М. Тағоева, К. Гадоев, М. Камолова, А. Ёқубова, А. Иноятбекова, М. Сафарова, Н. Партов, Ҳ. Сатторова, Ш. Котибова, С. Зоиров ва чанд нафари дигар дар самти пажуҳиши масъалаҳои мубрами таълими забонҳо муҳим маҳсуб меёбанд.

Аз ҷумла, дар рисолаи номзадии Н. Партов «Методикаи таълими фасли муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар синфҳои 5 таҳсилашон ба забони тоҷикӣ» дар заминаи таъсису таҳлилу хулосабарорӣ коркарди методии равиши ҳар як дарси ба таълими курси муқаддимавии синтаксис баррасӣ карда шудааст. Аниқтараш дар заминаи истифода аз методу усулҳои баргузида коркарди методии

мавзуъҳои боби синтаксис дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод карда шудааст.

Осори гаронарзиши Камолиддинов Б., Ғаффоров Р., Қосимова М. Н., Рустамов Ш., Атобуллоев С. ба таҳқиқи масоили синтаксис бахшида шуда, муҳақиқони варзидаи тоҷик Қурбонов М., Хоҷаев Д., Шербоев С., Казаков Б.И., Давлатова М., Набиев М., Розиқов Ҷ., Ҳошимов М. перомуни таълими забони тоҷикӣ, махсусан, таълими синтаксис, дар заминаи осори классикон андешаҳои муфид пешниҳод кардаанд.

Илова бар ин, муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Е. И. Никитина, Т. А. Ладиженская, В. В. Бабайтсева, Л. Ф. Казакова, А. Ю. Купалова, Т.Триандафилиди, А. А. Сисолятина, О. А. Романенкова, А. Б. Лойченко, Р. Р. Рамазанова низ ба ин масъала рӯй оварда, дар ҳалли муаммоҳои таълими синтаксис саҳми босазо гузоштаанд.

Аммо, то ҳол асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9-ум дар заминаи матнҳои осори классикон, ки вижагиҳои хос дорад, мавриди омӯзиш ва ҳаллу фасли махсус қарор нагирифтааст. Маълум аст, ки таълими ҷумлаҳои сода дар синфи 8-ум ва ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9-ум мушкилоти зиёд дошта, бояд бо метод ва роҳу усулҳои хос ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, ташаккули салоҳиятҳои забониву иртиботии хонандагон, ташаккули нутқи шифоҳию хаттӣ, кор бо матни осори классикон, луғатомӯзӣ дар асоси вожаҳои душворфаҳм ва роиҷи забони тоҷикӣ, иҷрои маҷмуи машқҳо, супоришҳои шифоҳӣ, хаттӣ ва амсоли он низ тавъам анҷом пазирад. Аз ин дидгоҳ, таҳқиқу омӯзиши масъалаи асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дорои арзиши назариявию амалӣ буда, мубрамияти таҳқиқоти моро собит месозад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таҳти унвони «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ» робитаи қавӣ дорад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи мазкур буда, бобати коркарди низоми мураттаби таълими забони тоҷикӣ дар раванди методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар таҷриба санҷидашуда саҳми босазо хоҳад гузошт.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** коркарди низоми мураттабу мукаммали таълими забони тоҷикӣ дар асоси методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешрафтаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар амал санҷидашуда бо назардошти махсусиятҳои таълими синтаксис дар синфҳои 8-9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар асоси мақсади гузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин дар мадди назар аст:

1. Таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, бозёфти роҳу усулҳои ташаккули нутқи алоқаманди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 8-9) дар раванди таълими қисмати синтаксис дар заминаи эҷодиёти классикони форсу тоҷик.

2. Асоснок намудани ҷанбаҳои лингвистӣ ва методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, байтҳо, матнҳо) бо мақсад ва мароми таъмини нутқи мураттаби хонандагон дар машғулиятҳои забони тоҷикӣ.

3. Таҳлили вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар заминаи матҳо аз осори классикон (таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9, стандарт ва барномаи таълимӣ;

4. Роҳу равиши истифода аз осори ибратомӯзи классикони форсу тоҷик дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб.

5. Таҳия маҷмӯи машқу супоришҳо дар раванди таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботӣ-иттилоотии хонандагон.

6. Ташкили озмоиши таълимӣ-методӣ дар рафти истифода аз осори адибони классики форсу тоҷик дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9.

7. Таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот** асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ зимни осори пандомӯзи классикон ба шумор меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** роҳу усулҳои таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, кор бо осори классикон, маънидод ва ё тафсири абёт, шиносой бо сохтори наҳвии забони классикӣ дар иртибот ба таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода дар синфи 8 ва ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таълими самараноки масъалаҳои асосии синтаксиси забони тоҷикӣ, такмили фарҳанги нутқ, инкишофи нутқи мураттаби муҳассилин дар раванди таълими ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои 8-9 дар сурате имконпазир мегардад, ки, агар раванди омӯзиши муҳимтарин қисмати забоншиносии тоҷик – синтаксис дар заминаи осори классикон роҳандозӣ шуда, таъмини салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ), ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи мураттаби хонандагон дастрас гардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** осори олимони забоншинос ва методистони маъруфи ватанӣ ва хориҷи кишвар аз қабили Ш. Рустамов, Д.Тоҷиев, М.Лутфуллоев, С.Аминов, А.Эшонҷонов, Б.Камолиддинов, М.Қосимова, С.Шербоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Хоҷиев, Т.А.Дейкина, В.В.Виноградов, Е.И.Никитина, Ю.А.Стрелникова,

Т.К.Донченко, А.С.Каримова, П.А.Лекант, О.Б.Сиротинина, В.В.Текучев, М.Т.Баранов, Т.А.Ладиженская, В.П.Озерская, ташкил менамоянд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** муқаррароти мавҷуда дар иртибот ба методҳои таълими забони модарӣ, равишҳои муосир ва ҷанбаҳои гуногуни назария ва амалияи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ ташкил доданд, ки ин ҳама, дар асарҳои С.Шербоев, С.Аминов, С.Ҳоҷиев, С.Негматов, М.Норматов, Қ.Мухторӣ, М.Қурбонов, Ф.Ниёзов, А.Байзоев ва дигарон ба тасвиб расидааст.

Дар раванди омӯзишу таълифоти кор аз методи машқ ва аёният дар таълим, усулҳои проблемавӣ (масъалагузорӣ)-и таълим, озмунҳои муқарраркунӣ ва таълимӣ, ниҳоят, аз усули таҳлили статистикӣ бобати ҷамъбасту хулосабарорӣ аз натиҷаи экспериментҳои таъсисдодашуда истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашма (пойгоҳ) ва маълумотҳои муътамад осори педагогӣ, методӣ, психологӣ, дидактикӣ, лингвистӣ ва фарҳангшиносии олимон доир ба масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ, методикаи таълими синтаксис, истифодаи маводи ибратомӯзи осори классикон дар таълими забони тоҷикӣ, муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳияти забониву коммуникативӣ, моделҳои таҷрибавӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода гардиданд.

Ҳамчунин асарҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои шоиру нависандагони классики форс-тоҷик, санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғайра низ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти мавриди назарро омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, таҳлили Стандарт ва

барномаи таълими забони тоҷикӣ, маводи китобҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ барои муайян намудани мазмуни таҳсилот, вазъи таълими синтаксис ва сатҳи саводу дониши хонандагон, методи омории таҳқиқот ташкил медиҳад. Инчунин барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда **методҳои таҳқиқотии зерин** истифода гаштанд:

- **бунёдӣ-назариявӣ** (таҳлили лингвистӣ, психологӣ-педагогӣ, илмӣ-методӣ, таҳлили муқоисавии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ);
- **эмпирикӣ** (мушоҳида, озмоиш, таҷриба, таҳлили сифативу микдории натиҷаҳои эксперимент, ҷамъбасти оморӣ ва хулосабандӣ).

- **методи мушоҳида** – мушоҳидаҳои дарозмуддат, мустақим, ғайримустақим;
- **методи ҷустуҷӯйӣ** - кор бо муаллимон дар ҷустуҷӯйи методҳои самаранок ва мақсаднок, ҳамкорӣ;
- **методи озмоишӣ (экспериментали)** – озмоиш ва экспериментҳои педагогии муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда;
- **методи математикӣ** - омори математикӣ, саволнома-анкетаҳо ва ғ.

Методҳо вобаста ба мантиқи таҳқиқот ва вазифаҳое, ки дар ҳар марҳила зарурат доштанд, интихоб гардида, таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои муқоисашудаи далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди илмию амалии онҳо дар қолаби ҷадвалҳо низ пешниҳод гардидаанд.

**Пойгоҳҳои таҳқиқотро** гимназияи № 2, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва №24-и ноҳияи Б. Ғафуров ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 6-и шаҳри Хуҷанд ташкил медиҳад.

**Навгонии илмӣ:**

1. Дар рисолаи мазкур асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳо аз адабиёти классикии тоҷику форс мавриди таҳқиқ ва назар қарор

гирифта, дар ҳамбастагии омӯзиши ҳам забон ва ҳам ташакули нутқи алоқаманд ва мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 пешниҳод гардид.

2. Дар рафти таҳқиқ таълим ва омӯзиши қисмати синтаксиси грамматикаи забони тоҷикӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим роҳандозӣ гардида, моҳияти ин роҳу усули босамар ба хонандагон барои дарки ҳам масъалаҳои назариявии забон ва ҳам амалии он дар партави ташаккули фарҳанги нутқи мураттаб шароити мусоид фароҳам овард.

3.Дар рисола ташаккули нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи матнҳо аз эҷодиёти классикони тоҷику форс тавассути амсилаи педагогӣ, ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси илми методикаи забон – таъмини раванди муошírати муҳассилин бо дарназардошти риояи принсипҳои маъмули дидактикӣ, ки хусусиятҳои барҷастаи таҳлилӣ-интиқодӣ, иртиботӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ ва рушдро дороанд, ба амал оварда шуд.

4.Таҳия, таҳлил ва ҷамъбасти муқоисавии натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо иштироки хонандагони синфҳои 8-9 дар ҷараёни таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳо аз осори классикони тоҷику форс асоснокӣ ва афзалиятнокии амсилаи пешниҳодшударо собит сохт ва муҳассилинро ба фазои салоҳияти забонӣ ва иртиботии мутобиқ ба талаботи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ ворид намуд.

5. Дар рафти таҳияи низоми нави омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ афзалияти муносибати босалоҳият ба таълим дар муқоиса бо роҳу усули анъанавии ин қисмати грамматика санҷида ва ошкор гардида, сатҳу сифати донишандӯзӣ ва фаъолияти амалии хонандагон дар доираи рушди амалҳои таҳлилӣ-интиқодӣ ва эҷодӣ мусбӣ арзёбӣ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мубрами таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар ташаккули салоҳияти забонӣ, фарҳангӣ ва иртиботию иттилоотии хонандагон ва шахсияти соҳибзабон нақши бориз дорад. Тавассути ҳали ин масъалаи хеле муҳим ва қобили таваҷҷуҳ дар фазои таҳсилоти миёнаи умумӣ гардиши намоёне дар самти омӯзиши нозукиҳои сохтори синтаксиси забони тоҷикӣ, ташаккули тафаккур ва нутқи мураттаби муҳассилин ба амал омада, мактабиёнро ҳамзамон бо арзишҳои беназири ахлоқӣ-маънавӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ ва фарҳанги миллӣ аз наздик ошно месозад.

2. Дар масири ташаккули нутқи мураттаби хонандагон муайян кардани асосҳои лингводидактикии омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ тавассути саҳеҳу возеҳ шарҳ ва эзоҳ додани таърифу қоидаҳои марбут ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар заминаи матнҳои адабӣ, хоса, осори пандомези адибони маъруфи классикӣ ба рушди зеҳнӣ ва маърифатии хонандагони синфҳои 8-9 – муассисаҳои таҳсилоти миёниаи умумӣ такони бузурги  заминаи мусоид фароҳам меорад. Чунин роҳу равиши босамари таълим дарки мавзуҳои грамматикии забонро тавассути матнҳо дар самти инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ва рушди неруи зеҳнии онҳо осон ва қавӣ мегардонад.

3. Гузориш ва роҳу равиши барраси собит кард и масъала тақозо мекунад, ки раванди санҷиш ва озмоиши таълимӣ амиқу аниқ таҳия гардида, корбасти методҳои амалии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар доираи машқҳо ва супоришҳо, минҷумла, тартиб додани ҷумлаҳои сода ва мураккаб шавқу завқ ва фаъолияти хонандагонро дар ҳар як дарс тақвият мебахшад. Бахусус, иҷрои амалҳое, ки ба густурдагии фаъолияти мустақилонаи хонандагон  равона шуда, қобилияти онҳоро ҳини овардани мисолҳои мувофиқ аз осори классикон оид ба хели ҷумлаҳои сода ва мураккаб равона месозад.

4. Масъалаи ташаккул додани нутқи мураттаби хонандагон дар заминаи матнҳо аз осори классикон зимни таълими синтаксиси забони

тоҷикӣ бори аввал ба маърази омӯзиш ва таҳқиқ гузошта шуда, шароити мусоидро барои таҳқиқи самтҳои дигари грамматикаи забони тоҷикӣ ба миён мегузорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро,** пеш аз ҳама, рӯй овардан ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, андешаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи маориф» қарору фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва пешниҳоду дастур ва супоришҳои дар Паёмҳои ҳарсолаи худ баррасинамудаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшидаанд.

Маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст. Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои фаҳмидани синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон имкон хоҳад дод.

Боварӣ дорем, ки истифодаи системаи машқу супоришҳое, ки барои санҷиши дониши хонандагон дар озмоиши таълимӣ дар таҷриба санҷида шудаанд, дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ҳангоми таълими фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик метавонад мавриди истифода қарор гирад. Шиносоӣ бо натиҷаҳои таҳқиқ дар семинару мизҳои мудаввар ва конференсияҳо ва баррасӣ намудани маърузаҳо низ барои шунавандагон басо шавқовар хоҳад буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дақиқ будани асосҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи методу машқҳои ба эҷодкорӣ водоркунандаи хонандагон, тасдиқ гардидани фарзияи дар муқаддимаи кор пешниҳодшуда, бахусус, дар раванди озмоиши таълимӣ дар чаҳор муассисаи таълимии вилояти Суғд, коркарди маълумоти озмоишҳо ва эътироф гардидани маърузаҳои қироатшуда дар семинару конференсияҳо ва интишори мақолаҳои марбут ба мавзуъ далели эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.3.5.3– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот аз асоснок гардонидани ғояҳои асосии рисола, коркарди амсилаи консептуалие, ки дар асоси муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар заминаи осори пандомези классикон дар синфҳои 8-9, ташкили озмоишҳои педагогии муқарраркунанда ва таълимӣ (ё худ ташаккулдиҳанда) ва, албатта, бобати омӯзиш ва таҳлилу баррасии маводи илмиву методӣ назаррас аст.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мунтазам дар маҷлис ва семинарҳои илмӣ-методии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва маҷлисҳои Шурои илмии факултети филологияи тоҷик, конференсияҳои илмиву амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва дар дигар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, ки дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе баргузор гаштаанд, қироат шуда, мавриди муҳокима қарор гирифтаанду натиҷаҳои асосии он ҳангоми таъсиси озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимии гимназияи давлатии №2, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва №24-и ноҳияи Б. Ғафуров, инчунин,

дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-уми шаҳри Хуҷанд, ки пойгоҳҳои методии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» ба ҳисоб меравандд, санҷида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 24 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Рисола дар доираи муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, се бобу ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ЛИНГВОДИДАКТИКИИ ИСТИФОДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (СИНФҲОИ 8-9-УМ) ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОН

## 1.1. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9-ум дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб

Навгониҳои соҳаи маориф, таҷдиди назар гардидани принсипҳо ва усулҳои инкишофи нутқи мураттаби мактаббачагон яке аз масъалаҳои мубрами лингвометодии таълими муосири забони тоҷикӣ мебошад. Вале курси мактабии забони тоҷикӣ ва масъалаи инкишофи нутқи хонандагон ҳамчун механизми таъмини салоҳияти иртиботӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва воситаи рушди фарҳангии хатмкунандагон ба қадри кофӣ назаррас нест. Бинобар он, дар қарорҳои перомуни фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва маориф дар даҳсолаи охир қабулшуда ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ таваҷҷуҳи зарурӣ равон гаштааст.

Нуктаи асосӣ дар ин маврид иборат аз он аст, ки хонандагон бояд босавод, салоҳиятнок, бомасъулияту ташаббускор ва худшинос ба воя расанд. Ҳамчунин, барои ташаккули сифатҳои мазкур ва баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва дараҷаи баланди илмиву методии ҳар як фан, зарур аст, ки такмили нақшаву барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои ёрирасон, роҳу усулҳои истифодаи омӯзишу парвариш тавассути корбурди иттилоот ва фановариҳои муосир бояд роҳандозӣ карда шавад.

Зарур ба таъкид аст, ки барои ҳалли масъалаҳои номбаршуда дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати таълими забони тоҷикӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос нақши ҳалкунанда дорад. Инчунин, масъалаи рушди забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва забони русӣ ба ҳайси забони муоширати байни миллатҳо аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ин нуқта дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардидааст.

Дар воқеъ, нишондодҳои дар фавқ баррасишуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки сатҳу сифати таълими забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва роҳу усулҳои судманди омӯзиши забонҳои русиву англисӣ аз ҷониби муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати рушди таълими забонҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, роҳҳои баланд бардоштани сифати таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои V-IX, ки дар раванди он асосҳои меъёрии фонетика, лексика ва грамматика омӯхта мешаванд, бояд ҷустуҷӯ ва беҳтар карда шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҶТ пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълим таҷдиди назар гардад ва яке аз чунин тадбирҳои мушаххас ба тасвиб расидани «Стратегияи миллии рушди маориф то давраи солҳои 2030» маҳсуб меёбад. Тибқи ин ҳуҷҷат пешниҳод мешавад, ки то соли 2030-юм стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ ҳамчун асоси донишомӯзӣ, сарчашмаи боэътимоди тарбияи насли наврас ва ҷавон дар руҳияи баланди худшиносии миллӣ, садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ ва инсонӣ, парвариши ҳисси ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ таҳия ва таълиф гардида, дар асоси низоми ҷадиди «муносибати босалоҳият ба таълим» ба роҳ монда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки сатҳи саводнокӣ ва маданияти сухани шахс яке аз нишонаҳои салоҳиятнокӣ буда, ин нуқта аз тарзи гуфтору баёни ӯ зоҳир мешавад. Чунон ки академик М. Шакурӣ қайд менамояд: «Ба вуҷуд овардани ҷомеае, ки аз чеҳраи инсонии он нури маънавият меборад, аз саводи баланд ва хушсаводӣ шурӯъ мешавад, ки низ бо аз худ кардани адабиёти классикии тоҷику-форс даст хоҳад дод. Агар хушсаводии маънавӣ дар ҷомеа реша давонад, бесаводон низ аз он бебаҳра нахоҳанд монд, тамоми ҷомеа нур хоҳад гирифт» [112:17].

Ташаккули салоҳиятҳои забонии хонандагон дар раванди таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, синтаксис сурат мегирад ва он яке аз қисматҳои муҳимми омӯзиши фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимист. Ҷумла дар ҷараёни нутқ воситаи асосӣ ва хурдтарини робитаи (алоқаи) байни одамон ба шумор меравад. Омӯзиши наҳви забони тоҷикӣ аз ибора шуруъ мешавад. Дар ин бобат профессор С. Шербоев чунин таъкид мекунад: «Синтаксис илмест, ки дар он, ба ҷуз ҷумла, аз охирҳои солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри XX хусусиятҳои гуногуни ибора низ (дар забоншиносии тоҷик) мавриди омӯзиш қарор дорад. Бинобар ҳамин, дар барнома ва китобҳои дарсии синтаксиси забони тоҷикии мактабӣ дар муқоиса бо таълими, умуман, ҷумла... ба масъалаи таълими ибора низ эътибори зарурӣ дода шудааст» [108:302].

Аснои таълими синтаксис бояд ду нукта дар мадди назар қарор дошта бошад:

а) инкишоф додани мустақилияти тафаккури абстрактии муҳассилин;

б) такмил додани нутқи шифоҳиву хаттии мураттабу босаводонаи онҳо.

Барои ноил  шудан ба мақсадҳои зикршуда лозим аст, ки корҳои зерин анҷом дода шавад:

1. Хонандагон роҳҳои асосии алоқаи калимаву ҷумлаҳоро аз худ намоянд;

2. Муносибати сохторӣ ва семантикии ҷузъҳои таркиби калима ва ибораҳои ҷумлаҳои сода ва инчунин таркиби ҷумлаҳои мураккабро дарк ва шарҳ дода тавонанд.

3. Шуурона тафаҳҳум кардани хелҳои гуногуни алоқаи калимаҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, дар мавридҳои зарурӣ гузошта тавонистани аломатҳои китобат, иҷрои машқу супоришоти марбут ба намудҳои гуногуни ҷумлаҳо (сода ва мураккаб), мустақилона тартиб додани ҷумлаҳо ва матнҳо ва амсоли он.

Ҳадафи асосии таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ ба низом даровардани сатҳи баланди нутқи мураттаб, қобилияти баёни фикр тавассути ҷумлаҳои сода ва мураккаб маҳсуб меёбад. Таълими системаноки синтаксис дар синфҳои VIII-1X идомаи курси муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» мебошад, ки дар синфи V дар ҳаҷми 14 соат омӯзонида мешавад. Маълумоти назарӣ доир ба ҷумла ва саразъзоҳои ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ пешкаш мегардад. Аз ин лиҳоз, вазифа ва мақсади таълими курси системаноки синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфи VIII-IX мустаҳкам намудани донишҳои муқаддимавии хонандагон мебошад.

Омӯзиши ҷумла, сохтори он ва истифодаи бомавриди он барои ибрози ақида, ташаккули салоҳияти муоширату муносибати иҷтимоӣ ва табодули афкор чун воситаи асосӣ хидмат мекунад ва ба инкишофи нутқи хонандагон, ки яке аз масъалаҳои калидии методикаи таълим ва мақсади ниҳоии таълими синтаксис маҳсуб меёбад, мусоидат менамояд.

Аз ин ваҷҳ, дар муассисаҳои таълимӣ вазифаи корҳои таълимиву тарбиявии муаллимон иборат аз он аст, ки нутқи хонандагон давра ба давра такмилу инкишоф дода шавад, то ки дар онҳо малакаи баёни нутқи мураттаб, чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттӣ, ҳосил карда шавад. Ҷанбаи таълимӣ ва методии китобҳои дарсӣ на дар таърифоту қоидаҳои грамматикӣ, балки дар машқҳо ва мазмуну моҳияти супоришҳо зоҳир мегардад. Агар супоришҳо ба инкишофи нутқ ва маданияти сухан нигаронида шаванд, ҳам барои забономӯзӣ ва ҳам такмили фарҳанги нутқ мусоидат менамоянд. Маърифатнокӣ, суханшиносӣ ва таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ тавассути китобҳои дарсӣ ва таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна имконпазир аст.

Доир ба ин масъала андешаронии А.М Пешковский қобили таваҷҷуҳ мебошад: “Маҳорати асосии ба забони адабӣ сухан гуфтан дар мактаб ҳосил мегардад. Ҳаёт ниҳоят кам ба донишҳои дар мактаб бадастоварда илова карда метавонад. Аз ин ҷо, таваҷҷуҳи зиёди

ҳукумати кишвар нисбат ба мактаб ва мавқеи омӯзиши меъёрҳои забон равшан мегардад. Ҷое ки бачагон ҷиддан сухангӯйӣ меомӯзанд, калонсолон вақти ниҳоят зиёд ба ҷустуҷӯйи мусоҳиби ҳамфикр сарф намекунанд, он ҷо ба таҳқири ҳамдигар намепардозанд, зеро якдигарро хуб мефаҳманд, камтар касеро маҳкум менамоянд, барои он ки иртиботи нисбатан равшан доранд” [78:238]

Тазаккур бояд дод, ки яке аз талаботҳои асосии «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» аз он иборат аст, ки дар раванди таълими синтаксис инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон чун вазифаи асосии омӯзиши ин қисмати грамматика муқаррар шудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзгори фанни забони тоҷикӣ вазифадор аст, ки маҷмуи матнҳо, машқу супоришот дар доираи рушди нутқи мураттаби хонандагон бояд сурат гирад. Дар хусуси масъалаи мазкур методист М. Қурбонов чунин мулоҳизаронӣ кардааст: «Мақсади таълими грамматика фақат иборат аз ҳифз намудани қонуну қоидаҳои забон нест. Мақсади омӯзонидани грамматика, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки хонандагон дар нутқи хаттӣ ва даҳонии худ ин ва ё он шаклҳои грамматикӣ, ин ва ё он қолабҳои забониро дуруст кор фармуда тавонанд, фикрашонро мувофиқи нормаҳои забон ифода кунанд» [53:3].

Заминаҳои ташаккули нутқи мураттаби хонандагон, қабл аз ҳама, ба асосҳои лингвистӣ ва дидактикии омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ такя мекунад. Аз ҷониби омӯзгор дуруст интихоб кардани матнҳо ба омили босамари рушди нутқи алоқаманд ва мураттаби хонандагон табдил ёфта, ташаккули нерӯи зеҳнӣ-маърифатии онҳоро такмил ва таъмин месозад.

Дар ин росто андешаҳои методисти рус Е.А.Баринова ва дигаронро ҷонибдорӣ менамоем. Ӯ қайд менамояд, ки «...омӯзиши синтаксис барои дарки ягонагии забон ва тафаккур, ногузирии мутобиқати табиии машғулиятҳо оид ба инкишофи нутқ ва тафаккур шароити мусоид фароҳам меорад: Ин мутобиқат (нутқ ва тафаккур – Р.М.) аснои

аҳаммияти бештар зоҳир намудан ба методикаи таълим пурмаҳсул мешавад, зеро дар ин вақт диққати хонандагон ба он равона мешавад, ки чаро ва бо кадом мақсад чунин сохтори ҷумларо дар нутқ истифода мебаранд» [21: 313].

Бояд тазаккур дод, ки инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, тарбияи малакаи ибораю ҷумласозӣ ва содаю равон ифода кардани фикр, дар маҷмуъ, дарси инкишофи тафаккур, хотира, малака ва маҳорати суханварӣ ба шумор меравад. Ақидаи мазкурро методист Казаков Б.И. чунин изҳор доштааст: «Яке аз камбудиҳои забоншиносии имрӯза ва таълими забон дар мактабҳои маълумоти умумӣ ҳам дар он аст, ки ба мукаммал омӯхтани табиат, хислату хусусият ва вазифаҳои нутқ эътибори лозима дода намешавад. Дар таълими забон фақат ба сохти забон ва грамматикаи он маҳз диққат дода, ба ҷиҳати амалии он, яъне инкишофи нутқи хаттиву шифоҳӣ кам машғул шудан боиси он гардидааст, ки талабагони мактаб солҳои охир аз одоби сухан, фазилатҳо, кайфияти лутфу зарофатҳои он бебаҳра монда, баъзан фикри худро ҳам мураттабу бамаънӣ баён карда наметавонанд ва нуктаи мазкур дар мақолаҳои бархе аз методистон низ ба назар мерасад» [150:18].

Бояд таъкид кард, ки ин гуфтаҳо ҳанӯз оғози солҳои 80-уми асри гузашта рӯйи чоп омада буданд. Аммо мушоҳидаҳо аз ҷараёни таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки, қатъи назар аз муҳим будани маданияти нутқи шифоҳӣ дар мактаб, ба масъалаи риояи забони адабӣ ва инкишофи нутқи шифоҳии талабагон эътибори дуруст дода намешавад. Аниқтараш як идда муаллимоне ҳастанд, ки дар хонандагон роҳҳои бартараф намудани монеаҳои инкишофи нутқро нағз намедонанд. Пас, чӣ бояд кард?...

Ба андешаи мо, яке аз омилҳои муҳимми инкишоф додани нутқи муҳассилин хониши бадеӣ ва азёд кардани матн ба шумор меравад. Чунки дар раванди хониши ифоданок ва дар ҷараёни азёдкунии матн,

талабагон бо иборави ҷумлаҳои тайёри нутқи зебову пурмаъно шинос шуда, сохти ҷумлаву ибораҳои образнок ва маҳорати бадеии нависандаро мушоҳида менамоянд. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, азбаркунии панду андарзҳо аз осори классикон ҷавобгӯйи саволи пешниҳодшуда ва аввалин талабот буда метавонад. Масалан, методист Ю. Стрелникова ба таври боварибахш чунин афзудааст: «Бо боварӣ метавон гуфт, ки азхудкунии комили забон бидуни мутолиаи бадеӣ, аз ҷумла, адабиёти классикӣ ғайриимкон аст» [192:112].

Ба ифодаи дигар, таъкиди мазкур омӯзгоронро ҳушдор медиҳад, ки ба хонандагон дар алоқамандӣ бо мисолҳои хуби аз услубҳои гуногуни забони адабии хаттӣ, махсусан, аз осори баргузидаи классикӣ таълим додани таърифу қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ барои инкишофи нутқи шифоҳиву хаттӣ, бахусус, тафаккури мантиқии онҳо манбаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Тақвият ва ҷонибдории гуфтаҳои болоро метавон дар таъкидҳои зерини методистон Ш. Котибова ва Л. Иматова дучор омад: «Ҳар як таърифу қоидаи дар асоси чанд мисоли махсус интихобшуда танҳо нишонаи аз ҷиҳати назариявӣ забондон будани хонандагонро далолат мекунаду бас. Дар ин ҳолат забондонӣ маҳдуд ва соҳавӣ гардида, танҳо дар мавридҳои зарурӣ дар синфу аудиторияҳои гуногун барои ҷавоб додан ба саволу супоришҳои марбут ба масъалаҳои гуногун... (доир ба фонетика, лексика, морфология, синтаксис, аломатҳои китобат ва ғ.) аз тарафи муаллим назорат ва натиҷагирӣ карда мешавад» [156:268].

Бо назардошти гуфтаҳои ин методистон зарур аст, ки барои минбаъд бо роҳу усулҳои нав рушду ташаккул додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон вазъи кунунии таълими забони тоҷикиро таҳлилу баррасӣ намоем. Бахусус, муайянсозии муаммоҳои ҷойдошта дар таълими синтаксис дар синфҳои 8-9-ум ба ташаккули усули таълими мавзуи мавриди назари мо роҳнамои арзишманде хоҳад буд ва он ба омилҳои зерин иртиботи ногусастанӣ дорад:

1. На ҳамаи методҳои мавҷудаи таълим, ки ба инкишофи нутқи хаттиву даҳонии мураттаб нигаронидашудаанд, ба талабот ҷавобгӯянд. Ба ибораи дигар, он роҳу усулҳо ба таъмин намудани равобити иртиботиву коммуникатсионӣ, мақсаднок истифода бурдани воситаҳои гуногуни нутқ равона нагардидааст. Маҳз аз ҳамин сабаб дар нутқи хонандагон нуқсон ва ё норасоиҳои зиёд ба мушоҳида мерасад.

2. Аксари методҳои таълимие, ки имрӯз мавриди истифода қарор доранд, хусусияти маълумотдиҳӣ доранд. Аниқтараш, хонандагон бо ҳодисаҳои гуногуни нутқ (ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла, услубҳои забон ва ғайра) ошно мешаванду бо роҳи аз бар намудани қоидаҳо дар бораи он маълумот пайдо мекунанд, вале имкон намеёбанд, ки чизи омӯхтаашонро амалан татбиқ намоянд. Аз ин ваҷҳ, беаҳаммиятӣ зоҳир намудан нисбат ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ва сайқал нadодани қобилияти суханронии онҳо ба он оварда расонидааст, ки хонанда, новобаста аз он ки маълумоти назариявӣ дорад ва ё қоидаҳоро медонад, фикрашро озод ва саҳеҳ баён карда наметавонад: Масалан, таърифи пуркунанда ва ҳолро гуфта метавонад, яъне аз ҷиҳати назарӣ мусаллаҳ аст, аммо онро дар нутқ моҳирона истифода карда наметавонад .

3. Диққати омӯзгорону хонандагон, асосан, ба азхудкунии қоидаҳо, омӯзиши имлов ва истифодаи аломатҳои китобатӣ равона гардида, масъалаи ташаккули фарҳанги нутқ мавқеи дуюмдараҷа дорад. Ҳол он ки масъалаи инкишофи нутқи мураттаб кори ҳаррӯзаи омӯзгор буда, таълими он набояд ба таври ҷудогона сурат мегирад.

Методҳое, ки дар таълими наҳв ба кор мераванд, дар асл, ба инкишофи нутқ тавассути забономӯзӣ, баён карда тавонистани фикр равона нагардидаанд. Баъзе аз омӯзгорон дар чунин ақидаи нодуруст қарор доранд, ки, агар хонанда соҳиби қобилияти фитрӣ набошад, наметавон мураттаббаёниро дар ӯ ташаккул дод.

Дар усули анъанавии таълими синтаксис зимни мафҳуми инкишофи нутқ, пеш аз ҳама, инкишофи нутқи хаттӣ дар мадди назар аст. Яъне, таҳти мафҳуми нутқи мураттаб дар мактаб бештар навиштани корҳои хаттӣ дар назар дошта мешавад.

Аслан инкишофи нутқи мураттаб бояд дар ҷараёни таълими ҳамаи фанҳо роҳандозӣ гардад, вале дар макотиби муосир ин кор чандон мушоҳида намешавад. Дар ин бобат ба фикри методистони ватанӣ Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов метавон розӣ шуд, ки таъкид кардаанд: «Дар байни омӯзгорони гуногун нисбати инкишофи нутқи шифоҳию хаттии хонандагон талаботи ягона вуҷуд надорад. Аксари... омӯзгорон ғалатҳои лафзии шогирдонро нодида мегиранд» [64, 204].

Усулҳои анъанавии таълим бештар ба самти ташаккули нутқи монологӣ такя намуда, имкониятҳои фарох ва самараноки рушди нутқи хонандагонро дар доираи муколама маҳдуд мегардонад. Воқеан, дар муқоиса бо нутқи монологӣ афзалияти муколама бештар ба чашм мерасад, зеро хонандаи мактаб дар рафти суҳбат бо ҳамсабақ ва ҳамсоли хеш баробари шунидани ин ё он иттилоъ ва маълумот барои ибрози фикр омода мегардад. Дар ин росто, дарки иттиллоот ба қобилият ва рушди тафаккури хонанда такя мекунад, то дарёфти равиши мувофиқи муколама ва суҳбат имконпазир гардад. Ин раванд маҳсули фаъолияти таҳлилии хонанда буда, ба инкишофи нутқи алоқаманд ва мураттаб роҳи васеъ мекушояд.

Таълими синтаксиси забони тоҷикӣ аз омилҳои муассири саҳеҳбаёнӣ низ мебошад. Он дар заминаи фаъолиятҳои зерини инсон ба роҳ монда мешавад: шунидан; дарк кардан ва татбиқ намудан. Аммо дар раванди кунунии таълим ин тарафи масъала чандон афзалияту бартарии комил надорад ва боиси ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтани нутқи мураттаб, хоса, шифоҳӣ мегардад.

Масъалаи мазкурро академик М. Лутфуллоев таҳлилу баррасӣ карда, вазъи омӯзгоронро бозгӯӣ мекунад: «Агар аз муаллимони…

фанҳо пурсед, ки чаро дониши бачаҳо аз фанни шумо бо ҳар ду по мелангад, тахминан, ҷавоб медиҳанд, ки: «Намедонам, ман дарс медиҳам, дарсҳоямро бо тайёрии пухта ва асбобҳои аёнӣ мегузаронам». Бале, муаллим дарс медиҳад ва шояд тайёрии пухта ҳам бинад. Ана, касодии кори мо ҳам дар ҳамин аст. Мо дарс медиҳем ва ҳар рӯз мактаб меоему меравем. Вале, оё дарси моро, мазмуни мавзуи дарси моро, моҳияти назарию амалии дарси моро бачаҳо мефаҳманд ё не, ба ин коре надорем» [59:76].

Дар ҷараёни таълим бештар ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки кадом мавзуъро бо кадом роҳу усул таълим диҳем. Аммо масъалаи муҳимтар аз он: мақсаду ҳадафи мавзуъи таълим аз назар дур мемонад. Ҳол он ки дуруст муайян кардани мақсади таълими мавзуи дарс яке аз аввалин корҳо дар раванди таълим маҳсуб меёбад. Дар ин бобат, методист Ҳакимова Ш. қайд менамояд: «Мақсад меъёрест, ки шахс дар назди худ мегузорад ва барои расидан ба он мекӯшад... Мақсад на танҳо натиҷаро нишон медиҳад, балки шахсро барои расидан ба ин натиҷаҳо ҳидоят менамояд [174:247].

Аз норасоиҳои дигар дар фаъолияти омӯзгорон равона намудани диққати асосӣ ба хотира аст, на ба инкишофи тафаккур. Масалан, хонанда ҳар чизи дар раванди дарс мавриди баҳрабардорӣ қарордодаро дар хона такрор менамояд ва бо ин иктифо меварзад ва дар ин ҳолат ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ ва фаъолнокии ӯ камтар рушд мекунад.

Ҳамин тавр, интихоби роҳу усулҳои мувофиқи гузаронидани машғулиятҳо ҳам дар синф ва ҳам дар корҳои берунaзсинфӣ аз унсури муҳим ба шумор меравад ва ин талабот дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» низ таъкид шудааст. Мутобиқи Стратегияи мазкур: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба донишомӯзон имконияти аз худ намудани салоҳияту

малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд» [6:18].

Бо ишораи ин нукта равшан мегардад, ки ҳадафи таълими фанни забони тоҷикӣ ташаккул додани қобилияти дарккунӣ, тафаккури эҷодӣ ва фикрронии мустақилонаи хонандагон буда, ҳамзамон, ба рушди салоҳиятҳои забониву иртиботии толибилмон мусоидат кунад. Ин омил ба ақидаи муаллифи китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим»-и Б. Блум низ метавонад ҳамвазн шавад. Яъне муаллиф иброз доштааст, ки яке аз вазифаҳои асосии таълим дар он аст, ки малакаи фикрронии эҷодкорона, салоҳияти ҳалли муаммо ва мустақилона қабул карда тавонистани қарорҳои мақсаднок дар хонандагон ташаккул дода шавад.

Пас, чунин саволе ба миён меояд, ки талабот нисбат ба нутқи мураттаб чӣ гуна бояд бошад?

Ба андешаи мо, барои самаранокии таълим ва ташаккул додани нутқи мураттаб, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои зерин диққат додан лозим меояд:

1.Байни хонандагон бештар аз тариқи шифоҳӣ ташкил кардани муколама зарурат дорад. Онҳо бояд аз дороиву имконоти забони модарӣ огоҳ бошанд, муоширати озодона бо ҳамдигар ва ба таври суфтаву равон баён намудани фикрро омӯзанд.

2. Машқу супоришот барои инкишофи нутқи хонандагон на танҳо хусусияти шиносоию маълумотгирӣ, балки бештар хусусияти амаливу эҷодкорӣ дошта бошанд. Дар ин раванд хонандагон донанд, ки забонро на аз рӯйи қоидаву таърифҳо, балки қоидаҳои забонро дар асоси маводи забон аз худ намудан зарурат дорад.

3.Инкишоф додани нутқи хонандагон, ки вазифаи асосии дарсҳои забони тоҷикист, бояд дар алоқамандӣ бо дигар фанҳо, пеш аз ҳама, бо

фанни адабиёт ба роҳ монда шавад. Зарур аст, ки омӯзгорон дар баробари омӯзонидани қоидаву назарияҳои забон инкишоф додани нутқи хаттию шифоҳии шогирдонро ҳамеша чун мақсади асосӣ ба эътибор гиранд.

4.Маълум аст, ки нутқ фаъолияти асосӣ ва ҳам мураккаби эҷодии инсон аст. Он танҳо аз сухан гуфтан иборат нест, балки мушоҳида, тафаккур ва тахайюлотро ҳам фаро мегирад, қобилияти шунидан низ як ҷузъи нутқ аст. Аз ин рӯ, дар хонандагон бояд тарзи дуруст ва эҷодии ибрози ақида ва ба таври фаҳмову нишонрас ҷавоб гуфтан ба суолҳои ҳамсуҳбат такмил дода шавад. Ӯ бояд донад, ки фасоҳати сухан дар кӯтоҳбаёнӣ, мӯҷазӣ, истифодаи санъатҳои бадеию унсурҳои фолклор аст.

5. Ҳалли муаммову мушкилоти зиндагӣ тавассути ҳам нутқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ сурат мегирад. Аз ин сабаб, лозим меояд, ки ҳам ба нутқи хаттӣ ва ҳам ба нутқи даҳонӣ як гуна афзалият дода, роҳҳои ташаккул додани ин ҳар ду ба таври доимӣ ва дар сатҳи баробар роҳандозӣ карда шавад.

6. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҷиҳати инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар муқоиса бо нутқи монологӣ ба нутқи муколамавӣ афзалияти бештар дода, бояд омӯзгорони забон ва адабиёт бомантиқ, бурро, бомаврид сухан гуфтанро, сараввал, худашон ҳамчун пешоҳанг тарбия намоянд, баъдан аз шогирдон талаб намоянд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки талабот дар дарсҳои забони тоҷикӣ нисбат ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар раванди таълими синтаксис бояд хеле бештар сурат бигирад. Зеро дар ҷараёни таълими синтаксис, ки хонандагон зиёдтар ба ҷумла ва хусусиятҳои он сарукор доранд, имконияти рушди нутқи шифоҳию хаттиашон ба ҳадди лозима даст хоҳад дод.

Дар иртибот ба ин нукта, профессор С. Шербоев дуруст қайд менамояд: «Дарси инкишофи нутқи мураттабро аз дарсҳои муқарраріе, ки зимни онҳо таърифу қоидаҳои грамматикӣ, фонетикӣ, лексикӣ ва

орфографию пунктуатсия, ки дар заминаи калима, ибора ва ҷумлаҳои интихобшуда таълим дода мешаванд, фарқ бояд намуд. Албатта, ба хонандагон дар алоқамандӣ бо мисолҳои мувофиқи аз услубҳои гуногуни забони адабии хаттӣ гирдоварда таълим додани ҳодисаҳои забон – назария, пеш аз ҳама, таърифу қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ барои инкишофи нутқи шифоҳиву хаттӣ, бахусус, тафаккури мантиқии онҳо манбаи асосӣ ҳисоб меёбад» [110:436].

Инчунин, мафҳуми нутқи мураттабро профессор С. Шербоев чунин таъриф кардааст: «Нутқи мураттаб - ин мувофиқи меъёрҳои орфоэпиву орфографияи (ҳамчунин, аломатҳои китобат) забони адабии ҳозираи тоҷик ба тарзи ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ озодона баён карда тавонистани фикр – андешаву мулоҳиза ва ё хаёлоти фардӣ аст» [108, 462].

Олимон–методистон истифодаи ду методро дар таълими забони тоҷикӣ зимни инкишофи нутқи хонандагон таъкид намудаанд:

**I. Методҳои назариявӣ, ки фарогири масъалаҳои зерин мебошад:**

1) Омӯхтани асосҳои методологии илмҳо (мавқеи алоқаи нутқ ва тафаккур дар ошкор сохтани роҳҳои самарабахши инкишофи нутқ).
2) Омӯхтани таҷрибаи бои гузаштагонамон – усули меросӣ ва дар заминаи онҳо пеш бурдани усули таълими забон, ҳамчун фанни таълимии муосир.
3) Омӯхтани тадқиқоти олимони шинохтаи ҷумҳурӣ ва бурунмарзӣ, омӯзиши фанҳои ба ҳам алоқаи мантиқидошта: лингвистика, педагогика, психология ва методикаи таълими ҳама гуна фанҳо.

**II. Усулҳои эмпирикӣ (тачрибавӣ), ки фарогири нуктаҳои зерин мебошанд:**

1. Омӯхтани таҷрибаи омӯзгорони пуртаҷрибаву эҷодкор, таҳлил ва омӯхтани маводе, ки дар заминаи фаъолият ва ё тачрибаи кории онҳо доир ба роҳҳои рушд додани инкишофи нутқи хонандагон гирд оварда шудааст.

2. Омӯхтани натиҷаи корҳои хаттии хонандагон, ҳамчунин, дар байни хонандагони синфҳо таъсис додани анкетаҳо бо мақсади санҷидани сатҳи ташаккули нутқи шифоҳиву хаттии онҳо.
3. Таъсис додани озмоишҳои педагогӣ (муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда) ва дар ин раванд таҳлил ва ҷамъбаст намудани сатҳи донишҳои назариявӣ ва инкишофи нутқи мураттаби онҳо.

Бояд тазаккур дод, ки ин се метод ва нукоти ба онҳо иртиботдошта талаботи меъёриеанд, ки риояашон дар раванди таълими синтаксиси забони тоҷикӣ зарурат дорад. Талаби асосӣ нисбат ба нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон - равшану пурмазмун ва мантиқан дурусту возеҳ ифода кардани фикр дар раванди таълими синтаксис дар синфҳои 8-9 мебошад. Зарур аст, ки дар ин раванд нутқи шифоҳӣ бо нутқи хаттӣ алоқаи амиқ дошта, яке барои инкишофи навъи дигаре мусоидат намояд.

Дар мавриди масъалаи инкишофи нутқ, ҳатман ҳолати китобхонию луғатомӯзии хонандагонро ба эътибор гирифтан зарур аст. Дар ин самт хониши берун аз синф ва мутолиаи асарҳои гуногун аз тарафи хонандагон аз чанд ҷиҳат муфид аст, ки дар ин раванд дониш ва захираи луғавии хонанда бой ва ҷаҳонбиниаш васеъ мешавад; хонандаи ботаваҷҷуҳ зимни мутолиа бо қоидаҳои сухангӯйӣ ва имло бештар шиносоӣ пайдо намуда, тарзи дурусти истифодаи калимаю ибораҳоро ба хотир мегирад. Хонандагони синфи 8-9-ро лозим аст, ки мунтазам ба хониши асарҳои бадеӣ, аз ҷумла осори классикон рӯй оварда, тавассути чунин амал вежагиҳои беҳтарин намунаҳои нутқи зебову солим, адабиву маданиро омӯзанд.

Барои ин омӯзгор метавонад, дар дарсҳои забони тоҷикӣ низ аз матнҳои бадеии дар китобҳои дарсии фанни адабиёт омада истифода барад. Ҳамчунин, истифодаи порчаҳо аз асарҳои хусусияти тарбиявидошта, шеър ва ҳикояҳои аз ҷониби ровиёни касбӣ қироатгардида низ ба мақсад мувофиқ аст.

Ба назари мо, яке аз чунин роҳҳо ин аст, ки хонандагон баъзан фикрашонро доир ба мавзуи нақл ё иншо шифоҳӣ баён намуда, баъд хаттӣ ба қалам диҳанд, ба манфиати кор аст. Масалан, дар машқи 3 китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 8 (дар саҳ. 80) вобаста ба матни аз осори Муҳаммад Ғаззолӣ интихобшуда чунин талаб гузошта шудааст:

«**Машқи 3.** Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нависед. Сипас, пуркунандаҳои бевоситаро аз матни навиштаи худ ёбед ва ба ҳар кадом савол гузоред:

Подшоҳро нарду шатранҷ бохтан ва май хӯрдану гӯй задан ва шикор кардан пайваста набояд, зеро ки ӯро аз корҳо боздорад. Ҳар кореро вақтест. Чун вақт набошад, суд зиён гардаду шодӣ ғам гардад. Аммо хусравони пешин рӯзро ба чаҳор қисмат кардандӣ: як баҳра Эзидро парастидандӣ ва тоат кардандӣ, як баҳра андар подшоҳиву мулки хеш назар кардандӣ ва мазлумонро дод бидодандӣ ва доноёну хирадмандон тадбир карданд ва фармонҳо додандиву номаҳо навиштандӣ ва расулон фиристодандӣ. Ва баҳри севум аз хӯрдану хуфтан ва аз ин ҷаҳон баҳра баргирифтан ва шодию хуррамӣ будандӣ. Ва баҳраи чаҳорум ба шикору чавгон задан ва он чӣ бад-ин монад машғул гаштандӣ.

Баҳроми Гӯр рӯзгори хеш ба ду ним кардӣ: як ними рӯз кори мардумон гузоридӣ ва як ними рӯз биосудӣ ва андар ҳама подшоҳии ӯ касе рӯзи тамом кор накардӣ.

Нӯшервони одил фармуда буд, то бар баландӣ рафтандӣ ва аз хонаҳое, ки дуд барнаомадӣ, бипурсидандӣ, ки чӣ будааст. Агар андак ғаме будандӣ, он аз эшон баргирифтӣ.

Ва набояд ки ҳеҷ подшоҳе раво дорад, ки омилони вай аз раият чизе ба ноҳақ биситонанд» [13:80].

Машқи мазкур ба инкишофи нутқи хаттиву даҳонии хонандагон нигаронида шуда, азбар намудани луғатҳои он таркиби луғавии

хонандагонро ғанӣ мегардонад. Савол ва супоришоти зермашқ салоҳияти коммуникативии хонандагонро ташаккул медиҳад. Чунончи:

1. «Кадом номро ба матн мувофиқ медонед? Чаро?
2. Шумо, аз он ки подшоҳони пешин рӯзро ба чаҳор қисмат ҷудо кардаанд, розиед? Шумо, агар подшоҳ мебудед, вақтро чӣ тавр истифода мебурдед?

**Машғул гаштандӣ, қисмат кардандӣ** ва ба ин монанд ифодаҳоро дар забони имрӯза дар кадом шакл баён мекунанд?» [13:80].

Дар синф хонандагоне ёфт мешаванд, ки онҳо маънои калимаҳои **шатранҷ, гӯй, суд, хусрав, Эзид, мазлум** ва чанди дигарро, ки дар луғатномаҳои китобҳои синфҳои поёнӣ шарҳ ёфта бошанд ҳам, дар луғати матни мазкур оварда нашудааст, намедонанд. Аз ин рӯ, мазмуни ин қабил матнро возеҳ баён карда наметавонанд. Бинобар он, бори дигар ба хотир овардану шарҳ додани он луғатҳо ба манфиати кор аст. Аз ин лиҳоз, бино ба таъкиди муҳаққиқон, барои инкишофи нутқи мураттаб баъзан руҷуъ кардан ба масоили қаблан баррасигардида аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан, он намунаҳои осори классикон, ки дар дарсҳои адабиёт таҳлил мешаванд, дар дарсҳои забони тоҷикӣ низ мавриди таҳлили лингвистӣ қарор додан натиҷаҳои хуб ба бор меорад. Бартарии ин усул аз он иборат аст, ки ин дафъа хонандагон кӯшиш мекунанд, ки аз ҳисоби маълумоту далелҳои нав матнро дақиқтар сарфаҳм раванд, бадеияти онро тавассути истифода аз қолабҳои нави ҷумлаҳо баландтар бардоранд. Маҳз, дар рафти иҷрои чунин амалҳо нутқ ва тафаккури хонандагон инкишоф хоҳад ёфт.

Равишшиносон маслиҳат медиҳанд, ки «айни як матнро дар дарсҳои забони модарӣ ду-се маротиба барои таҳлил истифода кардан мумкин аст, ба шарте ки ҳар навбат он матн аз диди нав, яъне барои намоиш додани ҳодисаи дигари забон истифода шавад» [181:42].

Аснои интихоб аҳаммияти тарбиявии матнҳо низ бояд ба эътибор гирифта шавад. «Аксарияти муаллимон дар таълими забони тоҷикӣ

танҳо бо шарҳи мавзӯи дарс қаноат варзида, ҷиҳатҳои тарбиявии дарсро ба назар намегиранд. Ин ҷо аз як тараф, муаллимон камҳавсала бошанд, аз тарафи дигар айби китобҳои дарсӣ низ ҳаст, зеро дар онҳо барои таълими на ҳама мавзӯъҳо мисолу машқҳои содаи аҳлоқӣ оварда шудаанд. Аз ин сабаб ба муаллимон лозим меояд, ки дар доираи китоби дарсӣ банд нашуда, аз адабиёти гуногун низ истифода баранд» [167:24].

Дар ин бобат муаллим метавонад матнҳоро доир ба мавзуъҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, накӯкорӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми калонсолон, ҳурмати волидайн, аҳду вафо, худшиносии миллӣ ва амсоли инҳо интихоб намояд, ки чунин намунаҳо, хусусан, дар осори адибони классик зиёданд.

Корбурди чунин равишҳои таълим имкон фароҳам меорад, ки фаъолнокии хонандагон на танҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ, балки дар дигар дарсҳо ҳам таъмин гардад, яъне дар онҳо малаки озодона баён кардани фикр пайдо мешавад. Муҳассилин қолабу қоидаҳои ҷумлабандии омӯхтаашон, тарзи ифодаи дурусти фикрро дар раванди омӯзиши фанҳои дигар, умуман, дар фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва амалии худ низ пурсамар истифода хоханд намуд.

**Мисоли дигар.** Дар синфи нуҳум оид ба матни ҳикояи Ҳусайн Воизи Кошифӣ иҷрои чунин супориш дар китоби дарсӣ омадааст:

**Ҳикояро хонда, мазмунашро нақл кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиброчудо намуда, таҳлил кунед [95:196].**

Ба ғайр аз супориши дар матни мазкур омада бо мақсади муайян кардани ҷанбаи тарбиявии мазмуни матн, хонандагонро метавон ба иҷрои супоришҳои зерин низ ҳидоят намуд. Чунончи, аз онҳо:

- баҳо додан ба кирдору рафтори қаҳрамонҳо, муайян кардани муносибати худ нисбат ба қаҳрамонҳои ҳикоя;
- таҳияи нақша ва аз рӯйи он мухтасар нақл кардани мазмуни матни хондашуда;
- мустақилона тавзеҳ додани мақсади асосии муаллиф;

- шарҳи маъноҳои асливу маҷозии ибораҳо аз матн (масалан, оташи гуруснагӣ фурӯ нишондан);
- аз матн ёфтани калима ва ибораҳои кушояндаи образи қаҳрамононро талаб кардан.

Нақли шифоҳии чунин ҳикояҳои шавқовари ба қобилият ва синну соли талабагон мувофиқ, ки мазмунан баландғоя ва шаклан муъҷазу зебо буда, талабагонро ба қаноатпешагӣ тарбия менамоянд, ба манфиати кор аст. Умуман, хонандагонро пайваста ба нақли матну порчаҳои хондашуда водор намудан яке аз воситаҳои инкишофи нутқи алоқаманд маҳсуб ёфта, ба ташаккули малакаҳои нутқи шифоҳии онҳо нақши назаррас доранд ва ба инкишофи чунин малакаҳои хонандагон мусоидат мекунанд:

а) шунидан, дар хотир нигоҳ доштан ва ба таври шифоҳӣ ва ё хаттӣ ифода кардани фикр;

б) ташаккули тафаккури мантиқӣ, малакаҳои ҷудо намудани нуктаҳои асосӣ аз ғайриасосӣ, хулоса баровард ва бо далелҳо исбот карда тавонистан;

в) баёни пайдарпайи фикр, фасеҳбаёнӣ, ғановати таркиби луғавӣ.

Умуман, забон, услуб ва мазмуни матнҳо, ки барои таҳлили масоили забон интихоб карда мешаванд, бешубҳа, ба забон ва услуби баёни хонандагон бетаъсир нахоҳанд монд.

Инкишофи маданияти нутқи шифоҳии талабагон аз ҳар як муаллим кори мунтазаму дарозмуддат бурданро тақозо мекунад. Дар раванди машғулиятҳои фанни забони тоҷикӣ дар синфи 8-9 баробари эътибор додан ба таҳлилу баррасии қоидаҳои грамматикӣ, таваҷҷуҳи пайваста ба баёни мазмуну маънии матнҳое, ки барои муаррифии ин қоидаҳо истифода мешаванд, низ лозим мебошад ва он ба такмили маданияти нутқи талабагон мусоидат мекунад. Андешаҳои зерини методист Б.И.Казаков фикри моро тақвият мебахшад: «Дар таълими забони модарӣ коре, ки муаллим барои инкишофи нутқ мегузаронад, ба лаҳзаи

ночизи барои исботи ин ё он қоида истифодашаванда табдил наёбад. Вай (инкишофи нутқ- Р.М.) бояд мавқеи сазовор дошта бошад. Фаромӯш набояд кард, ки талаба забони модариашро медонад ва ба он сару кор дорад, на бо забони ғайр. Агар ӯ бо забони ғайр кор медошт, лозим буд, ки аввал қоидаеро аз бар карда, фикри худро то замони малакаву маҳорати муайян ҳосил шудан мувофиқи чорчӯбаи он ифода кунад» [151:19]. Мутаассифона, риоя накардани асосҳои дидактикии таълим сабаби халал дар ташаккули нутқ ва салоҳияти иртиботии хонандагон мегардад, ки масъала на танҳо дар доираи илми равишшиносӣ, балки фаротар аз он рафтааст: «...дар мактаби миёна, барои гуфтори адабиро ёд додан, илми забоншиносиро меомӯзонанд. Ва ин усули таълим боис мегардад, ки хонандагон на забонро ёд мегиранд ва на илми мураккаберо чун забоншиносӣ аз бар менамоянд. Ин усул забонро ҳамчун сохтор меомӯзонад ва вақти зиёди омӯзандаро сарфи ҳамаҷониба фаро гирифтани сарфу наҳв (грамматика) мекунад. Дар натиҷа, мактабхон дониши назариявии забонро ёд мегирад, аммо худи забонро не. Вай ҳиссаҳои нутқро медонад, вале дар худи нутқ заиф аст ва наметавонад ба забони адабӣ, ҳамон тавре ки бо забони лаҳҷа озод сухан мегӯяд, ҳарф занад» [86:119].

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар хонандагон нутқи шифоҳиву хаттии ҳаматарафа инкишофёфта тарбия карда шавад, яъне “онҳо ҳангоми муошират бо ҳамаи ашхоси касбу кораш гуногун мувофиқи меъёрҳои забони адабии имрӯзаи тоҷик муттасилу пайдарпай, фаҳмову саҳеҳ, ифоданок ё худ бурровy нишонрас гуфтугӯ карда тавонанд, тарзи баёнашон дар нутқи хаттӣ низ дар заминаи талаботи меъёрҳои забони адабӣ, вале бо риояи қоидаҳои қабулшудаи имлову мавридҳои маъмули истифодаи аломатҳои китобат сурат гирифта бошад» [59:267].

Аз роҳҳои муҳимми инкишофи нутқи мураттаби хонандагон намоиш додан ва ба онҳо шунавонидани намунаҳои беҳтарини нутқи суфтаю равон мебошад, ки дар ин раванд барояшон ҷанбаҳои

тарбиявии матни адабӣ, обуранги бадеии онҳо тавассути хониши ифоданок, талаффузи дурусти калимаю ибораҳо ва риояи қоидаҳои сухангӯӣ равшан мегардад. Дар ин ҷода ҳар чӣ бештар истифода намудан аз осори адабӣ, махсусан, аз адибони классики тоҷику форс дар раванди дарсҳои забони тоҷикӣ усули беҳтарин маҳсуб меёбад. Зеро «ҷараёни таълими забони модарӣ бояд чунон бошад, ки ба такмилу суфта гардидани нутқ ва вусъати боигарӣ, аниқӣ, ҷаззобӣ ва одоби он хизмат кунад; дар талабагон хислатҳои эҳтиёткор будан нисбат ба калом, хушзеҳнӣ, зуд дарк кардани моҳияти фикри мусоҳиб, мавридшиносӣ ва одоби суханро тарбия намояд» [151:19].

Дар ин ҷода, бахусус, интихоби матнҳои кӯтоҳ аз осори классикон: ҳикояҳои пандомӯз аз «Бӯстон»-у «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Қобуснома»-и Кайковус ва амсоли инҳо намунаҳои беҳтарин маҳсуб меёбанд.

Албатта, дар ҷодаи мураттаб намудани нутқи хонандагон эътибор додан ба корҳои хаттии онҳо бештар зарурат дорад. Чунки ҳангоми хаттӣ баён кардани фикр, ё ки навиштани нақли хаттӣ, иншо ва ё эссеҳои гуногун иддае аз талабагон як андоза имкониятҳоро дар ихтиёр доранд: Онҳо метавонанд дар корҳои хаттиашон фикри худро дар шаклҳои гуногун ва бонизом ифода намоянд. Дар варақаи сиёҳнавис имкон дорад, ки ҷумлаҳоро гаштаву баргашта таҳрир намоянд. Ба ифодаи дигар, онҳо барои истифодаи нутқи коммуникативии худ дар раванди иҷрои корҳои хаттии мустақилона дастрасии бештарро доро хоҳанд буд.

Ҳамин тавр, агар муаллим дар раванди таълими мавзуъҳои синтаксисӣ корҳои хаттиро низ мунтазам ташкил намояд, бешубҳа, ба хонандагон додани маълумоти назарӣ, боло бардоштани дараҷаи саводи хаттӣ ва вусъати ҷаҳонбиниву тарбияи ахлоқиву маънавии онҳо низ метавонад, ба комёбиҳо соҳиб гардад. Масалан, дар робита бо мавзуи ҳар дарс аз рӯйи маводи осори классикӣ гузаронидани диктантҳои

таълимиро ба роҳ мондан муфид аст, зеро асоси инкишофи нутқи мураттаби хонандагонро бештар нутқи хаттӣ ташкил медиҳад.

Аммо, чунон ки методистон таъкид намудаанд, «нутқи хаттии шогирдони мактаб нисбатан дар сатҳи паст аст. Афзуда аз ин, аксарияти хонандагон таассурот, эҳсос ва дониши ҳосилкардаи худро ба таври шифоҳӣ баён карда тавонанд ҳам, онро ба тариқи хаттӣ беғалат ва бо низоми муайян рӯйи қоғаз оварда наметавонанд. Дар навиштаҷоти онҳо ғалатҳои ниҳоят зиёди услубӣ, имлоӣ, китобатӣ ва ғайра ба мушоҳида мерасанд. Феълан, осонгӯйӣ ва хушкбаёнӣ хосияти асосӣ ва чорчӯбаи анъанавии услуби баёни хонандагон аст» [64:204].

Нуктаи дар боло иқтибосшуда беасос нест, зеро бино ба қайди мураттибони Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ, ба инкишофи нутқи мураттаб дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба таври зарурӣ таваҷҷуҳ дода намешавад. Таъкид мегардад, ки: «Таҳлили вазъи таълими забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ малакаю маҳорати нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба таври зарурӣ ташаккул дода намешавад. Маълумотҳои назарии забони тоҷикӣ барои ташаккул додани фаъолияти амалии нутқ пурра истифода намешаванд» [7:13].

Омили асосии инро равишшиносон ба он вобаста медонанд, ки «роҳу усулҳои самараноки омӯзиши каломи модарӣ мавриди тадқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст; омӯзгорон фардияти нутқи хонандагонро пурра ба ҳисоб намегиранд; шеваҳо аз забони адабӣ, ки ҳоло ниҳоят дуранд, дар ифодаи фикри мактабиён таъсири номатлуб мерасонанд; хонандагон меъёри забони адабиро ба таври бояду шояд аз худ намекунанд; дар дарсҳои забон ва адабиёт омӯзгорон аз намудҳои гуногуни корҳои хаттӣ ниҳоят кам истифода мебаранд ва ғ.» [64: 204].

Салоҳиятҳои забониву коммуникативии хонандагон дар синфҳои 8-9 дар сурате ташаккул мeёбад, ки дар ҳар як дарси омӯзиши маводи нав мақсадҳои дарс муҳокима ва мушкилоти он муайян карда шавад ва

ниҳоят, якҷоя бо омӯзгор роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ карда шавад. Ба ифодаи дигар, мақсади дар хонандагон рушд додани салоҳиятҳо онҳоро ба дарку фаҳмидан ва азхудкунии маълумоти босифат ҳидоят намудан мебошад.

Омилҳо дар зер овардашуда низ аз роҳҳои беҳтарини ноил шудан ба инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон маҳсуб меёбад:

**I. Луғатомӯзӣ.** Дарвоқеъ, луғатомӯзӣ дар инкишофи нутқи хаттию даҳонии хонандагон аҳаммияти басо калон дорад. Он, ҳамчун қисми таркибии дарсҳои забони тоҷикӣ, бо тамоми қисматҳои омӯзиши забон алоқаманд аст. Мутолиаи осори адабӣ, бахусус, аз осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик, ки калимаҳои камистеъмол, бадеъ ва шарҳталаб фаровон дучор мешаванд, захираи луғавии нутқи талабагон ғанӣ гардида, онҳоро бо маънову сохти калимаву ибораҳо ва сохтори ҷумлаҳои нав шинос мекунад. Омӯзгор низ, ҳар гоҳ ки ба машғулияти навбатӣ тайёрӣ мебинад, миқдор, хусусият ва тарзи эзоҳи луғатҳоро муайян менамояд. Аз асарҳои шоирони классикӣ бо ширкати фаъолонаи хонандагон калимаҳои нофаҳморо ҷудо карда, шарҳу эзоҳ медиҳад. Инчунин, муаллим аз китоби дарсӣ луғатҳои дар повараќи китоб додашударо низ бояд ба хонандагон муаррифӣ намояд. Ин навъи кор малакаи мантиқии тафаккур ва баҳамалоқамандии нутқи шифоҳию хаттиро таъмин менамояд. Масалан, дар синфи 8 барои мустаҳкамкунии мавзуи «Пуркунанда» машқи 15 [13:90] пешниҳод шудааст, ки матни он ҳикояте аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Дар супориши машқи мазкур чунин омадааст:

«**Ҳикояро хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист? Пуркунандаҳои онро ёбед ва кадом навъ буданашонро шарҳ диҳед:**

Кабӯтарро гуфтанд:

- Чун аст, ки ту ду бача беш барнаёрӣ ва чун мурғи хонагӣ бар бештар аз он қудрат надорӣ?

Гуфт:

- Бачаи кабӯтар  ғизо аз ҳавсалаи модару падар мехӯрад ва чӯҷаи мурғи хонагӣ аз мазбала бар ҳар роҳгузар. Аз як ҳавсала ғизои ду бача беш натвон дод ва аз ним мазбала дари рӯзии ҳазор чӯҷа тавон кушод.

**Қитъа:**

Хоҳӣ, ки шавӣ ҳалолрӯзӣ,

Ҳамхона макун аёли бисёр.

Донӣ, ки дар ин сарочаи танг,

Ҳосил нашавад ҳалоли бисёр!» [13, 93]

Пас, дар поёни ҳикоят шарҳи калимаҳои зерини адабии китобӣ бо мақсади луғатомӯзӣ пешниҳод гаштааст:

«**мазбала**– пасафкандаҳо

**ҳавсала**– чинадон, ҷиғилдони мурғ, меъдаи парандагон

**аёл(иёл)** – оила, хонавода, зану фарзанд

**сароча**– хонаи хурд(киноятан дунё)» [13, 93].

Лозим ба таъкид аст, ки дар вақти шиносоӣ бо матнҳои адабӣ истилоҳоте вомехӯранд, ки  фаҳмонида додани маънои онҳо низ нутқи шифоҳии талабагонро бой мегардонад. Бахусус, дар ҷараёни таҳлили асар калимаҳое дучор меоянд, ки ба ин ё он давраи таърихӣ мансубанд. Дар ин бобат муаллим вазифадор аст, ки дар баробари эзоҳи воқеаҳои таърихӣ-адабӣ калимаҳои ношинос ва шарҳталаби дар он матнҳо бударо ҳам шарҳ диҳад. Чунки шарҳ додани маънои чунин калимаҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки мазмуни матнро дуруст фаҳмида, минбаъд дар нутқи худ ин гуна калимаҳоро моҳирона истифода ҳам бурда тавонанд.

Умуман, луғатомӯзӣ ҳамчун яке аз қисматҳои муҳими омӯзиши забон ба ташаккули фарҳанги нутқи шогирдон таъсири мусбат мерасонад. Он метавонад бевосита дар ҷараёни дарс вобаста ба матни машқҳо роҳандозӣ мегардад. Зеро дар матнҳо, бахусус, манҳо аз осори классикон, калимаю ибораҳо ва истилоҳоти душворфаҳм ба таври фаровон ба кор рафтаанд. Табиист, ки дар давоми машғулият маънидод

ва эзоҳ додани онҳо ба маърифат намудан ва бой гардидани таркиби луғавии муҳассилин мусоидат мекунад.

II. **Таҳлили сохтори ҷумлаҳо** низ яке аз усулҳои самараноки инкишофи нутқи хаттии хонандагон маҳсуб меёбад. Зеро таҳлил дар раванди таълими забони тоҷикӣ, ҳамчун яке аз усулҳои сермаҳсул, барои омӯхтани грамматика, фонетика, лексика ва забони асарҳои бадеӣ нақши муҳимро мебозад. «Дар асоси ин усул (таҳлил - Р.М.) ҳодисаҳои забонӣ ва нишонаҳои асосии он, монанди категорияҳои грамматикӣ, шаклҳои грамматикӣ, гурӯҳҳо ва сохти калимаҳо ва орфограммаҳо, таснифоти овозҳо аз диди фонетикӣ, хусусиятҳои лексикии забони тоҷикӣ ва услубҳои гуногуни дар забони тоҷикӣ роиҷбуда шарҳу эзоҳ дода мешаванд» [101:3].

Бахусус, дар раванди таҳлили ҷумла муайян намудани сохти он ва муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоҳои таркиби он, муайян кардани мавқеъ ва дарки маънову мазмуни ин ҳама аҳаммияти калон дорад, ки дар ин раванд хонандагон бо хусусиятҳои забони асари бадеӣ мукаммалтар шинос шуда, ҷиҳати синтаксисӣ ва мантиқии матнро меомӯзанд. Таҳлили ҳодисаҳои забонӣ намуди машқест, ки ҳангоми иҷрои он хонандагон бо нишондоди муаллим аз матн ҷумлаю ибораҳои ҷудогонаро интихоб намуда, мансубияти онҳоро тибқи талаботи пешниҳодшуда ба ин ё он ҳодисаҳои забон муайян менамоянд. Чунин амал, бино ба ақидаи методист С. Ҳоҷиев, дар раванди таҳлили ҷумла дорои чунин бартариҳо мебошад:

«а) воситаи пуркимати дар амалия ба хонандагон фаҳмонидани қоидаҳои грамматикӣ ва маълумоти нави грамматикӣ мебошад;

б) ба хонандагон имконият медиҳад, ки таърифоти грамматикиро бошуурона дар амал татбиқ намоянд;

в) дар инкишофи фикри эҷодии хонандагон ба як нуқта муттаҳид намудани афкори хонандагон ва кори мустақилонаи онҳо кӯмак мерасонад;

г) воситаи муҳими мустаҳкам намудан ва санҷиши дониши хонандагон аз грамматика ва қисмҳои забон мебошад;

ғ) дар мустаҳкам намудани малакаҳои орфографӣ ва пунктуатсионии хонандагон ёрии амалӣ мерасонад» [101: 4].

Таҳлили ҳодисаҳои забон он ҳама донишҳоеро, ки хонандагон дар марҳилаҳои гуногун аз забон гирифтаанд, бо ҳам алоқаманд мекунад ва ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки донишҳои пештараашонро беҳтар ва амиқтар азхуд намоянд. Таҳлил на танҳо барои фаҳмонидани маънои ҳар як ҷумла, сохти калима ва таркибу ибораҳо аҳаммият дорад, балки барои аз забон ба тарзи эҷодӣ истифода бурдан низ ба хонандагон кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, роҳҳои инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон яке аз рукнҳои асосии раванди таълими забони модарӣ дар ҳамаи синфҳо, аз ҷумла, дар синфҳои 8-9 маҳсуб меёбад ва, сараввал, вазифаҳои ба таври амалӣ аз худ кардани меъёрҳои забони адабӣ, ва такмил додани маданияти нутқи хонандагон меистад. Ба ибори дигар, мақсаду вазифаи ҳамешагӣ ва ниҳоии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик аст, ки маҳорати озод, дуруст ва бошуурона хондан, алоқамандона ва пайдарпай баён кардани фикрро талқин намоянд.

## 1.2. Вазъи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар доираи омӯзиши осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9

Таълими системаноки курси синтаксис, ки дар синфҳои VIII - IX ба роҳ монда мешавад, идомаи курси муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» аст, ки дар синфи V дар ҳаҷми 14 соат омӯзонида мешавад.

Доир ба ҷумла ва сараъзоҳои ҷумла хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ ҳам баъзе маълумоти назарӣ пайдо намудаанд. Аз ин лиҳоз, вазифа ва мақсади дигари таълими курси системаноки синтаксиси

забони тоҷикӣ дар синфи VIII - IX ин аст, ки донишу маърифати қаблии хонандагон мустаҳкамтар ва бо маълумотҳои нав такмилу инкишоф дода шавад.

Наҳв пойдеворест, ки дар асоси он тафаккури хонандагон ташаккул меёбад, нутқашон шакл гирифта, алоқамандона бо он донишашон мукаммалтар мегардад. Аз ин нуқтаи назар, аз худ кардани қонуну қоидаҳои наҳв, воҳидҳои он аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Воҳидҳои синтаксисӣ - ибора ва ҷумларо дар ҳаёти ҳаррӯза одамон барои мубодилаи афкор истифода мебаранд, бинобар ин, равонию суфтагии баёни шахс, шукуҳмандии гуфтори ӯ ва фарҳанги нутқ аз бисёр ҷиҳат ба риояи қонуну қоидаҳои наҳв вобаста мебошад. Донистану дарк кардани он ба ҳар як одами бомаълумот, сарфи назар аз касбу соҳаи фаъолият зарур аст, зеро бе донистани он дар гуфтор ва навиштор дуруст сохтани воҳидҳои синтаксисӣ имкон надорад. Қонуну қоидаҳои синтаксис имконият медиҳад, ки бо кадом тарзу воситаҳо алоқаманд гардидани калимаҳоро дар ибораю ҷумла донем, аз чӣ ва чӣ тавр сохтани воҳидҳои синтаксисиро сарфаҳм равем.

Маълум аст, ки воҳидҳои синтаксисӣ ибора, ҷумла ва матн буда, азбар намудани аломатҳои муҳимми сохторӣ ва маъноии ин воҳидҳои синтаксисӣ, на танҳо барои дар нутқи хаттӣ бамаврид истифода намудани аломатҳои китобат ба шахс мадад мерасонанд, инчунин, барои фаҳмидани мазмуни аниқи гуфтору тарзи дурусти баёни нутқи хаттӣ кӯмак мерасонад. Ғайр аз ин, дуруст азбар кардани тарзҳои гуногуни ифодаи фикр барои баён намудани ҳама гуна ахбору саҳеҳии матлаб аҳаммияти калон дорад.

Лозим ба таъкид аст, ки барои ҳар шахс на фақат истифодаи бамавриди воҳиди асосии синтаксис – ҷумла, ки воситаи муҳимми мубодилаи байни аҳли ҷомеа аст, зарурат дорад, балки бамаврид ё дуруст истифода карда тавонистан аз воҳидҳои дигари забон: калима, таркиб, ибора низ зарурати маҳзро доро мебошад. Он калимаю таркиб

ва иboраҳо вобаста ба мавзуи ахбор  ва ё мазмуну матлабе, ки гӯянда ё нависанда баён мекунад, ҳангоми гуфтору навишт бо ин ё он воситаҳои грамматикӣ ба ҳам алоқа пайдо карда, қолаби (тарзи) ифодаи фикр, яъне ҷумларо ба вуҷуд меоранд. Дар ин росто хонандагонро бо қолабҳои дурусти ифодаи фикр ошно сохта, қонунҳои маъмулу зарурии синтаксисии ҷумлаофариро омӯзондан зарур аст. Барои ҳамин ҳам, хонандагон бояд бо хусусиятҳои ҷумла, ҳамчун воҳиди асосии синтаксис ва ибора, ки рукни асосии ҷумла маҳсуб меёбад, ҳарҷониба шинос шаванду тарзи ташаккули онро донанд.

Ба омӯзгорон донистани масъалаҳои дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11 пешниҳодшуда зарурат дорад, ки бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2017 таҳти №06 ба чоп тавсия шудааст. Стандарти  мазкур, ки бо назардошти ворид сохтани тағйироти бунёдӣ дар низоми таълими забони тоҷикӣ таҳия гардидааст, яке аз ҷузъҳои таркибии ислоҳоти умумии соҳаи маориф маҳсуб мегардад. Он ҳуҷҷатест, ки дар асоси талаботи «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030» ва бо назардошти вазъи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия шудаасту талаботи дар доираи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим гузаштанро тақозо менамояд, ки ин нуқта айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти бархе аз давлатҳо роиҷ буда, характери ҷаҳонишавиро ҳам гирифта истодааст.

Аз ин рӯ, Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ ба аксари талаботи зарурии таълими забони тоҷикӣ дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти маориф ҷавобгӯ мебошад. Меҳвари асосии таълимро дар барномаи мазкур мафҳуми салоҳиятнокӣ фаро гирифта, талаб карда мешавад, ки ҳалли масъалаҳои амалии таълими забони тоҷикӣ дар доираи салоҳиятнокӣ баррасӣ карда шаванд.

Роҷеъ ба арзишу аҳаммияти барнома оид ба қисмати синтаксис ва маводи китобҳои дарсии забони тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти миёна,

ки солҳои мухталиф интишор ёфтаанд, дар рисолаву мақолаҳои методистони тоҷик С.Аминов, М.Лутфуллоев, С.Шербоев, С.Неъматов, С.Хоҷиев, Ф.Шарифзода ва дигарон дар иртибот ба таълими он басе мулоҳиза ва пешниҳодҳо рӯйи чоп омадаанд. Дар рисола ва корҳои методии мутахассисони бурунмарзӣ аз қабили В. В. Виноградов, М. И. Гореликова, Т. К.Донченко, Е.И.Никитина, О.А.Романенко, А. А. Сисолятина ва дигарон дар иртибот ба омӯзиши синтаксис дар асоси матнҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна андешаҳои ҷолиб низ пешниҳод шудааст.

Дар ҳаллу фасли ин масъала рисолаи доктории профессор С. Шербоев «Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои дар забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII», ки ба таълими мавзуъҳои «Ибора», «Сараъзоҳои ҷумла», ва «Ҷумлаҳои сода» бахшида шудааст, нақши махсус дорад. Дар китоби дарсии ӯ «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» низ дар фаслҳои алоҳида дар иртибот ба асосҳои назариявию амалии таълими ҷумлаҳои мураккаб як идда муаммоҳо ба таври ҷолиб баррасӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш кардем, ки дар фасли навбатии рисолаи хеш мушаххасан доир ба мавқеи таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаву мураккаб дар китобҳои дарсӣ ва барномаҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 дар иртибот ба осори классикони форсу тоҷик ва ҷанбаҳои тарбиявии онҳо ибрози андеша намоем.

Бояд дар назар дошт, ки амалӣ гардидани талаботи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ ва муносибатҳои комилан нав дар раванди таълими грамматика замоне самарабахш мегардад, агар хонандагон ба омӯхтани забони модарӣ шавқу рағбат намуда, малакаҳои босаводона гуфтану навиштанро аз худ намоянд. Барои ба даст овардани ин натиҷа он чиро бояд ба хонандагон омӯзонд, ки дар амалия, дар баёну ифода зарурат дошта бошад.

Донишҳои дар синфҳои ибтидоӣ аз забони тоҷикӣ азхуднамудаи хонандагон ва ё маҳорату малакаҳои амалии дар синфҳои ибтидоӣ

ҳосилнамуда таҳкурсии инкишофи минбаъдаи нутқи онҳо хоҳад гашт. Зеро онҳо ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ ва дар синфи 5-ум доир ба нуқтаҳои зерини ҷумла ва қолабҳои зерини он шинос мешаванд: «Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, навъҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумла. Дар матн ибора ва ҷумларо аз ҳам фарқ кардан» [7:35]. Вале дар синфи 8-ум хонандагон дар раванди таълими ибора ва ҷумлаҳои сода метавонанд, соҳиби чунин салоҳиятҳо гарданд: «Навъҳои ҷумлаи содаро аз рӯйи оҳангу мақсад шинохтан ва фарқ кардан, тартиби калимаро дар ҷумла ба назар гирифтан, задаи мантиқиро бамаврид гузоштан» [7:47]. Аз ин лиҳоз, зимни андешаҳои олимони соҳа ва методистони ватанӣ метавон гуфт, ки айни ҳол раванди таълим аз омӯзгорон масъулиятнокиро ва аз таҳиягарони барномаҳо низ боз ҳам дақиқнигориро тақозо мекунад.

Низоми имрӯзаи таълими забони тоҷикӣ дар назди муаллимон низ вазифаҳои нав мегузорад. Таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, қисмати синтаксис бештар бояд дар ҳамбастагӣ бо фанни адабиёти тоҷик сурат гирад, зеро дар раванди баррасии масоили грамматикӣ тарбияи маънавии инсон - фарди замони имрӯз яке аз муаммоҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Ба воситаи осори барҷастаи бадеӣ маънавиёти шогирдонро ғанӣ гардонида, дар ниҳоди онҳо муҳаббату самимиятро ба инсон, ба ҷомеа, ба кишвару буми хеш парвариш додан имконпазир аст. Иҷрои ин амал, бо назардошти мавқеи эҷодиёти бузургтарин намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик дар тарбияи насли наврас зарур аст, то ки омӯзгорон дар баробари таълим додани таърифу қоидаҳои синтаксисӣ, ба ҷанбаи тарбиявии маводи интихобшуда низ диққати толибилмонро ҷалб созанд. Ба ибораи дигар, масъалаи тарбияи маънавиву ахлоқии муҳассилин бояд дар ҳамаи машғулиятҳои забони модарӣ мавқеи муносиби худро дошта бошад.

Агар ба китоби дарсии синфҳои 8-ум [12] ва 9-ум [94] мувоҷеҳ гардем, маълум мегардад, ки маводи ҷолиби диққат аз осори классикони форсу тоҷик, ки ҷанбаи тарбиявӣ доранд, бо мақсади бозомӯзии синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб манзур гаштааст. Дар ҷадвали зер мавридҳои истифодаи намунаҳои осори классикон дар дохили машқҳо барои таълими маводи назариявии синтаксис дар синфҳои 8–9-ум интихоб гардидаанд.

**Ҷадвали 1.**

| № | Ном ва насаби адибони классик | а) дар синфи 8 | б) дар синфи 9 |
|---|---|---|---|
| 1 | Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ | 2 | 8 |
| 2 | Абушакури Балхӣ | 1 | 3 |
| 3 | Асадии Тӯсӣ | - | 1 |
| 4 | Абулқосим Фирдавсӣ | 11 | 5 |
| 5 | Носири Хусрав | 6 | 6 |
| 6 | Низомии Ганҷавӣ | 1 | 7 |
| 7 | Саъдии Шерозӣ | 12 | 19 |
| 8 | Ҳофизи Шерозӣ | - | 3 |
| 9 | Абдураҳмони Ҷомӣ | 6 | 15 |
| 10 | Сайидои Насафӣ | 1 | 1 |
| 11 | Ҳусайн Воизи Кошифӣ | | 7 |
| 12 | Бедили Деҳлавӣ | | 2 |
| 13 | Хусрави Деҳлавӣ | | 1 |
| 14 | Авҳадии Мароғайӣ | | 2 |
| 15 | Самандархоҷаи Тирмизӣ | | 5 |
| 16 | Фаридаддуни Аттор | | 1 |
| 17 | Камолиддин Биноӣ | | 1 |
| 18 | Аҳмади Дониш | | 2 |
| 19 | Унсуралмаолии Кайковус | 1 | 2 |
| 20 | Ҷалолуддини Балхӣ | | 1 |

| Идомаи ҷадвали 1. | | | |
|---|---|---|---|
| 21 | Муҳаммад Авфии Бухороӣ | 1 | |
| Ҳамагӣ | 21 нафар намояндагони адабиёти классикӣ | 43 | 92 |

Аз ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ муаллифон ғояҳои ба таври умумӣ ба амал баровардани ҷанбаҳои тарбиявии дарсҳоро дар раванди таълими забони тоҷикӣ то андозае ба инобат гирифтаанд. Ҳадафи асосии мураттибон тибқи чунин амал дар заминаи маводи классикӣ на фақат намоишу баррасии таърифу қавоиди наҳвӣ, балки хонандагонро бо ғояҳои баланди осори классикон ошно кардан мебошад. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар синфҳои 8-9 машқҳое, ки комилан барои омӯзиши масоили грамматикӣ нигаронида шуда бошанд, басо кам назаррасанд, балки дар онҳо машқҳои инкишофдиҳандаи нутқ (коммуникатсионӣ – монологӣ ва диологӣ) бештар бартарӣ доранд. Масалан, доир ба китоби дарсии синфи 8-ум дар иртибот ба ҷумлаҳои сода, дар супориши машқи 13-ум чунин омадааст:

«Байтҳоро ифоданок хонед ва шарҳ диҳед. Сипас, мубтадоҳоро ёфта, таркиби онҳоро муайян созед.

1. Ҷавонони донандаи боҳунар
   Нагиранд беозмоиш ҳунар (Абулқосим Фирдавсӣ).
2. Наяндешӣ аввал чу дар пешаҳо,
   Саранҷом пешояд андешаҳо (Хусрави Деҳлавӣ).
3. Яке пеши Сом омадӣ з - он ду мард,
   Забон баркушодӣ ба гуфтори сард (Абулқосим Фирдавсӣ)
4. Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,
   Камоли одамӣ дар илм бошад» (Носири Хусрав) [13:67].

Таълими мавзуъҳои грамматикӣ дар алоқамандӣ бо матнҳои аз классикон ва ё адибони муосир интихобшуда, ки дорои аҳаммияти

ахлоқию маърифатӣ мебошанд, дар китобҳои дарсии забони тоҷикии синфҳои 8 ва 9 фаровон ба мушоҳида мерасанд. Мавҷудияти чунин матнҳо дар ин китобҳо дар раванди қироат ва азбаркунӣ нутқи шифоҳии хонандагонро инкишоф медиҳанд, ба иҷрои супоришҳои эҷодӣ барояшон заминаҳои нав ба навро муҳайё месозанд, ки дар ин ҷода бобати роҳандозии шогирдон нақши асосиро омӯзгор мебозад.

Ба хотири дақиқ баррасӣ намудани масъалаи мавриди назар дар зер номгӯи мавзуъҳои таълимии забони тоҷикии дар синфи 8 ва 9 баррасишавандаро пешниҳод мекунем назар (ниг.: Ҷадвали 2), ки дар сутунҳои он ҳам шумораи умумии машқ барои ҳар як мавзуъ ва аз ин теъдод чанд машқ аз осори классикон интихоб шуданаш муайян карда шудааст:

**Ҷадвали 2.**

| **№** | **Номгӯи мавзуъҳои таълимӣ дар синфи 8** | **Теъдоди умумии машқҳо** | **Аз адабиёти классикӣ** |
|---|---|---|---|
| 1 | Забон ва сухан | 4 | 3 |
| 2 | Такрор ва ҷамъбаст | 33 | 6 |
| 3 | Ибора ва ҷумла | 22 | - |
| 4 | Ҷумла. Хелҳои ҷумлаи | 39 | 4 |
| 5 | Ҷумлаҳои содаи дутаркиба Сараъзоҳо-асоси грамматикии ҷумла | 38 | 4 |
| 6 | Аъзоҳои пайрави ҷумла | 72 | 11 |
| 7 | Ҷумлаи и яктаркиба | 48 | 7 |
| 8 | Ҷумлаи чидааъзо | 27 | 3 |
| 9 | Мухотаб | 14 | 2 |
| 10 | Калима ва ибораҳои туфайлӣ | 22 | - |
| 11 | Аъзоҳои истисноии ҷумла | 14 | - |
| 12 | Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда | 12 | 1 |
| 13 | Такрор | 19 | 2 |
| 14 | Ҳамагӣ | 364 | 43 (12%) |

**Ҷадвали 3**

| № | **Номгӯи мавзуъҳои таълимӣ дар синфи 9** | **Теъдоди умумии машқҳо** | **Аз адабиёти классикӣ** |
|---|---|---|---|
| 1 | Забон ва сухан | 3 | 3 |
| 2 | Такрори маводи синфи 8 | 31 | 3 |
| 3 | Ҷумлаи мураккаб. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб | 3 | - |
| 4 | Ҷумлаи мураккаби пайваст | 11 | 1 |
| 5 | Ҷумлаи мураккаби тобеъ | 87 | 20 |
| 6 | Ҷумлаи мураккаби бепайвандак | 8 | - |
| 7 | Ҷумлаи мураккаби омехта | 4 | 1 |
| 8 | Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб | 7 | - |
| 9 | Хат ва пайдоиши он | 14 | 8 |
| 10 | Такрори маводи синфи 9 | 31 | 8 |
| 11 | Ҳамагӣ | 211 | 44 (20%) |

Чунонки мебинем, теъдоди намунаҳо аз осори классикон дар нашрҳои охирини китобҳои дарсӣ  дар синфи VIII 12 % ва дар синфи IX 20% -ро ташкил медиҳанд, ки ин назар ба солҳои қаблӣ зиёдтар ба назар мерасад.

Мо дар зер ҷадвали навбатиро пешниҳод карданием, ки дар онҳо теъдоди намунаҳо аз осори классикон дар нашрҳои солҳои гуногун таҳлил ва тариқи фоиз нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 4.**

| Синф | Муаллифон | Соли нашр | Ҷойи Нашр | Теъдоди умумии машқ | Аз осори класси-кон | Бо ҳисоби Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| VII-VIII (VIII-IX) | Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзӣ, А.Каримов | 1964 | Душанбе «Ирфон» | 258 | 1 | 0,4 |

| Идомаи ҷадвали 4. | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| VII-VIII (VIII-IX) | Б.Ниёзмуҳаммадов Ш.Рустамов | 1977, 1983 | Душанбе «Маориф» | 451 | 4 | 0,9 |
| VII VIII) | Ш.Рустамов А.Каримов С.Аминов | 1985 | Душанбе «Маориф» | 260 | 7 | 2,6 |
| VIII (IX) | Ш.Рустамов А.Каримов С.Аминов | 1986 | Душанбе «Маориф» | 228 | 4 | 1,7 |
| VIII | С.Аминов | 2007 | Душанбе «Собириён» | 355 | 35 | 9,9 |
| VIII | С.Аминов | 2015 | Душанбе «Маориф» | 363 | 43 | 11,8 |
| VIII | С.Аминов | 2020 | Душанбе «Маориф» | 396 | 34 | 8,5 |
| IX | Д.Хоҷаев Ф.Зикриёев А.Муллохонов | 2007 | Душанбе «Собириён» | 200 | 24 | 12 |
| IX | Д.Хоҷаев Ф.Зикриёев | 2013 | Душанбе «Маориф ва фарҳанг» | 205 | 32 | 15,6 |
| IX | Д.Хоҷаев Ф.Зикриёев М.Саломов | 2018 | Душанбе «Маориф» | 211 | 44 | 20 |

Чунон ки мушоҳида шуд, теъдоди машқҳо аз осори классикон дар китобҳои дарсӣ сол ба сол зиёд гардидааст, ки аз таваҷҷуҳи муаллифон ба қимати дидактикии осори классикон дарак медиҳад. Умед мебандем, ки ин равиш дар нашрҳоиояндаи китобҳои дарсӣ идома ёфта, теъдоди намунаҳо ва матнҳо аз осори пандомӯзи классикон бештар мегардад.

Ҳамин тавр, зимни интихоби матнҳо аз эҷодиёти классикон бояд бо принсипу меъёрҳои дидактикӣ - ҳам таълимиву ҳам тарбиявӣ риоя карда

шаванд. Яъне, дар баробари баррасии ин гуна мавод аснои муаррифии маводи назариявии синтаксиси забони тоҷикӣ аз ҷиҳати тарбиявӣ низ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гиранд. Масалан, пас аз таҳлили синтаксисии рубоии машҳури Рӯдакӣ «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ», ки дар китоби дарсӣ барои таълими ҷумлаи пайрави шарт оварда шудааст [96:86], омӯзгор бояд афзояд: Рӯдакӣ дар ин рубоӣ оид ба мардиву одамият андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Таъкид намудааст, ки инсон бояд амири қувваҳои ботинии худ бошад. Дар вуҷуди ҳар инсон қувваҳои ақлонӣ, хашму ғазаб ва шаҳвонӣ вуҷуд дорад. Вай бояд онҳоро идора намояд, ҳирсу ғазабро ҳамеша зери тасарруфи ақли худ нигоҳ дорад. Ҳамчун инсони комил, нисбат ба нотавону маъюбон раҳму шафқат доштан, дасти ёрӣ дароз намудан ба онҳо нишонаи мардӣ ё худ одамии ҳар як инсон бошад. Ниҳоят, бояд таъкид кунад, ки одамияти инсон, аввалан, дар муносибати вай нисбати корафтодагон, мӯҳтоҷон, бекасу бечорагон зоҳир мегардад.

Рубоии мазкур барои омӯзонидани бисёр ҳодисаҳои забонӣ намунаи хуб ба шумор меравад: Чунончи, аз диди морфологӣ: калимаҳои мустақилмаъно (**мардӣ** се маротиба) ва ҳам воситаҳои ёрирасони нутқ (**гар** ду маротиба) такрор шудаанд. Феъли «гирифтан» бо қабули пешванд (на-, би-) ва пасванд (-ӣ) ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ иртибот дораду дар мисраи дуюм бо калимаи «нукта»-эрод ва дар мисраи охир бо вожаи «даст» якҷоя феълҳои таркибӣ сохтааст.

Калимаи «фитода» аз асоси замони гузаштаи феъли **фитод** ё худ **афтод** бо ҳамроҳ кардани пасванди «а» сифати феълӣ (фитода, афтода) сохта, дар ҳар ду маврид метавонад ду маъноро ифода кунад: 1. ғалтидан (маънои аслӣ) ва 2. дармондаву нотавон будан (маънои маҷозӣ). Вожаи «мардӣ» шакли мухтасари ҷумлаи «мард ҳастӣ» буда, вазифаи сарҷумларо доро мебошад. Дар мисраи сеюм калимаи мазкур (мардӣ) на ҳамчун ҷумла, балки ҳамчун исм - мубтадо бо феъли **набувад** (**намебошад)** истифода шудааст. Барои дарки дурусти вожаҳои мардӣ

(мард ҳастӣ) ва мардӣ(маронагӣ) диққати хонандагон бояд ба ҷойи зада дар ин калимаҳо ҷалб карда шавад.

Дар мавриди пайвандакҳои «гар» ва «ар», ки дар забони ҳозираи тоҷик ба шакли «агар» маъмул аст, низ истода гузашта, аз ҳодисаи забонии ҳазфи овозҳо ёдовар шудан қимати таҳлилро меафзояд.

Тазаккур бояд кард, ки дар рубоии мазкур барои муайян кардани хислатҳои муҳимми инсонӣ корбурди шарҳу маънидоди чоркаратаи вожаи «мардӣ» басо созгор афтодааст. Махсусан, шарҳи таркибу ибораҳои рехтаи «**сари нафс**», «**нукта гирифтан**» (айбҷӯиву хӯрдагирӣ кардан) ва таркибҳои «**кӯру кар, фитодаро пой задан**» ба ҳиссиёти хонанда нохун зада, яъне таъсир расонда, дар вуҷуди онҳо баҳри иҷрои корҳои нек ва дастгиру мададрасони мӯҳтоҷону ниёзмандон будан барин нишонаҳои ахлокро талқин менамоянд. Азбаски рубоии мазкур дар иртибот ба ҷумлаи мураккаби тобеъ мавриди таҳлил қарор мегирад, агар миқдори ҷумлаҳои содаи таркиби онро ба инобат гирем, чунин аст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ (1), мардӣ (2),
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ (3), мардӣ (4).
Мардӣ набувад фитодаро пой задан (5),
Гар дасти фитодае бигирӣ (6), мардӣ (7). [96, 86]

Аз муоинаи рақамҳо бармеояд, ки ҷумлаи мураккаби мазкур дорои се сарҷумла (2,4,7), се ҷумлаи пайрави шарт (1,3,6) ва як ҷумлаи озод (5) мебошад. Ҷумлаҳои пайрав (1,3,6) ҳар кадом ба сарҷумлаи худ (2,4,7) тавассути шаклҳои гуногуни як пайвандаки тобеъкунандаи шартӣ (гар, ар, гар) тобеъ шуда, шарти ба нишонаҳои мардӣ расидан, яъне инсон буданро таъкид кардаанд.

Рубоии мазкур шаклан ба ҷумлаи мураккаби омехта иртибот дорад, зеро дар байни ҷумлаҳои содаи он ҳам алоқаи пайваст ва ҳам алоқаи тобеъ ба мушоҳида мерасад. Ин нуктаро дар зер бо пешниҳоди ҷадвали мазкур амалан баррасӣ менамоем:

**Ҷадвали 5**




Умуман, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар рубоии худ бо корбасти тобишҳои нозуки маъноии калимаҳо ба дарёфти мазмунҳои ҷолибу баланд муваффақ гардидаасту дар он таносуби бехалали вожаҳо барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва тарғиби хислатҳои неки инсонӣ барҷаставу таъсиргузор хидмат кардаанд. Ибораҳои рехтаи истифодакардаи шоир аз қабили **даст гирифтан, нукта гирифтан** то ба имрӯз дар забони ҳам адабӣ ва ҳам гуфтугӯии мо роиҷ мебошанд.

Баробари муаррифии ҳодисаҳои забон, афзун намудани ҳисси забондонӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва инкишофи нутқи хонандагон дар заминаи осори бадеӣ зарур аст. Ин нукта бо роҳи ҳамгироии фанни забони тоҷикӣ бо фанҳои дигар, махсусан, бо фанни адабиёти тоҷик зиёда муяссар мегардад ва дар ин маврид мо фикри профессор С. Шербоевро ҷонибдорӣ менамоем, ки фармудааст: «Адабиёти бадеӣ дар бобати беҳтару хубтар омӯхтан ва забондон шудани хонандагон маводи аввалиндараҷа буда, ҳамзамон нерӯйи бузурги тарбиявиро низ дорост. Ин нукта низ яке аз талаботи интихоби матн барои таҳлили грамматикӣ дониста мешавад, хусусан, агар он мисолҳои баргузида мазмуну ғояҳои тарбиявиро фарогир бошанд. Бинобар ин, муаллифон аз эҷодиёти адибон намунаҳоеро ба китобҳои дарсӣ ворид кардаанд, ки аксари онҳо ҳодисаҳои забониро барҷаста ифода намуда, мазмунҳои тарбиявиро ҳам моликанд» [180:83].

Дар китоби дарсии забони тоҷикӣ машқҳое низ ҳастанд, ки талаби онҳо бе овардани матн пешниҳод шудааст. Ҳадафи иҷрои талаби ин гуна

машқҳо низ баланд бардоштани малакаи мустақилонаи хонандагон мебошад. Тартиб додани калима ва ибораву ҷумлаҳо ва аз матнҳо дарёфт намуда, навиштани мисолҳо доир ба мавзуи дарс боиси инкишофи қобилияти сухангӯии хонандагон гардида, дар чунин мавридҳо барои мустақилона рӯй овардани онҳо ба китоби дарсии фанни адабиёт ва ё ба адабиёти бадеӣ хоҳад гашт. Маданияти нутқи хонандагон бо инкишофи ҳамаҷониба ва рушди тафаккури онҳо робитаи ногусастанӣ дорад.

Зарур аст, ки дар раванди интихоби ҷумлаҳо таваҷҷуҳи онҳо ба ҷанбаҳои тарбиявии мисолҳои интихобшуда равона карда шавад, ки ин нуқтаро таъкид намудани омӯзгор зарурат дорад. Масалан дар иртибот ба таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар китоби забони тоҷикии синфи 9-ум машқи 75 пешниҳод шудааст, ки талаби он чунин аст: “Аз асари бадеӣ 4 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаро навишта гиред, ки дар дутояш ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омада бошад. Онҳоро ба ҷумлаи сода баргардонда, кӯшиш кунед, ки маънӣ халал набинад” [95:53]. Омӯзгор метавонад, ба шогирдонаш тавсия диҳад, ки барои дарёфти чунин ҷумлаҳо ба осори классикон низ рӯ оранд.

Дар таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар синфи 9-ум аз фанни адабиёти тоҷик таълими ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайди Законӣ низ рост меояд. Муаллим метавонад, барои намуна аз рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ ҷумлаҳоро барои таҳлил дар иртибот ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда манзур намояд, ки ба ин васила робитаи фанҳо, мустаҳкамкунии масоили назариявӣ, луғатомӯзӣ, инкишофи нутқ ва дар ин раванд тарбияи ахлоқии муҳассилин низ аз мадди назар дур нахоҳад монд. Масалан: «Ҳокиме одил ва қозие, ки ришват наситонад ва зоҳиде, ки сухан ба риё нагӯяд ва ҳоҷие, ки бодиёнат бошад..., дар ин рӯзгор маталабед» [205:181].

Ба ҳам мувофиқ омадани мавридҳои таълими мавзуъҳои фанни адабиёти тоҷик бо мавзуъҳои фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 тибқи нақшаи тақвимӣ (календар) бештар ба назар мерасад, ки аз ин моҳирона истифода карда тавонистани ҳар як омӯзгор зарурати амалиро доро хоҳад буд ва ин нуктаро, яъне ба ҳам мувофиқ омадани мавзуъҳои таълимии фанҳои забон ва адабиётро дар зер ҳам дар синфи 8-ум ва ҳам 9-ум дар ҷадвалҳои 6-ум ва 7-ум баррасӣ намоем.

**Ҷадвали 6.**

| № | Мавзуъҳо аз фанни адабиёти тоҷик дар синфи 8 | Мавзуъҳо аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 8 |
|---|---|---|
| 1 | Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ: Қасидаи «Шикоят аз пирӣ», «Модари май», шеърҳои «Шод зӣ», «Зиндагӣ», панду андарзҳои Рӯдакӣ, васфи табиат дар ашъори Рӯдакӣ | Навъҳои ҷумлаи сода: хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ<br>Ҷумлаҳои дутаркиба Сараъзоҳои ҷумла: Мубтадо ва хабар. Мубтадо аз ҷиҳати сохт. Хабар ва ифода шудани он. Хелҳои хабар. Мувофиқати хабар бо мубтадо |
| 2 | Абумансур Дақиқӣ: Қасида ва ғазалҳои Дақиқӣ | Аъзоҳои пайрави ҷумла: Пуркунанда ва ифодашавии он. Навъҳои пуркунанда |
| 3 | Абулқосим Фирдавсӣ: Достонҳои «Рустам ва Сӯҳроб», ва «Ҷанги Рустам бо Исфандиёр».<br>Панду андарзҳои Фирдавсӣ. | Муайянкунанда ва ифода шудани он. Муайянкунандаи изофӣ ва беизофӣ. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда. |
| 4 | Абуалӣ ибни Сино: Таҳлили рӯбоиёти шоир | Ҳол ва навъҳои он |
| 5 | Асадии Тӯсӣ: Гаршоспнома | Ҷумлаҳои содаи яктаркиба: сараъзоҳо дар ҷумлаҳои содаи яктаркиба. |
|  | Унсуралмаолии Кайковус: Қобуснома | Хелҳои ҷумлаҳои содаи яктаркиба: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс, унвонӣ |

**Идомаи ҷадвали 6.**

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Носири Хусрав | Ҷумлаҳои пурра ва нопурра, |
| 7 | Умари Хайём | Ҷумлаҳои чидааъзо |
| 8 | Саноии Ғазнавӣ | Мухотаб ва вазифаи он |
| 9 | Абулмаолии Насруллоҳ<br>Фаромарз ибни Худодод | Кор бо матни лутф.<br>Калима ваибораҳои туфайлӣ |
| 10 | Фаридаддини Аттор, Ҳоқонии Шервонӣ | Аъзоҳои истисноии ҷумла |
| 11 | Низомии Ганҷавӣ: Достонҳои «Хамса» | Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда |

**Ҷадвали 7.**

| № | Мавзуъҳо аз фанни адабиёт дар синфи 9 | Мавзуъҳо аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи 9 |
|---|---|---|
| | Адабиёти асрҳои 13-14 | Забон ва сухан |
| 1 | Саъдии Шерозӣ | Такрори боби «Аъзоҳои ҷумла», «Ҷумлаҳои чидааъзо», «Мухотаб», «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда», «Калима ва ибораҳои туфайлӣ», қисман «Ҷумлаҳои мураккаб». |
| 2 | Ҷалолуддини Балхӣ | Ҷумлаҳои мураккаби пайваст, хилофӣ ва чудоӣ |
| 3 | Хусрави Деҳлавӣ: Достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» | Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ |
| 4 | Ҳофизи Шерозӣ | Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав. Хелҳои ҷумлаҳои пайрав |
| 5 | Камоли Хуҷандӣ | Ҷумлаҳои пайрави хабар ва пуркунанда |
| 6 | Убайди Зоконӣ | Ҷумлаи пайрави муайянкунанда |
| 7 | Ибни Ямин, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Зиёуддини Нахшабӣ | Ҷумлаҳои пайрави ҳол |
| 8 | Абдураҳмони Ҷомӣ | Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Машқҳои амалӣ доир ба ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб ва омехта. |

| | | |
|---|---|---|
| | | **Идомаи ҷадвали 7.** |
| 9 | Алишер Навоӣ | Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак |
| 10 | К.Биноӣ, Б.Ҳилолӣ, Ҳ.В.Кошифӣ ва Восифӣ | Хат ва пайдоиши он. Такрори мавзуъҳо |

Хулоса, истифода аз ҷадвалҳои мазкур ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар интихоби намунаҳои беҳтарини мисолҳо барои таълими мавзуъҳои забони модарӣ саргардон нашуда, бо истифода аз маводи беҳтарин аз осори классикон таълими мавзуъҳои забони тоҷикиро дар синфҳои 8-9 ба роҳ монанд. Ин амал ҳамгироии таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро, бешубҳа, таъмин хоҳад намуд. Яке аз воситаҳои дуруст ба роҳ мондани таълими ҳамгиро ва ё муштарак ба маҳорат ва тайёрии касбии худи муаллим иртибот дорад. Гузашта аз ин, бояд таъкид намуд, ки на ҳамаи муаллимон аз уҳдаи дуруст ба роҳ мондани таълими ҳамгиро баромада метавонанд. Ин навъи таълим дар илми методика усули нав маҳсуб ёфта, дорои нозукиҳое мебошад, ки ҳанӯз на ҳамаи махсусиятҳои он дастраси омӯзгорон гардидааст.

Ғайр аз ин, бо роҳи каму зиёд намудани соатҳои таълимӣ, тартиб додани барномаҳои нави таълим ва ё бо зиёд намудани муҳлати таълим тадриси ҳамгиро ё худ муштаракро низ амалӣ намудан мумкин нест. Балки лозим аст, ки дар ин ҷода тағйироти сифатӣ дар мазмуни мундариҷаи маълумот ва ҷараёни таълим роиҷ карда шавад. Дар бобати таълими ҳамгиро аз методистон академик М. Лутфуллоев таъкид мекунад, ки «Маҳз ҳамон шахсе аз ӯҳдаи ба роҳ мондани таълими ҳамгиро баромада метавонад, ки баробари донишҳои хуби фаннӣ доштан, байни таълими муштарак ва алоқаи байни фанҳо ҳад гузорад, нисбати таълим диди нав дошта, мустақилфикр ва қавиирода бошад. Инчунин, аз методикаи муштаракгардонии фанҳо дар ҷараёни таълим бархурдор бошад» [60:76].

Воқеан ҳам, таълими ҳамгиро дар мактаб мақсаду вазифа, талабот ва хусусиятҳои хос дошта, роҳу усулҳои мушаххасро тақозо менамояд. Дар ҷараёни таълими интегратсионӣ ё худ ҳамгиро на танҳо сохти дарсҳо, инчунин, лаҳзаҳои он низ ба табаддулот дучор омаданаш мумкин аст. Аз ин нуктаи назар, қисмҳои дарс дар асоси методҳои хусусӣ дигар мешаванд ва шояд вобаста ба ҳаҷми мавзуъҳо ин ё он қисми дарс вақти бештарро талаб намояд.

Ба ҷуз аз таъкидҳои дар бастҳои охир омада, дар раванди машғулиятҳои забони тоҷикӣ ва ё дар доираи таълими синтаксис аз осори шоиру нависандагони классик матнҳое интихоб карда шаванд, ки мақсаднок буда, дар доираи он матнҳо қоидаҳои грамматикӣ имконпазир бошанд ва ба маҳорату малакаи забондонӣ ва ташаккули салоҳияти коммуникатсионии онҳо мусоидат ҳам кунанд. Аз ин рӯ, барои рушди малакаи гуфтории хонандагон интихоби матнҳои дорои арзишҳои коммуникативӣ ва тарбиявӣ заруранд, то татбиқи ҷанбаҳои маърифатии хонандагон дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар робита бо рушди тафаккури мантиқиашон таъмин карда шавад. Дар ин маврид мо бо гуфтаҳои Ш. Раҳмонов ҳамрайъ ҳастем, ки ин тавр афзудааст: «Матнҳои ҷолибу хушгувор бо қоидаҳои забон тавъам шуда, ҷаҳонфаҳмии наврасонро меафзоянд» [ 168:15].

Ҷойи таъкид аст, ки интихоби мисолҳо ҳам барои таҳлил ва ҳам машқҳои китоби дарсӣ дар таълими забони тоҷикӣ дар заминаи меъёрҳои муайяни илмиву методӣ сурат гирад. Дар ин раванд ба эътибор гирифтани омилҳои ҳам беруна (субъективӣ) ва ҳам дохилӣ (объективӣ) аҳаммияти меҳварӣ дорад. Омилҳои беруна, пеш аз ҳама аз қабили ба назар гирифтани қобилиятҳо ва ниёзҳои коммуникатсионии хонандагон, шавқу рағбаташон ба осори адабӣ, захираи дониши онҳо доир ба сохтори матн, тарзи таҳияи корҳои хаттӣ, қоидаҳои баёни шифоҳӣ ва хаттӣ, инчунин дараҷаи тавоноии онҳо дар истифодаи воҳидҳои забонӣ дар нутқи мустақил дохил мешавад. Омилҳои дохилӣ бошанд, ба

хусусияти маъноӣ ва сохтории матн, мансубияти он ба жанри муайян, дорои хусусияти проблемавӣ будан ва имкониятҳои тарбиявии он вобастагӣ дорад.

Он матнҳое, ки аз осори классикон ҳамчун маводи таълимӣ дар ҷараёни дарсҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд, бояд дар ҳалли вазифаҳои методӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, маърифатӣ ва монанди инҳо ҷавобгӯ бошанд. Ба ибораи дигар, матнҳои интихобшуда барои таҳлил дар раванди таълими забони тоҷикӣ ҷавобгӯ ба талаботи зерин бошанд:

I. Ба талаботи методологӣ: иттилоотӣ, проблемавӣ, муоширатӣ ва, зиёда аз ин, бо маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ҳамоҳангӣ дошта бошанд;

II. Ба талаботи равонӣ-забонӣ: қобилияти ташаккул додани нутқи хонандагонро дар гуфтор, хондан, гӯш кардан ва навиштан дошта бошанд;

III. Ба забоншиносӣ: бахусус, дар таҳлили масоили назариявие, ки бояд мувофиқи стандарт ва барнома дар ҷараён дарсҳои забони тоҷикӣ аз худ карда мешаванд. Маводи таҳлилии лингвистии матн имкон медиҳад, то ки дар заминаи он бо мафҳумҳои забони модарӣ таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи он дар шаклҳои гуногуни муошират (монологӣ ва муколама), дар навъҳои ифодаи нутқ (тасвир, нақл, баён) истифода карда шавад.

IV. Ба равоншиносӣ, ки омилҳои ҳавасмандкунӣ ва шавқу рағбати хонандагонро ба забони тоҷикӣ бештар намуда, дар ташаккул додани шахсияти ҳамаҷониба рушдкардаи онҳо, бахусус, дар инкишоф додани малакаҳои муошират бо забони модарӣ, ниҳоят, бобати ба низом даровардани чизҳои омӯхташуда дар шуури онҳо нақши волоро доро хоҳад буд.

Мусаллам аст, ки яке аз омилҳои мусбат таваҷҷуҳ ба талаботи маънавии хонандагон, ғояҳои ахлоқӣ ва воқеияти ҳаёти муосири насли

наврас мебошад. Ин масъала дар раванди дарси забони тоҷикӣ, бахусус, дар мавридҳои истифода бурдани матнҳо аз адабиёти классикӣ бояд бештар дар мадди назар бошад. Сарфи назар аз ин, вобаста ба салоҳиятҳои забондонии хонандагон дар интихоби матнҳо аз адабиёти бадеии классикӣ маҳдудиятҳои муайяне ҳам ҷой дорад. Забони насри классикӣ аз ҷиҳати мазмун ва сохтор (таъсири лаҳҷаҳо, захираи луғавии насри таърихӣ, фаровонии вожаҳои архаистӣ ва монанди инҳо) то андозае мураккаб аст. Гоҳо муаллифони китобҳои дарсӣ ба хотири дастрас гардонидани мазмуни асари бадеӣ дар мисолҳои аз осори классикӣ интихобшуда забони онро то дараҷае фаҳмо мегардонанд, то ки ба фаҳмиши хонандагон мувофиқ карда тавонанд. Методистон ин амалро чунин тавзеҳ додаанд: «Ин гуна мувофиқгардонӣ дар забон ва услуби асарҳои эпикӣ, махсусан, дар забон ва услуби асарҳои адабиёти классикӣ ба назар мерасад. Мураттибон аз баъзе ҷумлаҳои мураккаб, душворфаҳм ва калимаҳои арабии матни аслии асарҳо сарфи назар кардаанд ва ё аз муродифоти он истифода намудаанд. Ин тарзи ихтисоркунӣ ва мувофиқгардонии забону услуби асарҳои классикон дар зарфи 50 соли мавҷудияти мактабҳои ҷумҳуриамон амали нек ҳисобида шудааст» [64:161].

Бинобар сарчашмаи ғановати маънавӣ, манбаи луғатомӯзӣ ва василаи ғанӣ гардонидани захираи луғавии талабагон будан, матнҳои асари бадеии барои омӯзиш дар китобҳои дарсӣ интихобшуда, ба андешаи мо, бояд бе ягон тағйирдиҳии қолаби онҳо пешниҳод карда шаванд. Ин амал ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагонро ба ҷустуҷӯ, маъникушоӣ ва рӯй овардан ба луғатномаҳо водор сохта, имкон медиҳад, ки бо забону услуби осори классикон аз наздик ошно гарданд ва барои дарку фаҳми осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик низ замина мегузорад.

Ҳамин тавр, мазмуни матнҳо ва калимаҳои душворфаҳми дар онҳо буда, бояд ба хонандагон бо ёрии омӯзгор дастрас карда шаванду аз

ҷиҳати дорои таҷрибаи ҳаётӣ будан ба онҳо кумак ҳам расонанд. Чунин дарки матн аз ҷониби хонандагон бевосита дар доираи шарҳу тафсири маъно ва масоили синтаксисии дар матн мавҷуда ва ба дараҷаи як андоза мураккабии он вобаста аст. Аз ин рӯ, фаҳмидани матни асари бадеӣ раванди мураккаб ва эҷодии фаъолияти хонандагон мебошад. Ин имкон медиҳад, ки таълими забони тоҷикӣ бояд боиси баланд шудани дараҷаи саводнокии хонандагон ва амиқтар фаҳмидани забони асарҳои адибони классикии тоҷику форс гардида, шавқу рағбати омӯзиши забони тоҷикиро ба таври ҳамешагӣ дар ниҳоди онҳо парвариш диҳад.

Порчаҳои барҷастаи назмиву насрӣ аз осори суханварони классики тоҷику форс барои фаъолгардонӣ, мустақилият, ҷустуҷӯ ва эҷодкории шогирдон мусоидат хоҳанд кард.

Аз таҳлили матнҳои китобҳои дарсии синфҳо 8-9 ва хусусияти супоришҳои алоқаманд аён мегардад, ки маводи дидактикӣ ба ташаккули салоҳияти коммуникативиихонандагон на ҳамеша мувофиқат дорад, зеро шартҳои баъзе машқҳои китобҳои дарсӣ танҳо ба мавзуи грамматикӣ иртибот дошта, машқу матнҳо бештар ба иҷрои талаботи забонӣ: барои табдил додани ҷумлаҳо, нишон додани категорияҳои грамматикӣ ва тартиб додани саволу ҷавобҳо пешниҳод гардидаанд.

Агар матнҳои аз асарҳои бадеии классикӣ дар китобҳои зикршуда пешниҳод шуда бошанд, барои дарки беҳтари моҳияти масъалаҳои ҳам таълимиву ҳам тарбиявӣ мусоидат мекунанд, ки ин ҳар ду нукта аз талаботи дидактикӣ дар раванди таълими забон мебошанд. Мисолҳо ва матнҳои барои намоиш додани ҳодисаҳои забонӣ интихобшуда бояд василаи муҳимми ташаккули нутқи хонандагон гардида, дар истифодаи воситаҳои луғавиву граматикии забон дар нутқашон мусоидат намоянд. Чунки салоҳияти коммуникатсионӣ дар шахс ва фаъолияти нутқи хонандагон зимни қироати матн ташаккул меёбад: матн, ҳамчун ҷузъи сохтории китоби дарсӣ, дар раванди таълими ҳодисаҳои забонӣ дар

ҷодаи забономӯзии муҳассилин мавқеи муҳимро ишғол мекунад, ки дар ин бобат таъкиди академик Каримова И.Х. дуруст аст: «Маҳз тавассути матн чунин вазифаҳои дидактикии китоби дарсӣ, аз қабили табдилдиҳанда, иттилоотӣ, инкишофдиҳанда ва тарбиявӣ амалӣ мегарданд» [121:25] мегӯяд, ки воқеан ҳам, қобили дастгирист.

Методисти рус Пахнова Т.М. масъалаи мавқеи матни тарбиявиро дар китобҳои дарсӣ таҳқиқ карда, иброз медорад, ки асолати матни таълимӣ ба раванди таълим ин аст, ки он (матн) ҳам объект ва ҳам воситаи таълим мебошад. Он барои хонанда объекти омӯзиш ва барои омӯзгор воситаи омӯзиш ва назорат аст: «Матни бадеӣ дар раванди таълими забон ду вазифаро иҷро мекунад: ҳамчун матни намоишӣ, воҳидҳои забониро намоиш медиҳад ва, чун матни намунавӣ, барои таъмини ҷанбаи дидактикии таълим, ҳамчун меъёр, хизмат мекунад» [164:14] .

Умуман, машқҳои ба талаботи таълим ҷавобгӯ шогирдонро ба фикр кардан ва мустақилона ҷавоб гуфтан водор намуда, ба инкишофи нутқи мураттаби онҳо мусоидат карда метавонанд.

### 1.3. Асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, байтҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишофи нутқ мураттаби хонандагон

Масъалаи интихоб ва коркарди матнҳои бадеӣ ва принсипҳои таҳлили лингвистию услубии онҳо дар раванди дарсҳои забони тоҷикӣ дар таҳқиқотҳои як идда методистони бурунмарзӣ Н. А.Ипполитова, М.И. Гореликова, В.В.Бабайтсева, И.Р.Галперин, А.А.Леонтьев, А.Н.Дорошкевич, А.С.Каримова асоснок карда шудааст. Фаҳмидани хусусиятҳои матнҳои адабӣ ва методологияи интихоби онҳо барои мақсадҳои махсус яке аз унсурҳои асосии ин масъала дониста мешавад.

Ҷиҳати муҳимми истифодаи матнҳо аз осори бадеии классикӣ ғайр аз арзишҳои фарҳангиву адабӣ, инчунин, дорои хислатҳои

коммуникатсионӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ ва ҷанбаҳои тарбиявӣ бояд бошад. Аз ҷиҳати он ки матнҳои адабӣ дорои ҷамъи ин хусусиятҳоанд, дар раванди таълими забони тоҷикӣ мавридшиносона истифода бурда шаванд.

Зарур аст, ки дар замони муосир таълими забони тоҷикӣ бояд ба рушди камолоти шахс, яъне хонандагон, равона шавад. Дар шароити кунунӣ ғояҳои ахлоқиву тарбиявии ниёгони мо дар педагогикаи муосири миллӣ татбиқ шуда истодааст. Дар ин бобат як гурӯҳ донишмандони соҳа, академикон М. Лутфуллоев (дар китобҳои «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Педагогикаи шафқат»), Ф. Шарифзода (дар китобҳои «Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар мактаби ибтидоӣ», «Таълими ҳамгиро - асоси рушд ва тарбия», «Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо»), И.Х.Каримова (дар китобҳои «Асосҳои назарии таълими гуманитарии хонандагони мактабҳои тоҷикӣ», «Фарҳанг-сарчашмаи гуманизм», «Муҳаббат нисбат ба инсон»), Б.Қодиров (дар китоби «Робитаҳои байнифаннӣ: инноватсия ва тафаккури эҷодии хонандагон») ва профессор С. Сулаймонӣ (дар китоби «Педагогикаи ислом») ва боз чанде дигар ҳиссаи назаррас гузоштаанд.

Умуман, яке аз мақсадҳои асосии раванди таълим аз он иборат аст, ки дар хонандагон қобилияти худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ ва забондонӣ тарбия карда шавад ва дар ин самт бартарият назар ба фанҳои дигар ба фанни забони тоҷикӣ дода мешавад. Ин нукта дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ низ ин тавр омадааст: «Фанни «Забони тоҷикӣ» чун воситаи дарки воқеияти забони тоҷикӣ рушди фикрӣ ва қобилияти эҷодкории хонандаро таъмин сохта, тафаккури таҷридӣ (абстракт), хотира ва тасаввуроти ӯро инкишоф ва малакаҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, худомӯзӣ ва худтатбиқкунии ононро ташаккул медиҳад» [7:5].

Бояд таъкид намуд ва ба алоқамандони соҳа низ маълум аст, ки омӯзиши мафҳумҳои асосии забон тавассути машқҳои гуногуни китоби

дарсӣ ва маводи дидактикӣ сурат мегирад. Албатта, интихоби он машқҳо бояд бо назардошти мазмун ва мутобиқати онҳо бо мавзуи омӯзиш барои васеъ намудани ҷаҳонбиниву қобилияти маърифатии хонандагон ва ба ҳам пайвастани алоқаи таълим бо ҳаёт мусоидат ҳам намоянд. Дар иртибот ба нуктаи охир мебояд таъкид намуд, ки интихоб ва таҳлили матни бадеӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи таълими самараноки забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Баъзе аз муҳаққиқон таъкид намудаанд, ки интихоби матни бадеӣ бояд бештар дар доираи эҷодиёти намояндагони барҷастаи адабиёти классикӣ сурат гирад. Зеро дар асарҳои устодони бузург таҷрибаи таърихии ҳаёти халқ ҷамъоварӣ шуда, моҳияти маънавию ҳаётии онҳоро ифода мекунанд. Ба ин васила, алоқаи байни фанни забон ва адабиёти тоҷикро метавон хубтар барқарор намуд. Амали мазкур ба хонандагони синфҳои 8-9, ки мувофиқи Барномаи таълими адабиёти тоҷик (с.2007) зиндагӣ ва осори классиконро аз Рӯдакӣ сар карда то Аҳмади Дониш меомӯзанд, имконияти дар шакли ҳамгиро ба роҳ мондани таълими забони тоҷикӣ бо истифода аз осори классикон дар дарс бештар даст хоҳад дод. Усули мазкур имкон медиҳад, ки хонандагон бо забони осори классикӣ таҳти назорати омӯзгор аз наздик шиносоӣ пайдо намуда, дар идроку фаҳми маъниҳои бикру пурмуҳтавои мероси ниёгон таҷриба пайдо намоянд.

Арзиши баланд ва нотакрори матни бадеӣ дар ҳалли умумии масъалаҳои забонӣ ва фарҳангӣ зоҳир мешавад. Дар баробари ин, матни таълимӣ бояд воҳиди олии фаъолияти нутқ гардида, ба ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ тавассути воҳидҳои забон дар шаклу ҳолатҳои мушаххаси муошират мусоидат намояд.

Хусусияти фарқкунанда ва истифодаи методикаи инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон дар доираи матн, ки воҳиди асосии коммуникативӣ мебошад, сурат мегирад. Мавқеи матн дар тафовут аз дигар маводи дидактикӣ барои ташаккули маҳорати иртиботии

хонандагони синфҳои 5-9 ва амалӣ кардани ҳадафҳои аввалини таълим назаррас аст. Он (матн) асоси машқҳои китобҳои дарсиро ташкил дода, иҷрои супоришҳои он ба таҳкими маҳорату малакаҳои амалӣ, ки дар раванди омӯзиши фанҳои махсус истифода мешаванд, мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, такрори мунтазами фаъолияти фикрӣ ё амалӣ, ки мақсади пухта кардан ва такмил додани донишҳоро дорад, бештар дар доираи иҷрои машқҳо сурат мегирад.

Машқ дар раванди таълим барои ҳосил кардани маҳорат ва малака низ мавқеи калон дорад. Барои он ки иҷрои ҳама гуна машқ натиҷаи дилхоҳ диҳад, ба ҳисоб гирифтани шароити мавҷуда, фаҳмидани саҳву нуқсоноти бавуҷудомада ва донистани роҳҳои ислоҳи онҳо зарур аст. Машқ он вақт судбахш маҳсуб меёбад, ки дар раванди он аз иҷрои амалҳои сода ба иҷрои амалҳои мураккаб тадриҷан гузашта шавад. Хонандагон аз рӯйи маводи омӯхта ба амалан иҷро намудани машқҳои гуногун водор карда мешаванд, то ки бо чунин усул дониши худро амиқ гардонанду маҳорат ва малака ҳосил намоянд, қобилияти эҷодӣ ва истеъдодашонро инкишоф диҳанд. Иҷрои талаби машқҳо ба хонандагон, асосан, баъди бошуурона фаҳмидан ва азхудкунии маводи омӯхташуда пешниҳод карда мешавад. Дар раванди машғулиятҳо истифода кардан аз намудҳои зерини машқҳо пурмаҳсул дониста мешаванд:

а) машқҳои шифоҳӣ (дар хотир нигоҳ доштани ададҳо, таърифу қоидаҳои грамматикӣ, дуруст ифода кардани фикр ва ғ.), ки ба рушди маҳорати муошират таҳким мебахшад;

б) машқҳои хаттӣ дар таълими ҳама фанҳо, аз ҷумла, дар раванди таълими забони модарӣ;

Инчунин раванди иҷрои машқҳоро шартан ба марҳалаҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

**Марҳалаи аввал.** Дар ин раванд омӯзгор ба сатҳи дониши талабагон такя намуда, мақсад ва вазифаҳои иҷро кардани машқҳоро мефаҳмонад;

**Марҳалаи дуюм.** Дар ин раванд нишондод ё талаботи омӯзгор нисбат ба тарзи иҷрои ин ё он машқ дар madди назар аст;

**Марҳалаи сеюм.** Дар ин раванд кӯшишҳои аввалини талабагон ба истифодаи дониш дар амал сурат мегирад;

**Марҳалаи чорум.** Дар ин раванд фаъолияти минбаъдаи талабагон баҳри ҳосил намудани маҳорату малакаҳо муайян карда мешавад.

Ҳангоми ташкили машқҳо ҳатман бояд фаъолияти эҷодии хонандагон ба зери назорат гирифта шавад, ки оё онҳо эҷодкорона аз худ мисолҳои нав ба нав оварда метавонанд ё на. Омӯзгорро лозим аст, ки ба хонандагон ичрои машқҳои шабоҳатдоштаро пешниҳод намояд. Баъдан, мустақилона иҷро кардани машқҳоро пешниҳод кунад, то ки онҳо низ маҳорату малакаҳои худро намоиш диҳанд. Баъди ин ҳама шогирдон ба кори мустақилона бештар майл мекунанд ва зимни иҷрои машқҳои мустақилона аз худ мисолҳо ҳам меоранд ва ин усули кор ба беҳтар гардидани фаъолияти мустақилона, мантиқан амиқ омӯхтани мавзуъ ва барои ҳосил кардани маҳорату малакаҳои нав дар шогирдон заминаи мустаҳкам мегузорад. Машқҳои гуногун ба иҷрои корҳои мустақилона ва инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон ёрии ҷиддӣ мерасонад. Хусусан, машқҳои эҷодӣ дар ташкили фаъолияти хонандагон доир ба истифодаи донишу маҳораташон ёрӣ мерасонанд ва зиёда, аз ин, машқҳо хонандагонро ба роҳҳои эҷодкоронаву мустақилона пайдо намудани ҳаллу фасли вазифаҳои дарпешистода ҳидоят менамоянд. Ба машқҳои эҷодӣ метавон чунин амалҳоро номбар намуд: интихоби абёту матнҳо, муайянсозии алоқаи ҷумлаҳо дар матн, шарҳу тавзеҳи мафҳумҳо ва калимаҳои душворфаҳм дар матни осори адибони классик. Ҳангоми омӯзиши қисмати наҳв, инчунин, истифодаи машқҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодӣ

зарурат дорад. Иҷрои чунин машқҳо барои истифодаи эҷодкоронаи дониш ва малакаҳои андӯхтаи хонандагон роҳандозӣ карда мешаванд.

Барои инкшофи нутқи мураттаб интихоби намуди машқҳо ва роҳҳои иҷрои онҳо низ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар назарияи методикаи таълими забони тоҷикӣ принсипи дар ҳамбастагӣ инкишоф додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии муҳассилин талаб карда мешавад. Агар хонанда хоҳад, ки ба малакаҳои нақл ё муколама худро омода созад, рукнҳои дигари фаъолияти муоширатро истисно карда наметавонад, зеро барои ҳосили малакаи хониш ҳамаи ҷузъҳои фаъолияти муошират: гуфтор, шунидан ва навиштан дар як вақт иштирок мекунанд.

Академик Ф. И. Буслаев истифодаи усули индуктивии таълими забони модарӣ: саравval, машқ; сипас, ҳосили дониш; ё худ: аввал, амалия, сипас, омӯхтани назарияро тавсия кардааст. Дар давраи сеюми омӯзиши забон, илова, ба машқ гузаронидани таҳлилҳо ва аз натиҷаи таҳлилҳо баровардани хулосаи умумиро ба миён гузоштааст. Он хулосаҳо бояд аз маҷмуи таърифу қоидаҳои грамматикӣ иборат бошанд [29:27]. Дар ҳақиқат, чунин нишондоди ӯ низ қобили дастгирист, зеро амалан омӯхтани забони модарӣ ҳам набояд аз назария ҷудо сурат гирад.

Дар иртибот ба фикру ақидаҳои дар боло зикршуда, метавон қайд намуд, ки машқҳо бояд дорои талаботи зерин бошанд:

**а) ба фаҳми бачаҳо наздик будани мақсад ва тарзи иҷрои машқҳо;**

**б) гуногун ва ҳархела будани талаби онҳо;**

**в) пай дар пай гузаронида шудани машқҳо;**

**г) тадриҷан душвор шудани иҷрои супоришҳои дар онҳо пешниҳодшуда;**

**д) дорои ҷанбаи таълимию тарбиявӣ будани мазмуни матни машқҳо.**

Маълум аст, ки чун хонандагон ба иҷрои машқҳо шурӯъ мекунанд, равиши кори ҳамаи онҳоро назорат кардан мушкил аст. Бинобар он, муаллимро лозим меояд, ки худназоратии худи онҳоро ба роҳ монад.

Хонандагон дафтарҳои ҳамдигарро иваз намуда, иҷрои машқро аз назар мегузаронанд ва мувофиқи қобилияту маҳорати худ иҷрои дурусти онро месанҷанд ва фикри худро баён месозанд. Ин усул хонандагонро фаъол, мустақил ва масъулиятнок мегардонад.

Гуфтан ҷойиз аст, ки корҳои эҷодӣ яке аз воситаи муҳимми рушди салоҳиятнокии хонандагон буда, барои иҷрои онҳо ҳам дар синф ва ҳам берун аз синф супориш дода мешавад. Вале корҳои эҷодӣ ё худ иҷрои онҳо ба омӯзиши дурусти грамматика низ иртибот дорад. Албатта, дар раванди иҷрои фаъолияти эҷодӣ дуруст ба роҳ мондани корҳои ташкилӣ ҳам нақши муайяне дорад: ҳар як кори мустақилона ва эҷодӣ вақте самара мебахшад, ки агар, сари вақт ҷамъбаст ва арзёбӣ карда шавад. Мавридҳое, ки омӯзгор вазифаи хонагӣ месупорад, бояд иҷрои он дар синф оғоз ёбад. Масалан, омӯзгор мехоҳад, ки хонандагон дар хона ҳикоя ва ё нақле мураттаб созанд. Бо ин ҳадаф баъди мустаҳкам намудани мавзуъ таваҷҷуҳи аҳли синф ба мавзуи мушаххас кашида мешавад, мазмуни онро омӯзгор хотиррасон мекунад, саволу супориш ва ё нақшаашро тарҳрезӣ намуда (албатта, ҳамроҳи худи бачаҳо), баъдан, таъкид мекунад, ки мазмуни ҳикояро хонандагон бояд бо ҷумлаҳои сода нависанду давоми онро дар хона пурра ва ҷамъбаст намоянд.

Бояд донист, ки масъалаи бо ҳаёт алоқаманд намудани таълим, дараҷаи инкишофи малакаву маҳорати корҳои эҷодӣ ва ба пояи камолот расидани хонандагон, махсусан, дар заминаи иҷрои машқҳо бештар арзёбӣ мегардад. Машқҳо аз ҷиҳати хусусият, хел, мақсад ва тарзи иҷро мухталиф мешаванд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор ба хонандагон иҷрои супоришҳоро мутобиқи ҳар як мавзуи таркибии фаслу бобҳо аз китобҳои дарсӣ пешниҳод менамояд. Матнҳо аз услубҳои бадеӣ, илмӣ ва расмӣ – коргузорӣ интихоб карда мешавад. Дар раванди иҷрои талаби ҳар як машқи пешниҳодшуда ҳаминро ҳам бояд ба назар гирифт, ки на танҳо донишҳои назариявии хонандагон мустаҳкам карда шавад, балки дар онҳо малакаҳои мураттаббаёнӣ, хониши возеҳ, имлои саҳеҳ ва бамаврид

истифода намудани аломатҳои китобат дар навишт низ пайваста рушд ёбанд.

Иҷрои машқҳои мухталифмазмун дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар он сурат натиҷаи хуб медиҳад, ки агар, онҳо мунтазам ва бо як системаи муайян, аз осон ба душвор ва гузаронида шаванд. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский аст, ки гуфтааст: «Муҳимтарин асоси самаранокии машқҳо системанок будани онҳост, система вайрон бошад, дуру дароз машқи бисёре иҷро кунонед ҳам, хонандагон грамматикаро аз худ карда наметавонанд, хатоҳои зиёд содир мекунанд» [109:79].

Зарурати риояи системанокӣ дар иҷрои машқҳоро методист И. А. Добромислов низ таъкид карда, чаҳор навъи машқро дар таълими забон пешниҳод менамояд. Чунончи:

1) Машқҳо барои шинохтани ҳодисаи мушаххаси грамматикӣ аз байни ҳодисаҳои дигари забон;
2) Мустақилона мураттаб намудани шаклҳои матлуб ва ё ҷамъоварии мисолҳои шабеҳ;
3) Иҷрои супоришҳои грамматикӣ;
4) Интихоби машқҳое, ки ба инкишофи нутқ мусоидат мекунанд.

Дар иртибот ба талаботи умумии машқҳо профессор Т.А. Ладиженская чунин таъкид намудааст: «Машқҳоро тавре тартиб додан лозим аст, ки шакли матлуби грамматикии онҳо дар назари хонандагон возеҳу равшан набошад, балки барои онҳо имкони ҷудо кардан, табдил додан аз як шакл ба шакли дигари ба он монанд, муқоиса намудан (масалан, муайян намудани тафовут ва умумияти ҷумлаҳои содаи пайваст ва тобеъ) пайдо шавад. Ин ҳолат хонандагонро водор мекунад, ки корро (машқро) рӯякӣ иҷро накунанд, балки фикр кунанд ва бошуурона ба ин ё он қарор оянд» [56:201]. Ин талаботи муҳаққиқи мазкур ҳангоми иҷрои машқҳои аз осори пандуахлоқии классикон интихобшуда бештар муяссар мешавад. Зеро сохтори ҷумлаҳо дар

байтҳо бо тақозои вазн ва меъёрҳои наҳвии забони классикӣ мушкилтар буда, хонандагонро ба андешаронӣ водор менамоянд. Аз ин рӯ, пайваста истифода бурдан аз порчаҳои пандуахлоқии классикон дар раванди таълими забони тоҷикӣ нақши амалиро доро хоҳад буд. Ба ифодаи дигар, талаботи марбут ба иҷрои машқу супоришҳо ва ба таври муназзам ба иҷро расонидани онҳо (системанокӣ), бешубҳа, ба салоҳятнокии хонандагон аз таълими забони тоҷикӣ ҳам мувофиқу мусоид аст. Дар раванди таълими синтаксиси забони тоҷикӣ иҷрои машқҳои зерин барои мустаҳкам намудани донишҳои назариявии толибилмон натиҷаи дилхоҳ медиҳад

1. Таҳлили грамматикӣ (ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ);
2. Тағйир додани шаклҳои ҷумла (масалан, аз назм ба наср баргардонидани ҷумлаҳо, аз ҷумлаҳои сода сохтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ё тобеъ;);
3. Табдили як хели ҷумла ба хели дигар (ҷумлаи хуллас ба тафсилӣ; ҷумлаи дутаркиба ба яктаркиба, ҷумлаҳои хуллас ба ҷумлаҳои тафсилӣ ва ғ.);
4. Мустақилона сохтани ҷумлаҳои сода ва мураккаб;
5. Навиштани нақл аз рӯйи расм, эссе ва нақлҳои ҳаҷман хурд бо супоришҳои грамматикӣ;
6. Шарҳи мазмуни порчаҳои манзум ва мансур.

Дар иҷрои баъзе машқҳо хонандагон фаъолнокии бештар зоҳир мекунанд. Масалан, дар таҳияи ҷумлаҳо, шарҳу тафсири маънои ибораву таркибҳо, шарҳи маънои байтҳо, аз назм ба наср баргардонидан ва ғ. Аммо иҷрои пайвастаи машқҳои рӯйнависи матни тайёр, муайян намудан ва номбар кардани хели ҷумлаҳо, таснифи аъзоҳои ҷумла, хат кашидан ба зери аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои шартии махсус ва монанди инҳо фаъолнокии онҳоро паст месозад. Сарфи назар аз ин, иҷрои ҳар ду навъи машқро бояд ба роҳ монд, зеро маводи назариявии забон тавассути иҷрои талаботи онҳо дар шуури хонандагон мустаҳкам ва

амиқ матраҳ гардида, ба малакаҳои устувори донишазхудкунӣ табдил меёбад. Ҳангоми иҷрои машқҳо ҳаминро ҳам ба назари эътибор гирифтан лозим аст, ки хонандагон иҷрои онҳоро на ба таври механикӣ, балки бошуурона анҷом диҳанд, ба мазмун ва муҳтавои супоришҳо диққати ҷиддӣ равона намоянд. Аз ин рӯ, барои шарҳи мазмуни намунаҳо аз осори адибони классик машқҳое интихоб карда шавад, ки ҳам шавқовар ва ҳам дорои ҷанбаҳои тарбиявӣ бошанд.

Бояд донист, ки раванди иҷрои кор бо ин гуна порчаҳои адабӣ ду хел мешавад: одӣ ва эҷодӣ. Иҷрои одии ин гуна машқҳо чунин аст, ки хонандагон доир ба ин ё он қоидаи грамматикӣ машқи пешниҳодшударо аз китоби дарсӣ ё аз китобҳои тавсияшуда ва ё аз тахтаи синф шарҳ медиҳанд. Аммо тарзи иҷрои эҷодкоронаи ин навъи машқҳо чунин аст, ки на фақат бо нақли мазмун иқтифо карда мешавад, балки шарҳу хулосабарорӣ ҳам карда мешаванд. Бахусус, дар раванди ба иҷрои эҷодкоронаи машқҳо ҳидоят намудани хонандагон аз чунин намуди супоришҳо истифода кардан тавсия дода мешавад:а.

а) вожаву ибораҳои душворфаҳму маҷозии матнҳои китоби дарсӣ ва ҷумлаву абёти аз тарафи омӯзгор додашударо тавзеҳ додан;

б) пурра карда навиштани ҷумлаву байтҳои нотамом;

в) эзоҳи мазмуну маънои панду ҳикматҳо;

г) мафҳумҳои заруриро аз рӯйи маъно тағйир додан;

ғ) таҳияи эссе доир ба мавзуъҳои мушаххас;

е) ба саволҳои додашуда ҷавоб гардонидан;

ё) шакли нодурусти ҷумлаҳоро дуруст карда навиштан ва ғайра.

Бояд афзуд, ки ба ҳар омӯзгори фанни забони тоҷикӣ донистани хелҳои гуногуни машқҳои хаттию санҷишӣ ва методҳои ташкил, бахусус, пешакӣ тасаввур намудани мақсади иҷрои чунин амалҳо басо муҳим аст, зеро бидуни роҳандозӣ, наметавон дониши мустаҳкаму саводи кофии хонандагонро ба даст овард. Истифодаи машқҳои гуногун дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба саводнокӣ ва инкишофи нутқи хонандагон низ

мусоидат намуда, барои дар амал татбиқу мустаҳкам намудани донишҳои назариявии онҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳангоми иҷрои супоришоти машқҳо омӯзгор метавонад талаботи баъзе онҳоро дигаргун созад, ё ин ки ба онҳо илова ворид намояд. Дар интихоби матн низ барои гузаронидани корҳои хаттӣ аз омӯзгор фаъолияти мустақилона амал намудан талаб карда мешавад. Ӯ метавонад аз рӯйи нақшаи пешакии худ талаби машқи ҳар як матнро мувофиқ ба мақсади худ тағйир диҳад, ё ки ба онҳо иловаҳо ворид намояд. Метавонад аз рӯйи нақшаи пешакии худ айнан як матнро дар мавридҳои гуногун ҳам истифода намояд. Дар ин бобат, методист, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С. Аминов чунин таъкид намудааст: «Муайян намудани меъёрҳои интихоби матн яке аз воситаҳои тарбияи хислатҳои зеҳнию ахлоқии шахсияти талаба, проблемаи муҳимми дидактикист» [138:65].

Метавон афзуд, ки барои баланд бардоштани шавқу ҳавас ба фан, ба амал баровардани принсипҳои илмӣ, муттасилӣ, алоқаи таълим бо ҳаёт, ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии мактаббачагон ва ҷанбаи тарбиявӣ доштани маводи таълимӣ бояд бештар ба назар гирифта шавад. Муносибати салоҳиятнок зоҳир намудан ба меъёрҳои интихоби матн ба муаллим имкон медиҳад, ки фаъолияти ӯ дар раванди таълим эҷодкорона сурат гирад.

Бояд дақиқ тасаввур намуд, ки интихоби дурусти мавод ва корбурди мавқеъшиносонаи он дар дарсҳои забони тоҷикӣ моҳияти таҳлилу коркарди матнро таҳким мебахшад: «Дар раванди машғулият таҳлилу баррасии матнҳои хубу намунавӣ яке аз омилҳои муҳимми самаранокии дарси забони тоҷикӣ мебошад. Сухан дар бораи матне меравад, ки барои хонандагон, баробари фаҳмо будан, аз ҷиҳати меъёрҳои забон бенуқсон бошад, барои ҳалли супоришҳои грамматикӣ мусоидат намояд» [107:45]. Агар дигаргунтар гӯем, интихоби матн яке аз масъалаҳои калидии дидактикӣ маҳсуб меёбад. Ба назар гирифтани ҷанбаи ахлоқиву

маърифатии матн, яке аз шартҳои муҳим буда, он ба ташаккули шахсияти хонанда, ғановати олами маънавӣ ва инкишофи зеҳнии муҳассилин маҳсуб меёбад. Гузашта аз ин матнҳо бояд чунон интихоб шаванд, ки дар тарбияи ҳисси забондӯстӣ, муносибати эҳтиёткорона ва андешамандонаи таълимгирандагон нисбат ба фарҳанги нутқ созгор бошанд.

Ҳамчунин, барои хонандаи муосир матнҳое, ки ҷиҳати тавзеҳи қавоиди грамматикӣ корбаст гардида, ҳамчунин, ба тарбияи маънавиву ахлоқии шогирдон нигаронида шуда бошанд ва онҳоро дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, инсонгароӣ ва хислатҳои ҳамида тарбия карда тавонанд, муҳим арзёбӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, барои ба чунин мақсад расидан забоншинос Д. Хоҷаев таъкид намудааст: «Ҳар як ҳодисаи грамматикиро дар забони тоҷикӣ бояд ба асоси маводи сухансароёни фозил тавзеҳ дод, вагарна натиҷаи матлуб ба даст намеояд» [91:28].

Методист Хоҷиев С. низ муваффақияти ҳар як дарсро ба сифати маводи дидактикӣ алоқаманд дониста, пешниҳод мекунад, ки муаллим бояд “барои кори мустақилонаи хонандагон машқҳо, матнҳои мазмунан баланд ва аҳаммияти тарбиявӣ доштаро интихоб намояд» [99:24].

Аммо шарти аввал дар ин хусус ин аст, ки матни намунавӣ бояд яклухту мантиқан ба ҳам алоқаманд бошад ва ҳар як калима дар он мавқеи худро дошта, истифодаи он ҳадафи омӯзгорро возеҳу равшан ифода карда тавонад. Аз ин лиҳоз, таълими фанни забони тоҷикӣ бидуни матнҳои пурбор ва луғатҳои тоза наметавонад, мувофиқи мақсад анҷом пазирад. Ба ин талабот интихоби намунаҳо аз асарҳои классикон - устодони сухан мувофиқ аст. Офаридаҳои шоиру нависандагони классики тоҷику-форс зебову дилпазиранд, дар онҳо санъатҳои бадеӣ ҳунармандона истифода шуда, боиси афзудани фасоҳат, мусиқӣ ва хушояндии сухан гардидаанд. Дар ашъори бузургони мо маъниҳои олӣ ниҳоят дилкаш ифода гардида, бо санъатҳои бадеӣ зинат ёфтаанд.

Хонанда зимни баррасии чунин матнҳо на танҳо ба маъниҳои барҷаста сарфаҳм меравад, балки завқи бадеӣ мегирад. Муҳаммадҷон Шакурӣ ба забони шевою зебои классикӣ баргаштанро таъкид намуда фармудааст: «Кӯдак аз овони ширхорагӣ бояд шеъри классикӣ шунавад, дар ҳар хонадон, дар ҳар ясливу боғча бояд ҳар қадами кӯдак бо шеъри классикӣ гузошта шавад. Барномаи гуманитарии доманадоре бояд тамоми таълими миёнаву олиро фаро гирифта, адабиёти классикӣ муҳимтарин ҷузъи онро ташкил намояд» [112:55].

Бартарии интихоби мисолҳо аз осори классикон дар он ифода мегардад, ки хонандагон бо калимаҳои адабӣ – китобии осори суханварон шинос мегарданд, таркиби луғавиашонро вожаҳои нав ғановат мебахшад. Ниҳоят, ҷанбаи тарбиявии дарсҳо низ тақвият меёбад. Аммо зарур аст, ки барои таҳлили масоили забоншиносӣ, дар навбати аввал, матнҳои дар дарсҳои адабиёт омӯхташуда интихоб гардад. Зеро маводи таълим ба толибилмон қаблан шинос бошад, хулосабарорӣ аз он бошууронаву саҳеҳ сурат мегирад.

Чунонки аз таҳлили барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик бармеояд, фоизи зиёди маводи онҳоро омӯзиши осори классикон ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, аз эҷодиёти адибони классик барои таҳлили маводи забоншиносӣ истифода кардан мувофиқи мақсад аст. Ҳамчунин, дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-и синфҳои 8-9 намунаҳо аз осори адибони классик интихоб шудаанд, ки дар фасли 2–юми боби аввал аз кадом адибон интихоб шудани он матнҳоро дар ҷадвалҳои 1-ум (саҳ. 49) ва теъдоди он намунаҳоро дар иртибот ба мавуъ ва фаслҳо дар ҷадвали 2-юм ва 3-юм (саҳ.51) дақиқ нишон додем. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар китобҳои дарсии синфҳои 8-9 теъдоди матн ва намунаҳо аз осори классикон нисбат ба намунаҳо аз адибони муосир нисбатан кам аст. Дар маҷмуъ, теъдоди чунин машқҳо дар китоби дарсии синфҳои 5–9 ҳамагӣ аз 13 то 20 %-ро ташкил медиҳанду бас. Бо назардошти арзиши баланди ҳунарӣ ва маърифативу тарбиявии матнҳои

классикӣ хуб мебуд, ки фоизи интихоби матнҳои таълимӣ дар китобҳои дарсӣ зиёдтар гардад.

Эътироф бояд кард, ки матнҳои классикӣ навъи нисбатан мураккаби маводи таълимӣ мебошанд. Ғайр аз ин, муаллим бояд донад, ки чунин матнҳо аз маълумоти маърифатӣ фаровон буда, на танҳо дар омӯзиши забон кӯмак мерасонанд, балки ба маънавиёт, эҳтироми арзишҳои ахлоқӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллии хонандагон таъсир мерасонад. Забоншинос ва методист Д. Хоҷаев низ бо ҳамин маънӣ чунин афзудааст: «Ҳарчанд мо солҳои охир аз ғизои сухани волои гузаштагони худ дур шудем, вале корбурди матнҳои ҷолибу пурҳикмат дар таълими самарабахши фанни забони тоҷикӣ дар ин муддат бисёр имкониятҳоро низ пайдо кардааст. Вазифаи мо ҳусни забони тоҷикӣ, имконоту боигарии онро нишон додан аст» [91:167].

Арзиши назариявӣ ва амалӣ доштани матнҳои классикӣ дар асарҳои илмию методии олимону методистони тоҷик борҳо таъкид шуда, ба паҳлуҳои мухталифи матни хубу пурҳикмат, ҳамчун ба маводи таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Афзалият доштани истифодаи матни классикони тоҷику-форс дар дарсҳои забони тоҷикиро забоншинос, профессор Д. Хоҷаев ин тавр таъкид намудааст: «Ба фикри мо, то шуруи таълими илми наҳв хонандагон бояд калому сухани амалиро дар асоси осори суханварони асилу бузурги ҳам гузашта ва ҳам муосир омӯзанд. Ин амал онҳоро водор месозад, ки дар пайравӣ ба осори суханварон нафосату салосати каломро ёд гиранд. Вақте ки онҳо ба маънии калому сухан сарфаҳм рафтанд, навиштаи адиби асилро аз сухани хушку урёни нависандаи дигар ҷудо карда метавонанд. Аз ибораороиву ҷумлапардозии адибони алоҳида огаҳӣ ёфта, ба фаҳмиши қонуниятҳои наҳв, тарзи корбасти он омода мешаванд» [91:170].

Офаридаҳои пурғановати классикон саршор аз мазмунҳои аҳлоқӣ ва саршор аз ҳунари волои суханпардозӣ буда, дар қалбу зеҳни хонанда таассуроти амиқ мегузорад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон вазифадор ҳастанд,

ки шогирдонро аз ин ганҷи бебаҳову шойгон шодоб намояд. Агар аз ҷониби омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ ин равиш пайваста роҳандозӣ гардад, бешак, маҳорати сухансанҷиву шеърфаҳмии муҳассилин такмил меёбад ва муҳаббати эшон ба сухани воло афзуда, зиндагиашон аз ғояву муҳтавои андарзҳои ҷовидона шодоб хоҳад гашт. Матнҳо аз осори классикон аз маъниҳои баланди пандуандарзӣ бархурдор буда, эшонро ба сӯйи камолоти маънавӣ ҳидоят мекунанд. Чунонки методисти рус С. Н. Иконников таъкид намудааст: «Тарбияи хонандагон бояд бо таълим алоқаи зич дошта бошад, ки он тавассути усулҳои маъмули таълим ва машқҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Ин ҷо бояд усули пӯшидаи таъсиррасонии тарбиявӣ ба кор равад. Омӯзгор метавонад, аснои фаҳмонидани маънои калимаҳо, таҳлили услубии матнҳо, сохтани ҷумлаҳо инкишофи нутқи мураттабро дар хонандагон тарбия намояд» [150:23].

Дар воқеъ, панду ҳикматҳои ниёгонро барои тавзеҳу омӯзиши ҳодисаҳои забон, таълими сарфу наҳв истифода бурда, ба ин васила дар рушди камолоти маънавии шогирдон комёб шудан имконпазир мегардад. Аммо баъзе омӯзгорон бар он андешаанд, ки идроку фаҳмидани матнҳои классикӣ барои хонандагон душворӣ пеш меорад, ки ин аз камҳавсалагии онҳо гувоҳӣ медиҳад, чунки матнҳои мазкур зиёда кор бо луғат, завқу дониш ва ковишу ҷустуҷӯро талаб мекунад. Л.М.Фридман дар ин маврид иброз медорад: «Агар мундариҷаи мавод аз талабагон тафаккур кардан ва дарки мазмуну муҳтавои онро талаб накунад, он гоҳ ин гуна маводи таълимӣ хонандагонро қонеъ карда наметавонад, дар онҳо ҳисси возеҳи мусбат ё манфиро бедор намегардонад, аз ин лиҳоз, маводи таълимии сабук ва одӣ ба инкишофи талаботи нав мусоидат намекунад» [68]. Бинобар ин, дар доираи супориши иҷрои машқҳои эҷодӣ ва инфиродӣ бештар зина ба зина душвортар гаштани онҳо ба назар гирифта шавад. Барои ҳамин ҳам, методист А. С. Каримова дар ин бобат чунин таъкид кардааст: “Муҳим

аст, ки мундариҷаи маводи таълимӣ дар баробари дастрас будан, дар як вақт бо мушкилиҳояш фарқ кунад» [120:13].

Дар асоси гуфтаҳои боло меъёрҳои интихоби матн, аз ҷумла, матнҳои классикиро дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар доираи ҷанбаҳои илмӣ-методӣ пешниҳод менамоем, ки, асосан, инҳоянд:

1. **Ҷанбаи мазмунӣ:**

– матн маълумоти нав дошта бошад (масалан, оид ба рӯйдодҳои таърихӣ, фарҳанги миллӣ, расму ойин, табиат, одобу ахлоқ, фарҳанги гуфтор ва ғ.);

– муҳтавои матн (мазмуну мундариҷаи он) бояд барои тафсири масъалаи норавшане, ки дар матн гузошта шудааст, имкон диҳад;

– мазмуни матн набояд одамонро аз рӯйи аломатҳои динӣ, миллӣ, ҷинсият ва ғ. табъиз намояд;

– матн набояд бо унсурҳои иттилоотӣ: истилоҳот, номҳои хос, маълумоти воқеӣ ва ададӣ пур бошад.

2. **Ҷанбаи мантиқӣ:**

– дар матн бояд талаботи мантиқ (робита ва пайдарҳамии фикр, таносуби маъниҳо, хулосаҳои мантиқӣ ва ғ.) риоя гардида бошад.

3. **Ҷанбаи забонӣ (грамматикӣ):**

– матн бояд ба талаботи қоидаву қонунҳои грамматикии омӯхташаванда мувофиқ бошад;

– дар доираи он луғатомӯзӣ низ дар мадди назар бошад;

4. **Ҷанбаҳои услубӣ:**

– матнҳо бояд фарогири ҳама гуна шохаҳои услубӣ (функсионалӣ) бошанд;

– матн метавонад мансуб ба услуби умумӣ ва ё ба услуби худи муаллиф ва ё гӯянда иртибот дошта бошад;

– матн бояд ифодагари эҳсосоти равшан бошад;

– забони матнҳои аз услубҳои бадеӣ интихобшуда бояд навъҳои санъатҳои бадеиро дар бар гиранд. Чунки чунин матнҳо воситаи муассири нутқи даҳонӣ ва хаттӣ маҳсуб меёбанд.

**5. Ҷанбаи дидактикӣ:**

–матн бояд ба амалӣ гардидани яке аз мақсадҳои дарси забони тоҷикӣ – барои санҷидани дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат намояд;

–матнҳо бояд марбут ба масъалаҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳимми иҷтимоӣ ё шахсӣ интихоб гардида, дар хонандагон хоҳиши баён кардани андешаи худро ба миён оранд;

**6. Ҷанбаи тарбиявӣ:**

–матн ҷанбаи қавии тарбиявӣ дошта бошад;

–ба татбиқи ҳадафҳои маънавию ахлоқӣ ва ватандӯстии хонандагон мусоидат кунад.

Дар заминаи ҷанбаҳои илмӣ–методии матн метавон дар бораи хусусиятҳои матн ҳамчун аломат ва ё принсипҳои корбурди он дар таълими забони модарӣ сухан ба миён овард ва ин маъниро метавон дар доираи асосҳо ё худ принсипҳои зерин пешниҳод намуд:

1. **Принсипи иртиботӣ.** Дар доираи ин принсип матн воҳиди ифодаи маводи забонӣ ва омили ташаккули малакаи нутқ (муошират ва алоқа), инчунин, навъи муайяни иттилоот аст. Истифодаи ин принсип алоқаи воҳидҳои забонро бояд бо дониш, қобилияти амалан интихоб кардани воситаҳои зарурии нутқро, ки ба инкишофи тафаккури мантиқии муҳассилин мувофиқ аст, таъмин намояд.

2. **Принсипи ба назар гирифтани донишҳои фарҳангии толибилмон** дар дарсҳои забони тоҷикӣ барои таҳлил матнҳои адабие интихоб карда шаванд, ки фарогири мазмунҳои рӯйдодҳои таърихӣ, фарҳанги миллӣ, расму оинҳои халқҳои гуногун, табиат, одобу ахлоқ ва фарҳанги гуфтор бошанд. Осори адабие, ки ҷаҳонбинии халқро ифода мекунад, хонандагонро бояд дар ҷодаи риояи ватандӯстиву таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми миллатҳои дигар тарбия намоянд. Бахусус, дар раванди коркарди маводи матнҳои бадеӣ хонандагон намудҳои гуногуни

машқҳоро иҷро карда, метавонанд, қобилияти хуби забономӯзии худро нишон диҳанд.

3. **<u>Принсипи ба инобат гирифтани воситаҳои образнок ва ифоданоки забон,</u>** ки хусусиятҳои грамматикию услубии мавзуъро муайян мекунанд. Муҳимтарин хусусияти услубҳои бадеӣ ин аст, ки дар онҳо истифодаи фаровони санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, истиора, муболиға, тавсиф, маҷоз, таҷнис, ташхис, саҷъ, талмеҳ, такрор ва монанди инҳо зиёда ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, аҳаммияти корбасти санъатҳои адабиро дар осори бадеӣ муҳаққиқон чунин иброз доштаанд: «Онҳо (санъатҳои бадеӣ – Р.М.) воситаи бебадали тасвири ҷоннок, баёни пурэҳтирос, офариниши образҳои бадеӣ маҳсуб мешаванд. Аксари ин санъатҳои бадеӣ предмети тасвирро ба зайли оинаи булӯр равшан ва ба каратҳо бузург карда нишон медиҳанд» [8:34].

Тавсия мегардад, ки омӯзгор бояд дар баробари кор бо матнҳо аз адабиёти муосири тоҷик ҳамчун илова аз мероси суханварони классик интихоб ва истифода намоянд. Ин усул дар дарсҳо робитаи ду давраи таърихи забони адабии тоҷик – классикӣ ва муосир таъмин карда, самаранокии дарсҳои забони тоҷикӣ дар доираи ҷанбаҳои ғоявию бадеии порчаҳои пурмазмун ва дилангези мероси сухангустарони бузург низ афзун мегардад. Таълими синтаксис дар асоси порчаҳои манзум дар дарсҳои забони тоҷикӣ тахминан бист фоизи машқҳои китобҳои дарсии синфҳои 5-9-умро фаро мегирад, ки истифодаашон дар таълими забони тоҷикӣ яке аз масоили ҳалталаб дар ин раванд маҳсуб меёбад. Мутаассифона, аснои иҷрои машқҳо аз осори классикон омӯзгорон танҳо бо муайян кардани ҳодисаҳои забонии он иктифо менамоянду халос. Аммо зарур аст, ки ҳар омӯзгор, агар хоҳад, ки шогирдонашро аз асолату фасоҳати забони модарӣ бархурдор гардонад, бояд таълими забони тоҷикиро тавъам бо маънишиносӣ ҳам ба роҳ монад. Дар аснои шарҳу тавзеҳи қавоиди грамматикӣ ва рӯнамо кардани порчаҳои манзум аз осори ниёгон, ки дар китобҳои дарсӣ пешниҳод шудаанд, ӯро лозим

аст, ки ба шарҳи маънӣ ва вожаҳои барои хонандагон душворфаҳм низ рӯ оварад.

Аз бар кардани матнҳои манзум барои ҳар фард барои хонандагон арзиши махсус дорад. Он барои сайқал додани зеҳни хонандагон муфид аст. Тавассути азбаркунии матнҳои манзум хотираи хонандагон қавӣ мегардад ва онҳо (хонандагон) дар вақтҳои зарурӣ аз онҳо истифода мебаранд. Яъне, порчаҳои манзум дар нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон ба ҳайси санад ба хотир гирифта мешаванд, минбаъд дар инкишофи нутқи шифоҳиву хаттии онҳо, ҳамчун манбаъҳои захиравӣ, аҳаммияти махсус ва нақши хотирмон доранд. Барои ин, шинос намудани хонандагон бо намунаҳои беҳтарини осори манзуми суханварон, алалхусус, классикон ҳамеша ба манфиати кор аст. Ба ақидаи М. Ҳабибуллоева: «Дар адабиёти тоҷику-форс шеър мартабаи волотаринро дорост ва ягона равзана, даричаест музайяну мунаққаш, ки тавассути он офарандагони сухан хонандаро ба олами беҳудуди адаб ошно месозанд». [97:6].

Методистон низ бар онанд, ки «забондониро ба шогирдон тавассути санъати шеърӣ омӯзонидан лозим аст. Шиносоӣ бо шеър на танҳо захираи луғавии хонандагонро ғанӣ мегардонад, балки онҳоро аз муҳити якрангӣ, такрори бемавқеъ, суханҳои хушк раҳо мекунад» [91: 5].

Гузашта аз ин, мавзунияту ҷаззобият, оҳангнокӣ ва фасоҳату балоғати осори манзум наметавонад касеро бетараф гузорад. Аз ин рӯ, омӯзгори хушсалиқаву боистеъдодро зарур аст, ки ин ҳама фасоҳату балоғати каломи мавзунро дар назари шогирдон ҷилвагар намуда тавонад. Ба қавли Ардамеҳр: «Офият ва азамат, мустақбал ва абадияти миллат қабл аз ҳама бастаи он аст, ки таълиму тадриси забону адабиёт дар дабистонҳо – ин қӯраҳои ҳамешагии миллатгудозӣ ва миллатсозӣ чӣ навъ сурат мегирад» [139:170].

Сатҳи саводнокӣ ва маданияти сухани шахс яке аз нишонаҳои салоҳиятнокӣ буда, аз тарзи баёнаш муайян мегардад. М.Шакурӣ қайд менамоянд, ки «ба вуҷуд овардани ҷомеае, ки аз чеҳраи инсонии он нури

маънавият меборад, аз саводи баланд ва хушсаводӣ шурӯъ мешавад, ки низ бо аз худ кардани адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ даст хоҳад дод. Агар хушсаводии маънавӣ дар ҷомеа реша давонад, бесаводон низ аз он бебаҳра нахоҳанд монд, тамоми ҷомеа нур хоҳад гирифт» [112,58].

Барои ба натиҷахои дилхоҳ ноил гардидан зарур аст, ки омӯзгор пайваста аз болои худ кор кунад, ҳамеша ба дарсҳо омодагии ҳаматарафа дошта бошад, зеро маҳз «муаллим шогирдони худро зина ба зина ба шоҳроҳи маърифат пеш мебарад, шеърхонии онҳоро такмил медиҳад, ҷавҳари сухангустариашонро суфта карда, маданияти нутқро баланд мебардорад». [97:11].

Бояд таъкид намуд, ки нахустин қадам аснои таҳлили порчаҳои манзум дар дарси забони тоҷикӣ қироати ифоданок ва андаке орому бешитоби он мебошад. Дар ҳолати зарурат ду-се маротиба қироат кардани матнҳои шеърӣ барои дарки саҳеҳи мазмуни он мусоид аст. Ба ҷуз ин, барои идроки афкору мақсади шоир такроран ва ҳатман оҳиста хондани шеър барои он зарурат дорад, ки дар раванди он хонандагон ҳам дар худ маҳорати мутолиаи бошууронаро ташаккул медиҳад. Дар раванди чунин хониш малакаи шеърхонӣ ва фаҳмиши мазмуни он дар хонанадагон ташаккул меёбад.

Азхудкунии порчаҳои манзум назар ба матнҳои мансур мушкилоти хосро дорост ва мо чунин мепиндорем, ки иҷрои талаботи зерин маърифати шеърро барои шогирдон осон менамояд:

а) қироати ифоданоки порчаҳои манзум;

б) тафсири вожаҳои ба хонандагон ношинос;

в) муайян кардани санъатҳои бадеӣ ва шарҳи онҳо;

г) тафсир ва маъникушоӣ;

д) муайян кардани хусусиятҳои забони назм (вазни шеър, қофия ва радиф).

Ба алоқамандони соҳа маълум аст, ки матни бадеӣ, агар дар қолаби назм таҳия шуда бошад, хусусияти наҳвии муайянеро ҳам доро аст. Дар

таълифи шеър чун дар наср қоидаҳои маъмули ҷумласозӣ риоя карда намешавад. Аъзои ҷумла дар шеър метавонад, вобаста ба талаботи вазну қофия ва дигар ҳолатҳои таълиф мавқеъ ва ё ҷойи худро дигар кунанд, ба қисматҳо ҷудо ва гоҳе ихтисор шавад ва ғайра. Аз ин лиҳоз, маҳз таҳлили пайвастаи порчаҳои манзум дар дарсҳои забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки шогирдон аз қолабҳои гуногуни наҳвии осори манзум огаҳӣ пайдо кунанд. Ин амал дар ниҳоди онҳо оид ба маърифати шеър заминаҳои қавӣ мегузорад, вагарна ноогоҳии онҳо (хонандагон) аз чунин хусусияти матни манзум барояшон ба дарки матлаби шоирон монеаҳо эҷод мекунад. Масалан, дар китоби дарсии синфи 9-ум зимни такрори мавзуи «Ҷумлаи чидааъзо ва воҳидҳои хулосакунанда дар он» [93:18] дар қатори ҷумлаҳо аз асарҳои бадеии адибони муосир ҳамагӣ як байт аз Ҷалолуддини Балхӣ оварда шудааст:

«Илму молу мансабу ҷоҳу қирон
Фитна орад бар кафи бадгавҳарон» [93:18].

Аснои иҷрои шарти машқ, ки аз ҷумлаҳои додашуда «мубтадо ва хабари чидаро ёфта, сабаби гузошта шудани ин ё он аломати китобати байни онҳоро фаҳмонед» [93:18] талаб карда мешавад, омӯзгорро зарур аст, ки дар навбати аввал, ба маънӣ ва муҳтавои байти мазкур диққати махсус зоҳир намояд. Зеро муҳтавои ҷумлаҳои дигар («Иди якуми май - иди меҳнат, иди баҳори бахт, иди саодати одамизод. (А.Ш.). Маркаб метарсид, гӯшҳояшро хобонда, гашташро суст мекард (С.Т.). Дарахтҳо, хонаҳои баланду паст, заминҳои кишт, пастию баландиҳо–ҳама ба назар метофтанд (Ҷ.И.). Фирӯза, Шамсия, Оймуллои Танбӯр ва Муҳаррами Ғарч низ гӯё симоҳои зиндаанд (Ф.М.)»)[93:18], ба назари мо, ба шарҳу маънидод эҳтиёҷ надоранд. Аммо қимати байти фавқуззикрро, ки шомили маънии баланди тарбиявӣ ва дорои вожаҳои тоза (ҷоҳу қирон, фитна, бадгавҳарон) аст, нодида гирифта, танҳо бо муайян кардани аъзоҳои чидаи он иктифо кардан камоли беэътиборист. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд талаботи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълимро мадди назар гирифта, аз фурсати дастдода моҳирона истифода барад. Асолату

зебоии забони назми классикӣ, маъниофарӣ, ҳунари шоир ва ғояи тарбиявии байти мазкур ва амсоли инҳоро намоиш диҳад, то дар зиндагӣ барои шогирдон роҳнамо гарданд.

Мебояд афзуд, ки зинаи дуюми фаҳмидани маънову муҳтавои осори манзум ва маърифати бадеии он ба наср баргардонидани он аст. Яъне ҳангоми таҳлили сарфиву наҳвии байтҳои адибони классик мувофиқи маслиҳати мутахассисони варзида он абёт бояд ба наср баргардонида шавад ва сипас, таҳлил гардад. Ин амал аз ду ҷиҳат аҳаммият дорад: якум, хонандагон қолаби наҳвии баёни андешаи муаллифро хубтар мефаҳманд; дуюм, мазмуни байт ва мақсади гӯяндаро ба осонӣ дарк мекунанд. Муҳаққиқи шаҳир Абдулманнони Насриддин доир ба масоили заминаҳои асосии пайдоиши шарҳнависӣ, мактабу ҷараёнҳои шарҳу тафсири китобҳои нафисаи форсӣ-тоҷикӣ, роҳу усулҳои классикии баёни маонӣ ва шинохти асли матлабҳо пажуҳишоти судманде анҷом дода, се роҳи кашфи маънӣ аз шеъри пурмуҳтавои классикиро ироз доштааст:

«1. Аниқ донистани маънои калимаю ибораҳо, қатъи назар аз он ки маънои аслӣ аст ё ба маҷоз баён шудааст. Агар андаке шубҳа дар маънои калима пайдо шавад, ҳатман ба луғатномаҳои боэътимод муроҷиат бояд кард. То маъно ва тобишҳои ҳамаи калимаҳо дар байт ё қитъаи мансур маълум нагардад, дар шарҳу баёни матлаби суханвар иқдом набояд кард.
2. Қабл аз баёни маъно бояд байтро ба наср баргардонем, яъне насри он байти навишта ё дар фикри мо ҳосил шавад. Ба наср овардани байт гиреҳи мушкилотро боз хоҳад кард.
3. Аммо, агар маънишиноси ҳушманд асли матлабро донистан хоҳад, бояд баъди ба наср овардан омили аслии пайдоиши он маъноро ҷустуҷӯ намояд, ки аз ин ҷиҳати савуми маънишиносӣ ба зуҳур мерасад... » [68:211].

Аз муҳаққиқони рус В. Я. Стоюнин чунин маслиҳат медиҳад: «Бо мақсади ҳифзи хусусиятҳои бадеӣ ва эҳсоси зебоипарастӣ порчаҳои

манзумро ба наср баргардонидан ва аз рӯйи он анҷом додани машқҳои грамматикӣ мумкин нест; бо шарҳу тафсири калимаву ифодаҳои душворфаҳм бояд иктифо намуд» [87:121]. Аммо мо чунин меҳисобем, ки тафсир дар шакли асл ё баъди табдили порчаи шеърӣ ба наср ба салоҳияти омӯзгор низ вобаста аст. Баъзе аз осори манзуми шуарои классик, ки хеле содаву фаҳмо баён гашта, мавқеи аъзоҳои ҷумла низ нигоҳ дошта шудааст, эҳтиёҷ ба шарҳи маъно ва ба наср баргардонидан надоранд. Масалан, дар байти зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ:

Мағрур машав ба мол чун бехаборон,

Зеро ки бувад мол чу абри гузарон [203:211].

Дар ҳолати баръакс бо ифодаи байт дар қолаби ҷумлаи фасеҳ на танҳо дониши грамматикии хонандагон қавӣ, инчунин завқи бадеиву маънифаҳмии онҳо низ бештар рушд меёбад. Мушкил дар он аст, ки бо иҷрои кори чандзинагӣ дар матн, сохтори грамматикӣ ва забонӣ, аҳаммияти бадеӣ ва асолати шеър набояд гум шавад. Бо муқоисаи назму наср ва хусусиятҳоеро, ки танҳо ба назм хос аст, муайян намуда, ба чунин натиҷа бояд расид, ки хонандагон аз хазинаи суханшиносии ниёкони хештан дурдонаҳое ба каф оранд ва бардошти маънавӣ ҳосил кунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон муваззаф ҳастанд, ки шогирдони худро аз ин ганҷи боарзиш шодоб намоянд. Дар ин бобат мақсад ва ё матлаби мо бар он асос аст, ки матн, ҳамчун маводи дидактикӣ, дар баробари инъикос намудани ҳодисаи забонӣ, дорои ҷанбаҳои тарбиявӣ ҳам бошад. Педагоги рус Болдирев Н.И. дар асари худ «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб» ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад: «Таълимро танҳо дар доираи дарс ва тарбияро танҳо бо чорабиниҳои берун аз дарс маҳдуд кардан дуруст нест. Дар дарсҳо масъалаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ баробар ҳал карда мешаванд» [28:36].

Тарбия ва таълим бо ҳам робита ва вобастагии зич доранд ва таълим воситаи муҳимми тарбия маҳсуб меёбад, аммо тарбия шарти зарурии баландшавии сифати таълим мебошад. Дар Консепсияи миллии

тарбия низ таъкид гардидааст: «Тарбия аз рӯйи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст» [2]. Дар раванди таълим бояд мазмуни маводи таълимӣ ба тарбияи ахлоқиву маънавии хонандагон нигаронида шуда, донишҳои дар раванди он ҳосилшуда асоси ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон гардад.

Хулоса, дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ нуктаи муҳим он аст, ки коркарди осори манзум ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам таҳлили маъноӣ сурат гирад. Бартарияти ин усул дар он ифода меёбад, ки хонанда ба идроки фикру ҳиссиёти дар шеър ифодаёфта завқу хоҳиш пайдо намуда, шеърро ҳифз ҳам мекунад. Омӯзгор низ имкон пайдо месозад, ки андешаҳои ба миён омадаро ҷамъбаст намуда, хонандагонро ба самти зарурӣ равона созад, ба асосҳои таҳлили забоншиносӣ шинос ва одат кунонад, то ки ба шарофати чунин амалҳо хонандагон тавонанд, мафҳумҳои мураккаби назариявиро нисбатан осон ва табиӣ дарк кунанд.

Дар натиҷаи корбасти усулҳои пешниҳодшуда дар ҷараёни ҳар дарс хонандагон вижагиҳои шеъри алоҳидаро пурратар ва муфассалтар фаҳмида, тавзеҳ медиҳанд, нутқашон дар ин раванд ташаккул меёбад, малакаи хониш, махсусан, хониши бошуурона инкишоф меёбад. Ба таври маҷозӣ «бо як тир чанд нишон мезанад», яъне ҳам масоили забоншиносӣ ба шогирдон муаррифӣ карда шавад ва низ дар ин раванд нутқи мураттаб рушд дода шавад.

Зарур аст, ки масоили забон бояд ва ҳамеша дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар доираи маводи адабиёти пурғановати классикон сурат бигирад. Ҳамгиро намудани таълими ин ду фанни меҳварии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зарурати беҳадро тақозо мекунад, ки мақсади ниҳоии таҳқиқоти мо низ ба ҳамин нукта нигаронида шудааст. Зарур аст, ки дар ин бобат суханони муҳаққиқ Ардамеҳр (Фотеҳ Абдулло) - ро ин ҷо таъкид созем: «Ҷойиз нест, ки миёни дарсҳои забону адабиёт сарҳад ва марзбонҳо гузорем, ки марзро вайрон

накунанд, чаро ки ҳадафи ниҳоии ин ду тарбияи инсонест, фарҳехтаю варзида, таъдиди инсонест зиндадори машъали маърифат ва маданият, нафосат ва насафат [139:175].

Дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 бобати шарҳи маводи назариявии забони тоҷикӣ давра ба давра истифода кардан аз порчаҳои манзум барои баланд бардоштани сатҳи маърифативу ахлоқии хонандагон яке аз усулҳои дар таҷриба санҷидашуда маҳсуб ёфта, дар ин раванд фаъолиятҳои зерин низ дар мадди назаранд:

а) нутқи хонандагонро бо калимаю ибораҳои нав ғанӣ мегардонад;

б) имлои вожаву ибораҳоеро, ки бидуни андеша қаблан нодуруст истифода мекарданд, шуурона аз худ мекардагӣ мешаванд;

в) дар бораи мазмуни маводи қироаткардаашон амиқ андешаронӣ карда метавонистагӣ мешаванд;

г) ба хонандагон дар фаҳмидани сохти грамматикии осори классикон ёрӣ мерасонад.

Мо метавонем, хулосаи боз ҳам амиқтари ҷамъбасткунандаи ин ҳар се нуктаро дар доираи гуфтаҳои профессор Д. Хоҷаев пеши назар орем, ки фармудааст: «Забони назм аз калима ва таркибҳои латиф, ширин, ки бо ҳиссиёту ҳаяҷон, шодӣ ва лаззат омезиш ёфтааст, ба олами ботинии инсон донаҳои накӯкорӣ мепарварад. Шоир дар ин жанр калимаҳои дурушт, ноҳамвор, алфози хушк ва носуфтаро кор намефармояд. Калимотеро бармечинад, ки дорои салосату балоғат, ширин, латиф ва раво н бошанд. [91:5]

Баробари ба завқу зеҳни хонанда расонидани ин ҳама муҳассаноти осори манзум рисолати бузурги омӯзгори фанни забони модарӣ, ки забон омӯзонидан, инкишоф додани нутқ, тарбияи насли суханвару сухансанҷ ва хушахлоқ аст, иҷро хоҳад шуд. Ҳамин тавр, мо бояд «бо намунаи ҷумлаву матнҳои олӣ, насру назми пуртароват дар ниҳоди хонандагони насли соҳибистиқлол аз аввал шираву шарбати сухан, лаззати маънӣ ба вуҷуд орем» (168:15), ки, бешак, ин вазифаи дарси забони тоҷикӣ ва омӯзгори ҳамин фан аст.

Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанни забони тоҷикиро зарур аст, ки дар доираи китобҳои дарсӣ маҳдуд нашуда, намунаҳоро аз ашъори чеҳраҳои мондагори адабиёти тоҷику форс бештар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад, то ҳам дар забономӯзиву забондонии шогирдон саҳми бориз гузораду ҳам ҳусни дарсро афзояд.

«Маъмулан маводи асосӣ ва муҳими таълимро порча ва матнҳои насрӣ ташкил медиҳанд. Ҳақиқати ҳол дар он аст, ки дар наср бештари ҷузъиёти забон чи аз ҷиҳати луғавӣ, чи аз ҷиҳати дастурӣ муҳайё аст ва забономӯз ба чашм мебинад ва ба ақли расо мефаҳмад. Дар назм низ хусусиятҳои муҳимтарини забони тоҷикӣ маҳфузанд ва дар натиҷаи бо шеър сарукор доштан ба он хусусиятҳо амиқтар сарфаҳм рафтан шароити мусоид фароҳам мегардад. Азбаски назм оҳангу мавзуният дорад, диққати забономӯзонро бештар ҷалб мекунад ва шавқу завқи забондонии ононро афзун мегардонад» [139:119].

Аз ин лиҳоз, истифодаи панду андарзҳо аз суханварони асримиёнагӣ, ки бештар дар шакли назм таълиф гардидаанд, дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳамчун маводи хуби дидактикии хидмат менамоянд.

Матни дар ҷараёни дарс баррасишаванда ҳар кадом чун як асари намунавии бадеӣ бошад, то барои азхудкунии маводи забонӣ ҳам мусоидат намояд. Ба ифодаи дигар, ҳар як матни истифодашуда тибқи татбиқи меъёрҳои дар фавқ таъкидшуда бояд аз ҷиҳати мазмун ниҳоят баланд бошад, шавқи маърифатии хонандагонро бедор созад ва ба хусусиятҳои синнусолии онҳо низ мувофиқ бошад.

Бояд тазаккур дод, ки риояи меъёрҳои зикргардидаи интихоби матн, тибқи боварии мо, метавонад, калиди кушоишҳои кори бомуваффақияти омӯзгор дар рушди салоҳиятҳои забонӣ, маърифатӣ ва иртиботии хонандагон гардад. Илова бар ин, маводи тибқи талабот интихобшуда мутаносибан ба инкишофи ҳамаҷонибаи маданияту маърифатии хонандагон (ахлоқӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ ва тарбиявӣ) шарти

зарурӣ ба шумор рафта, дар раванди таҳлили он ҳар як талаба иштирокчии фаъол ҳам мегардад. Ба вуҷуд овардани муҳити фаъолияти якҷоя ва эҷодии муаллим ва талаба дар дарсҳои забони тоҷикӣ шавқу ҳаваси мактаббачагонро ба коркарди матн, ба омӯзиши осори классикон бедор мекунад.

Хонандае, ки ҳисси забондонӣ ва ҳисси интуитивӣ (ё худ беихтиёрона)-и системаи забонро дар худ инкишоф медиҳад, на танҳо зимни тақлид ба намунаҳо, балки дар натиҷаи худомӯзӣ маҳорати муоширатии худро ҳам такмил медиҳад. Гуфтан ҷойиз аст, ки нутқи зебо ва мураттаб насиби шахсе мегардад, ки дар руҳияи нутқи намунавӣ тарбия ёфта, малакаҳои гуфторро ба даст оварда бошад. Тибқи ин маънӣ, малакаи нутқ, доираи васеи имкониятҳои шахсӣ аст, ки дар нутқи ӯ ифодаҳои гуфториву навишторӣ аз қабили талаффузи дуруст, интихоб ва алоқаи калимаҳо дар ҷумла ва тарзи баҳампайвандии ҷумлаҳо дар раванди баёни фикр ташаккул ёфтааст ва ин тибқи талаботи зерин сурат хоҳад гирифт:

- Нақли пайдарпай ва мураттаби мазмуни матни хондашуда;
- дарки ғоя ва мақсади асосии нависанда дар асари бадеӣ;
- шарҳу таҳлили маънохои калимаҳои сермаъно дар заминаи матн;
- шарҳу тафсири мазмуни порчаҳои манзум;
- ба наср баргардонидани шеър;
- шарҳи вожаҳои душворфаҳм.

Албатта, риояи иҷрои ин ҳама амалҳо касро ба фикр кардан, таҳлил кардан, баҳо додан ва хулоса намудан водор месозанд. Роҳи беҳтарини инкишофи нутқи шахс ба нақл кардани маводи қироатшуда иртибот дорад. Нақл аз воситаҳои баёни сюжету асарҳои бадеӣ буда, аз номи шахси якум баррасӣ мешавад. Тавассути ин тарзи баён нависанда (ва ё хонанда) оид ба воқеаҳо, рӯзгори кас, саргузашт ва дидаю шунидаи худ хабар медиҳад. Нақл яке аз воситаҳои инкишофдиҳии нутқи

алоқаманд маҳсуб ёфта, барои ташаккули малакаҳои нутқи шахс нақши муҳим мебозад.

Нақл метавонад, мазмунан гуногун бошад: таҳти мафҳумҳои он баёни ҳикояҳои гуногун, тасвири манзара, шарҳи ҳодисаҳои табиат, шарҳи шароити меҳнат дар чорабиниҳои сиёсӣ, муҳокимаи мақолаҳои публисистӣ ва ғайра дар мадди назаранд. Набояд фаромӯш кард, ки нутқи ҳар шахс яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми мавқеи умумии маданият ва савияи донишу забондонии ӯ мебошад. Барои то чӣ андоза дурусту саҳеҳ будани фикрамонро дарк кардан, қолабҳои беҳтарини ҷумласозиро пайдо намудан ва аз баёни ноогоҳона парҳез кардан ҳар кадоми мо бояд пайрави устодони сухану нукоти дилпазири осори адабии классикон бошем.

Адабиётшиноси маъруф, академик М.Шукуров таъкид намудааст: «Зебоиву равонӣ, тавоноӣ ва матонати забони адабиёту илми классикӣ бояд ҳамеша намунаи ибрати мо бошад ва ҷустуҷӯҳои нави замони мо ба он такя кунад. Робитаи мо бо забони халқ ва адабиёти классикӣ ҳар чӣ бештар бошад, пояҳои халқии забони адабии имрӯза ба ҳамон андоза устувор хоҳад буд. Яке аз манбаъҳои асосии иқтидори имрӯзаи забони адабӣ иқтидори дирӯзии он аст» [112:22].

Бо такя ба гуфтаҳои мунаққиди мазкур таъкид мекунем, ки дар ҷодаи забондонӣ ду чизро аз ҳамдигар бояд фарқ кард: дуруст сухан кардан ва зебо гап задан. Омӯхтани зебо сухан кардан вазифаи грамматика нест, балки вай дуруст гап заданро меомӯзад, аммо ёд гирифтани каломи зебо ба уҳдаи услубшиносӣ ё фанни ҳусни баён аст. Аз ин лиҳоз, дуруст гап заданро наомӯхта наметавон зебо гуфтанро аз худ кард. Аз ин рӯ, омӯхтани грамматика зарурати маҳзро доро буда, баъдан, аз маданияти баланди кас, чи дар гуфтор ва чи дар навиштан гувоҳӣ медиҳад.

Бузургтарин шоирон ва мутафаккирони давраҳои гуногун, ки имрӯз бо осори гаронбаҳояшон маъруфу маълуманд, забондону зебогуфтор будаанд, ки дар офаридани асарҳои бузургманиш комёб гардидаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанни забони тоҷикиро лозим

меояд, ки порчаҳои беҳтарини осори он устодони суханро барои муаррифӣ намудани қонуну қоидаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ интихоб намуда, ҷанбаи тарбиявии дарсҳои худро тақвият бахшанд. Мисолҳо, порчаҳо ва ҷумлаҳоеро интихоб кунанд, ки мазмунашон хонандагонро дар руҳияи ватанпарвариву инсондӯстӣ, дӯстиву рафоқат, меҳру муҳаббат, сулҳдӯстиву ҳамзистӣ, дӯст доштани ҳаёт, ба қадри зиндагӣ ва ба қадри якдигар расидан, зебопараст будан, табиатро ҳифз кардан ва амсоли инҳо ҳидоят намоянд.

Ба мутахассисони ҳамаи соҳаҳои таълиму тарбия маълум аст, ки таҳсилот на танҳо дониш, малака ва маҳорати инсон, балки сифатҳои маънавӣ ва афзалиятҳои ҷаҳонбинию ахлоқии ӯро низ муайян менамояд. Мувофиқати комили дониш бо сифатҳои шахсии инсон дар раванди таълиму тарбия омили муҳим ба шумор меравад. Мебояд афзуд, ки бояд муаллим дар фаъолияти таълимии худ дорои ангезаҳои мусбат бошад, ки тавассути онҳо хонандагонро ба фаъолияти мустақил ва эҷодӣ ҳидоят намояд.

Муносибати масъулиятшиносонаи ӯ барои он зарурат дорад, ки ба ҳалли масъалаҳои гуногуни зимни омӯзиши синтаксис бамиёномада ва барои сарфакорона ва оқилона истифода бурдани вақт дар ҷараёни дарс барояш имконияти хуб фароҳам оварад. Он масъалаҳоеро, ки хонандагон дар дарсҳои қаблӣ омӯхтаанд, ба назар гирифта, онҳоро ба зинаи нави азхудкунии мавод омода намояд.

Инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон имрӯз барои тамоми макотиб яке аз мақсадҳои асосии ҳамаи омӯзгорон маҳсуб меёбад: бахусус дар ҷодаи инкишоф додани нутқи мураттаби онҳо. Пеш аз ҳама, дар ин ҷода ба он бояд муваффақ шуд, ки хонандагони синфҳои ҳаштуму нуҳум дар таълифи ҳамаи хелҳои ҷумлаҳо маҳорату малака дошта бошанд. Онҳоро зарур аст, ки ғайр аз дастрасӣ ба сохтори ҷумлаҳое, ки аз синфҳои ибтидоӣ омӯхтаанд, бояд бо дигар навъи ҷумлаҳо низ сарукор гирифта тавонанд. Агар дар раванди таълим зарбулмасалу

мақол, панду андарз ё байтҳои пурҳикмат таҳлил шаванд, ба ҷалби диққати хонандагон ва ғановати нутқи онҳо низ мусоидат мекунад ва ин ҳама нутқи хонандагонро бо сохторҳои гуногуни забон рушд бахшида, боиси пуробурангии нутқашон низ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар раванди таълими синтаксис дар синфҳои 8-9 аз ҳама бештар ба хонанадагон пешниҳод намудани иҷрои машқҳои эҷодӣ барои рушди тафаккур ва нутқи хаттиву шифоҳии ба ном мураттаби онҳо нақши муҳимро доро мебошад. Ба ҷуз ин, кор бо матн барои пурратар ва амиқтар дарк кардани масоили назариявии забон мусоидат карда ва дар ин раванд бо арзёбии қавоиди забон ба ноил гардидан ба рушди нутқи мураттаби муҳасиллин ҳам мебошанд. Матнҳои баргузида аз осори классикон дар синфҳои 8-9 имкон медиҳад, ки диққати хонандагон дар баробари дарки мавзуи асосии дарс, ҳамчунин, ба мазмуни баланди мисолҳои интихобшуда ҳам ҷалб карда шавад.

## Хулосаи боби якум

Аз баррасии масъалаи «Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои VIII-IX) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» ба натиҷаҳои зерин расидем:

1. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон яке аз масъалаҳои мубрам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб ёфта, дар раванди таълими тамоми фанҳо дар маркази диққат ва фаъолияти кулли омӯзгорон қарор дорад.
2. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар ҷараёни дарсҳои фанни забони тоҷикӣ, махсусан, таълими синтаксиси забони тоҷикӣ самараи бештар медиҳад. Дар омӯзиши қисмати наҳв истифода кардан аз осори бадеии пуробуранги суханварони классикии тоҷику-форс ба рушди фарҳанги нутқи хонандагон мусоидат мекунад. Аммо маълум гардид, ки дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-и синфҳои 8 ва 9 теъдоди матнҳо аз асарҳои бадеии

классикон барои иҷрои машқҳо ҳамагӣ аз 13 то 20 фоизро ташкил медиҳаду бас.

3. Таҳлили матнҳо аз осори классикон дар се ҷанба таъсиргузор аст: баррасии масоили наҳв; инкишофи нутқи мураттаби хонандагон; парваришу тарбияи хонандагон: инсондӯстӣ, зебоипарастӣ, ахлоқи накӯ, маданияти баланд, худшиносиву худогоҳӣ ва монанди инҳо.
4. Яке аз омилҳои муҳимми инкишоф додани нутқи шифоҳӣ хониши ифоданок (бадеӣ) ва ҳифзи порчаҳои манзуму мансур ба шумор меравад. Дар раванди ин фаъолият толибилмон ибораву ҷумлаҳои зебову пурмаъно, образнок ва маҳорати бадеии нависандаро ба хубӣ эҳсос менамоянд.

Масалан, С. Шербоев матнро воситаи муҳимми робитаи фанҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳисобида, қайд кардааст: «Матнҳо тавре бояд мавриди истифода қарор гиранд, ки дар ҳар дарс алоқамандии фанни забони тоҷикӣ бо фанҳои дигар комилан эҳсос шавад ва дар дили шогирдон муҳаббати забондонӣ фузун гардад» [179:23].

# БОБИ II. ТАШКИЛИ КОРҲОИ МЕТОДӢ ДОИР БА ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 8 - 9 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ СИНТАКСИСИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ВА МУРАККАБ

## 2.1. Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода

Дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ба омӯзиши осори классикон ҳанӯз аз зинаҳои аввали таълиму тарбия эътибор дода мешавад, ки ин бозгӯи имконоти густардаи маърифатӣ ва тарбиявии он мебошад. Аҳаммияти омӯзиши осори классиконро олимону методистони маъруф таъкид намуда, бо далелҳо зарурати чунин матлабро дар раванди таълими забони тоҷикӣ низ таъкид кардаанд. Роҳҳои самараноки омӯзонидани забонро ҷустуҷӯ намуда, методисти шинохтаи рус Г.П.Соколова ба чунин хулоса омадааст: «Мутмаинам, ки танҳо классика, танҳо ҳамон намунаҳои нутқи бадеӣ, ки ба хонандагон шаҳомати забони модариро намоиш медиҳанд, ба забономӯзӣ мадад расонида метавонад» [169:9].

Мо низ бар онем, ки дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 ба роҳ мондани кор аз рӯйи матнҳои осори классикон хонандагонро бо имконоти услубӣ ва наҳвии забони модариашон ошно сохта, ҳамзамон барои ғановати захираи луғавӣ, ташаккули фарҳанги нутқ, рушди салоҳиятҳои забониву коммуникативиашон мусоидат менамояд. Корбасти фаровони осори пандомези классикони форсу тоҷик дар дарсҳои забони тоҷикӣ боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин навъи матнҳо беҳтарин маводи дидактикӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти ҳозир ба масъалаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон зимни омӯзиши синтаксис дар синфҳои 8-9 дар заминаи ашъори ҳикматомези классикон ва дар заминаи маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бахшида шудаст.

Таълими алоқамандонаи фанни забон ва адабиёти тоҷикро Абдуманнони Насриддин чунини таъкид намудааст: «Дарсҳои забон бояд ҷойи холии дарси адабиётро пур намояд ва ин холигиро мо дар таълими фасоҳату балоғат ва матонату салосати калом мебинем» [161:83]. Муаллифи китоби дарсии фанни «Забони тоҷикӣ» дар синфи IX Д. Хоҷаев ҳамгироии фанҳои мазкурро дар омӯзиши қисмати наҳв муҳимтар мешуморад: «Дар илми забон як бахше, ки маҳз барои таъмини ҳамин салосату фасоҳати забон равона мебошад, илми наҳв аст» [91:167].

Таъкид бояд намуд, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ (манзури мо синфҳои 8-9) намунаҳо аз осори адибони классик, ки ба таълими мавзуъҳо мувофиқанд, оварда шудаанд. Аммо теъдоди машқҳо аз осори мондагори классикон, бахусус, порчаву абёти пандуандарзӣ дар муқоиса аз намунаҳои осори адибони муосир кам мебошад. Фаровонии санъатҳои лафзиву маънавӣ, вожаҳои муассиру дилнишин ва андарзҳои судманд дар адабиёти класикӣ водор месозад, ки дар ин масъала таносуб барқарор гардад, зеро вазифаи дарси забони тоҷикӣ ва омӯзгорон «ҳусни забони тоҷикиро, имконоту боигарии онро нишон додан» [91:167].

Бино ба таъкиди профессор Абдуманони Насриддинов низ, «сайқал додани хирад, тарбияи тафаккури бадеӣ ва ба ин васила роҳ ёфтан ба камолоти ақлию маънавӣ» [161:161]-и хонандагон рост меояд. Аммо муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ на ҳамеша ин ҷиҳати масъаларо ба инобат гирифтаанд. Масалан, дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфҳои 8-ум (соли нашр 2020) дар саҳифаҳои 62, 65 ва 79 чунин ҷумлаҳо дарҷ гаштааст: «Имшаб дугонаҳо ба театр рафтанд», «Занҷир суханони ӯро шунид», «Иброҳим аз телевизор филм тамошо кард», «Ошпаз пиёз реза кард», «Субҳ ва шом дар хонаҳои худ нону чой мехӯрданд» ва монанди инҳо ба назар мерасад.

Ҳарчанд сохтори грамматикии ҷумлаҳои мазкур нуқсон надорад, лекин барои тарбияи завқи зебоипарастиву бадеӣ ва ахлоқии хонандагон

аз онҳо суде нест ва барои салоҳиятнокии онҳо ҳеҷ таъсире намегузорад. Зеро «ба театр рафтани дугонаҳо», «сухани касеро шунидани Занҷир», «аз телевизор тамошо кардани филм» ягон хабари муҳим набуда, дар рафъи ягон муаммои зиндагӣ ё мушкилоти маънавӣ ба кор намеояд; хонанда хуб медонад, ки пиёзро ошпаз реза мекунад, на ронанда ё кафшергар; онҳо кистанд ва дар хонаҳои худ нону чой хӯрдан навгоние нест…

Албатта, ин ҷумлаҳо дар дохили матне, ки аз он интихоб шудаанд, дар айни ҳамон матн қурбе доранд ва зикри амалҳои иҷрошуда сабабҳои худро дорад. Аммо берун аз матн дар кадом вазъият ба амал омадани ҳодисаҳои дар ҷумлаҳои боло баёншударо хонандагон тасаввур карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, дар китоби дарсӣ ба ҷойи ин гуна мисолҳо овардани ҷумлаҳо ва байту порчаҳои борвар аз афкори ахлоқӣ, ки баъзан ҳамвазни як асаранд, беҳтар ба назар мерасад.

Бархурдор намудани хонандагон аз ганҷи бебаҳои матнҳои классикӣ дар раванди таълими забони тоҷикӣ аз ҷумла таълими синтаксис дар синфҳои 8 ва 9 басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҷараёни дарсҳои адабиёт таҳлили ҷанбаҳои сохтории осори адибони классикӣ дар доираи вақти ҷудошуда чандон кифоя нест ва баҳраёб гаштани муҳассилин аз вежагиҳои забонии ҷумлаву матнҳо ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дарсҳои забони тоҷикӣ низ дар ин ҷода метавонад василаи расидан ба умқи маъниҳои бикр ва созандаи он сухансароёни мумтоз гардад.

Дар доираи гуфтаҳои боло бояд зикр кард, ки дар таълифоти мо технологияи истифодаи осори манзуму мансури классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ, ки дар ин раванд ҳамгироии ду фан: забони тоҷикӣ бо фанни адабиёт амалӣ мешавад, пешниҳод гардида, масъалаи мазкур дар боби I мавриди таҳлили муфассал қарор дода шудааст. Мақсади пешниҳоди ин амсиларо бори дигар таъкид намуданием, ки сайқал додани маҳорати суханварӣ, бой намудани таркиби луғавӣ, ҷумлаоройӣ

ва баёни озоди фикр маҳсуб меёбад ва амалӣ намудани ин ҳадафҳо дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб имконияти бештар дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки омӯзиши ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мувофиқи барномаи таълимӣ, дар се марҳала: дар синфҳои ибтидоӣ (3-4), дар синфи 5 ва дар синфҳои 8-9 пешбинӣ гардидааст. Таҳқиқоти мо барои ҳаллу фасли марҳалаи ниҳоии таълими ҷумла, яъне синфҳои 8-9 аст, ки давраи асосии омӯзиши курси системаноки синтаксис маҳсуб меёбад.

Раванди таълими синтаксис дар ин марҳала аз ҷониби методист С. Шербоев чунин изҳор гаштааст: «Дар ин давра (яъне дар раванди таълими курси системаноки синтаксис. - Р. М.) имкониятҳое фароҳам меоянд, то ки доир ба назарияи ҷумла тавассути мисолҳои барҷастае, ки табиати онро (ҷумларо) намоиш диҳанд, маълумот дода, алоқамандии он бо маводи пештар омӯхташуда таъмин карда шавад» [108:200].

Дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои омӯзиши ҷумлаҳои сода (дар синфи 8) дар таркиби фасли «Ибора ва ҷумла» маҷмуан 6 соат ҷудо шудааст. Аз ин миқдор мутаносибан ба таълими ибора ва ҷумла сесоатӣ ҷудо кардан рост меояд ва номгӯи мавзуъҳо барои соатҳои алоҳида дар ҷадвали 8-ум дақиқан пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 8.**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Соат |
|---|---|---|
| 1 | Мафҳуми ибора. Ибора ва хусусиятҳои асосии он. Фарқи ибора аз калима ва ҷумла. | 1 |
| 2 | Навъҳои асосии ибора: номӣ ва феълӣ. | 1 |
| 3 | Алоқаи калимаҳо дар ибора: изофӣ, вобастагӣ (пешояндиву пасояндӣ) ва ҳамроҳӣ. | 1 |
| 4 | Мафҳуми ҷумла. Хусусиятҳои асосии ҷумла ва фарқи он аз калима ва ибора. | 1 |
| 5 | Навъҳои ҷумлаи : хабарӣ (ҳикоягӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ | 1 |
| 6 | Алоқаи калимаҳо дар ҷумла. Унсурҳои асосии оҳанги талаффуз (задаи мантиқӣ, таваққуф, суръат, мавзуният) | 1 |

Азбаски хонандагон бо мафҳуми ҷумла аз синфҳои поён шинос мебошанд, омӯзгор метавонад, зимни такя ба донишҳои қаблии онҳо баёни мавзуи навро бо муаммогузорӣ оғоз намояд, ки дар ин раванд андешаҳои хонандагон бо усули «Чархи андешаҳо» [66:17] ҷамъоварӣ карда мешавад. Намуна:




Таваҷҷуҳи хонандагонро ба аломатҳои зерини ҷумла ҷалб кардан низ ба манфиати таълим хоҳад буд:

а) аз алоқамандии гурӯҳи калимаҳо ташкил меёбад;

б) як калима ҳам ҷумларо ташкил дода метавонад;

в) фикри баохиррасидаро ифода мекунад;

г) аломати предикативӣ доштани ҷумла.

Дар муқаддимаи дарси аввал - таълими мавзуи «Ибора» тафовут ва умумияти он аз калима ва ҷумла баррасӣ мегардад. Сарраввал, лозим меояд, ки дар бораи маҳфуми синтаксис маълумот дода шавад. Дар ин бобат онҳо бояд донанд, ки **синтаксис** илм дар бораи қонуниятҳои

сохтории ибора ва ҷумла буда, роҳҳои ташаккули ин ду мафҳумро фаро мегирад.

Ҳар қадар ки хонандагон роҳҳои ибора ва ҷумласозиро хуб аз худ намоянд, фикру андешаашонро ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ дурусту беғалат баён карда метавонанд, салоҳиятҳои маърифативу иртиботӣ ва забониашон ташаккул меёбад. Шогирдон бояд донанд, ки донишу фаҳмиши кофӣ имконият медиҳад, ки фикру андешаҳои дигаронро низ хуб идрок намоянд ва дар зиндагӣ ба кор баранд.

Методикаи баргузории дарсҳоро зимни омӯзиши синтаксис метавон ба нуктаҳои зерин муртабит донист:

1.Барои он ки дарси омӯзгор дарси забономӯзӣ ва дарси инкишофи нутқи хонандагон бошад, бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки аснои таълим бо калимаву таркибҳои нав шинос шуда, тарбияи хуб ҳам гиранд. Бояд ба онҳо намунаҳои хуби ҷумлаҳои ҳикматнок аз осори бузургони сухан тавассути фановариҳои муосири техникӣ, слайдҳои омӯзишӣ ва ё ҷадвалҳо пешкаш карда шаванд. Масалан:

Худписандони нописандида
Мӯйи афзунианд бар дида (Абдураҳмони Ҷомӣ) [203:7].

Накарданд рағбат ҳунарпарварон,
Ба шодии хеш аз ғами дигарон (Саъдӣ) [203:99].

Раванди баррасии ҷумлаҳо чунин аст:

1. Ҷумлаҳои мазкурро омӯзгор (ё ягон нафар аз хонандагон) қироат намуда, мепурсад, ки дар ин байтҳо кадом калимаҳо барояшон нофаҳмост. Шояд омӯзгорро зарур ояд, ки маънии калимаву ибораҳои **«афзунии мӯйи дида»** (тори мижгони дарози ба чашм даромада, ки касро ноҳоҳат мекунад) ва ё **рағбат** (хоҳиш)-ро шарҳ диҳад, то ки муҳтавои байтҳо - ҷумлаҳо ба хонандагон фаҳмотар гардад.

2. Баъди шарҳи вожаҳои номафҳум диққати хонандагон ба мазмуни абёт бо пешниҳоди саволҳои зерин ҷалб карда мешавад?

а)Байтҳои мазкур ба кадом мавзуъ бахшида шудаанд?

б) Дар бораи худписандӣ ва зарари он ягон зарбулмасал ё байт гӯед.

в) Калимаҳо дар ин байтҳои шоир чӣ тавр бо ҳам алоқаманд шудаанд?

Дар маҷмуъ, хулосаи умумии омӯзгору шогирдон тақрибан бояд чунин бошад: Дар байти аввал шоир аз зиндагӣ хулоса бароварда хабар медиҳад, ки мардуми худписанд ба монанди мӯйи зиёдатии болои чашм афтода ҳастанд ва ин хислати номақбул ба касе писанд намешавад. Калимаҳои **худписанд** ва **нописандида, мӯй** ва **афзунӣ** ба ҳам бо бандакҳои изофӣ алоқаманд шудаанд ва пешоянди **бар** низ барои алоқаманд шудани калимаи **дида** бо калимаҳои пеш аз худаш истода ёрӣ расонидааст.

Байти дуввумро низ мавриди таҳлил қарор дода, омӯзгор таъкид менамояд, ки Саъдӣ хулосаи пандомези худро аз зиндагӣ дар як ҷумла (байт) хеле моҳирона баён кардааст: ҳунарпарварон – мардуми боақлу ҳуш ҳаргиз аз ғами дигарон шодӣ намекунанд. Ҳамчунин, муайян намудани воситаҳои алоқа дар байти мазкур: бандакҳо (-и) ва пешояндҳо (ба, аз), ки барои робитаи калимаҳои мустақилмаъно (накард, рағбат, шодӣ, ғам) хидмат намудаанд, ҷанбаи амалии дарсро қавитар месозад.

3. Хулоса бароварда мешавад, ки ду ва ё зиёда калимаҳо тавассути воситаҳои гуногун (бандакҳо, пешоянду пасоянд пайвандакҳо) ба ҳам алоқаманд шуда, як фикри пурраро ифода мекунанд. Чунин фарзия бароварда мешавад: маҷмуи калимаҳое, ки бо воситаҳои гуногун алоқаманд шуда, фикреро ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад. Сипас, аз хонандагон талаб карда мешавад, ки таърифи матраҳгардидаро бо таърифи дар китоби дарсӣ муқоиса намоянд.

4. Фарзия ё худ фикри хонандагон бо таърифи китоби дарсӣ қиёс ва хулосабарорӣ карда мешавад.

5. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба ҳамин монанд ҷумлаҳоро таҳия ва таҳлил намоянд. Дар методикаи муосир чунин усули таълимро **зинаҳои ташаккули тафаккур** ном бурдаанд.

Ҳамин тариқ, бо тай намудани ин панҷ зина: **муаммогузорӣ, роҳнамоӣ, пешниҳоди фарзия, муқоиса, ташаккули тафаккур** талаботи дарси муосир ва муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим роҳандозӣ карда мешавад.

Намунаи осоре (ниг. ба саҳ. 101), ки барои баррасии мавзуъ истифода бурда шуд, дорои мазмуни баланди тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошад. Танҳо ҳамин мемонад, ки омӯзгори ботаҷриба ин навъ намунаҳоро аз осори классикон дарёфт намуда, пешкаши шогирдон гардонад ва маҳз бо ҳамин дар ташаккул додани салоҳиятҳои иртиботиву забонии шогирдон ва азхудкунии мавзуъҳо саҳми назаррас гузорад. Омӯзгорон намунаҳои осори классиконро дар лаҳзаи баёни мавзуи нав ё мустаҳкамкунии мавзуъ истифода баранд ва шарҳу эзоҳ диҳанд, ба манфиати кор аст.

Дар раванди таълими наҳв истифода аз осори пандомези классикон ҷанбаи тарбиявии дарсро таъмин намуда, рангорангиву самаранокии онро таҳким мебахшад.

**Боз мисоли дигар.** Ба таълими мавзуҳои «Алоқаи калимаҳо дар ҷумла. Унсурҳои асосии оҳанги талаффуз (задаи мантиқӣ, таваққуф, суръат, мавзуният) ва «Ҷумлаҳои дутаркиба» дар синфи 8-ум 13 машқ пешниҳод шудааст. Ҳамаи машқҳо фарогири намунаҳо аз адибони муосири тоҷик аст [13:37-43]. Имкон ҳаст, ки аснои баёни ин мавзуъҳо ва мустаҳкамкунии онҳо аз ин намунаҳои мазмунан ибратбахши классикон низ оқилона истифода карда шавад. Масалан:

Говону харони борбардор,
Беҳ з-одамиёни мардумозор (Саъдӣ) [203:159].

Дар байти мазкур қариб ҳамаи намуди алоқа: пайваст (-у), изофӣ (-и), вобастагӣ (дар шакли тахфифёфта) дида мешавад. Зимни муайян намудани задаи мантиқӣ хоҳу ноҳоҳ фикри хонандагон ба муҳтавои байт равона мегардад, ки он бе шарҳи омӯзгор ҳам чун ойина рӯшан аст ва ҳоҷат ба тавзеҳ надорад.

Ҳамчунин, дар таълими фасли 4, ки «Сараъзоҳо - асоси грамматикии ҷумла» унвон дорад, дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ

барои хонандагони синфи 8-ум ҳалли чунин масъалаҳо дар мадди назар аст:

“Фасли 4. Сараъзоҳо – асоси грамматикии ҷумла (5 соат)

1.Асосҳои грамматикии ҷумла. Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо ва ифодаи он. Мубтадо аз ҷиҳати сохт.

Хабар ва ифода шудани он. Навъҳои хабар: хабари феълӣ ва номӣ. Хабарҳои феълии ва хабарҳои номии таркибӣ.

Мувофиқати хабар бо мубтадо.

Тире дар байни мубтадо ва хабар.

**II. Мақсадҳо:** Асосҳои грамматикиро дар ҷумла муайян кардан; аниқ сохтани мавҷудияти аъзоҳои ҷумлаи содаи дутаркиба; роҳҳои ифодаи мубтадоро шарҳ додан; муқаррар сохтани мубтадо аз ҷиҳати сохт; хабар ва тарзи ифодаи онро шарҳ додан; навъҳои хабарҳоро фарқ кардан ва аз ҷиҳати таркиб муайян карда тавонистан; мувофиқати хабар ва мубтадоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ риоя кардан; мавқеи аломати тире дар байни мубтадо ва хабарро донистан.

**III. Салоҳиятҳо:** Салоҳиятҳои забонӣ: Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла» [7:101]

Барои таълими мавзуи мазкур дар барнома 5 соат ҷудо шуда, таснифоти он тақрибан чунин бояд сурат гирад:

**Ҷадвали 9.**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Миқдори соат |
|---|---|---|
| 1 | Асосҳои грамматикии ҷумла. Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо ва ифодаи он. | 1 |
| 2 | Мубтадо аз ҷиҳати сохт ва таркиб. | 1 |
| 3 | Хабар ва ифода шудани он. Навъҳои хабар: хабари феълӣ ва номӣ. | 1 |
| 4 | Хабарҳои феълии ва хабарҳои номии таркибӣ. | 1 |
| 5 | Мувофиқати хабар бо мубтадо. Тире дар байни мубтадо ва хабар. | 1 |

Мавзуъҳои мазкур зимни такя ба донишҳои пешинаи шогирдон таълим дода мешавад. Зеро ин мавзуъҳо дар синфи 5 низ ба таври мухтасар омӯхта шудаанд. Зарур аст, ки дар дарси якум, пеш аз ҳама, хонандагон ба мафҳуми истилоҳи «асосҳои грамматикии ҷумла» сарфаҳм раванд. Бобати ҳалли ин мавзуъ мо корбасти усули «Ангезиши зеҳн» [77:15]-ро, ки бо пешниҳоди саволҳои зерин, ки ба фаҳму зеҳни хонандагон мувофиқанд, муносиб донистем:

1.Ба фикри шумо, дар ҷумла кадом аъзои он асосӣ аст, ки бе он маъно коҳиш меёбад?

2.Ҷумлаеро гӯед, ки ҳамаи аъзоҳоро дошта бошад. Сипас, бо истисно (хориҷ) намудани ҳар яке аз аъзоҳои пайрав ҳамон ҷумлаи тартиб додаатонро қироат кунед.

Маълум карда мешавад, ки бидуни аъзоҳои пайрав дар сохтори ҷумла фикр коҳиш намеёбад, вале аз набудани мубтадо ва, махсусан, хабар ҷумла нуқс пайдо мекунад. Ҳамин тавр, зимни такя ба донишҳои дар синфи 5 гирифтаи хонандагон хусусиятҳои муҳимми ҷумла шарҳ дода мешавад: маълум карда мешавад, ки ҳар ҷумла дорои ахбор ё маълумоте буда, инсон онро дар нутқ барои хабар додан ё нақл кардан дар бораи ҳодисаву воқеа ва ё чизе истифода мебарад.

Хусусияти хабаррасонӣ (предикативӣ) доштани ҷумларо шарҳ дода, метавон дар доираи ҷумлаи махсус интихобшуда назарияро дар амал татбиқ кард. Масалан, ҷумлаи «**Шамшери кӯтоҳ дар дасти диловарон дароз гардад**». [207:120]- ро мисол оварда, омӯзгор бояд ин тавр шарҳ диҳад: Дар ин ҷумла сухан дар бораи чӣ меравад? - Шамшер. Амали ҷумла (дароз гардад) ба кадоме аз ин аъзоҳо равона шудааст? – Ба шамшер. Акнун биёед, қоидаи мубтадоро ба хотир оварем, ки он чунин аст: Сараъзои ҷумлае, ки сухан дар бораи он меравад ва амали ҷумла ба он нигаронида мешавад, **мубтадо** ном дорад.

Лаҳзаи асосии дарс шарҳи маънии ҷумла буда, салоҳиятнокии омӯзгор ба таври равшан эҳсос карда мешавад. Бояд таъкид кунад, ки ин ҷумла аз «Қобуснома»- и Кайковус интихоб шудааст. Муаллиф таҷрибаи

рӯзгор андӯхта, аз дидаву санҷидаҳо ба хулоса омадааст, ки ҷанговару муҳофизи нотарсу ҷасур дар майдони муҳориба бо шамшери кӯтоҳ ҳам алайҳи душмани мусаллаҳ фотеҳ, яъне ғолиб шуда метавонад. Хулоса, мақсади нависанда ин аст, ки шахси бомаҳорат ва устоди касби худ дар ҳама ҳолат аз уҳдаи босифати иҷрои коре мебарояд. Танҳо инсонро ҷасорат ва хоҳишу кӯшиш зарур аст.

Бо шарҳи нуктаи охир иктифо намуда, омӯзгорро зарур аст, ки мувофиқи талаби муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим ва корбурди усули ҳамкорӣ ба ҳалли муаммоҳо (саволҳо)-и зерин комёб гардад:

1. Калимаи **мубтадо** чӣ маънӣ дорад?
2. Мубтадо бештар дар кадом қисмати ҷумла меояд?
3. Чаро мубтадоро **ибтидо** ҳам меноманд?

Баъди шунидани андешаҳои хонандагон омӯзгор бо мақсади ҷалб намудани онҳо ба таҳлили таркиби ҷумла, муайян намудани асосҳои грамматикии он ва муаррифииии сараъзоҳо аз намунаҳои хуби пешакӣ омода кардаи худ (дар ҷадвал бояд сабт намояд) идомаи мавзуъро баён карда, бо ҷалби хонандагон ба мисолҳои зерин мавзуъро мустаҳкам менамояд:

а) Як гули мақсуд дар ин бӯстон
Чида нашуд бе мадади дӯстон (Саъдӣ) [203:79].

б) Накӯӣ бо бадону беадабон тухм дар шӯрабун коштан аст
(Саъдӣ) [203:271].

в) Ҷавони хирадманду бартарманиш
Ба гетӣ зи кас нашнавад сарзаниш (Фирдавсӣ) [196:13].

г) Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст (Кошифӣ) [209:126].

ғ) Ба ҷанг андар хирадманди накӯрой
Бимонад оштиро лахтаке ҷой (Гургонӣ) [203:80].

е) Бе азми дурусту саъйи комил
Касро нашавад мурод ҳосил (Саъдӣ) [203:123].

Намунаҳои мазкур ҷумлаҳои содаи дутаркиба буда, барои тамоми мавзуъҳои марбут ба ҷумлаҳои дутаркиба ва аъзоҳои ҷумла метавонанд

маводи асосӣ бошанд. Аз мазмуни онҳо метавон хулосаҳои тарбиявию омӯзандаро ҳам баён кард, яъне дар рафти муайян кардани таркиби ин ҷумлаҳо таваҷҷуҳи хонандагон ба маънии байтҳои мазкур низ ҷалб карда мешавад. Дар таркиби ҷумлаҳои мазкур калимаҳои мушкилфаҳм вуҷуд надорад.

Ҳамаи вожаҳои фавқ дар забони адабии ҳозираи тоҷик роиҷанду меарзад, ки онҳоро на танҳо дар нутқи хаттӣ, балки дар нутқи гуфтугӯӣ низ фаровон истифода барем. Мутаассифона, ба сабаби камҳавсалагиву безавқии баъзе омӯзгорон ин гуна ҳикматҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ басо кам истифода мегарданд.

Инак, чун нуктаҳо ё худ фарзияи мазкур бо таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда муқоиса карда мешавад, маълум мегардад, на танҳо амали ҷумла (хабар), балки аъзоҳои дигари он низ дар ифодаи мақсад нақши созгорро моликанд. Дар ин бобат, таҳлили намунаҳое, ки дар онҳо аъзоҳои пайрав барои таҳким бахшидан ба вазифаи асосии мубтадо мусоидат мекунанд, зарурат доранд. Масалан:

а) Сабр сифати бағоят мақбул аст (Кошифӣ) [209:127].

б) Зи хуршеду обу зи боду зи хок

Нагардад табаҳ ному гуфтори пок (Фирдавсӣ) [196:394].

Дар ҷумлаи аввал хабар (мақбул аст) бо сифат ифода ёфта, на амал, балки аломати мубтадои ҷумла (исми «сабр») ифода ёфтааст. Муайян карда мешавад, ки ба саволи **чӣ хел аст?** ҷавоб мешавад. Дар ҷумлаи дувум «табаҳ нагардад» ба маънои тағйир наёфтан хаберест, ки ҳолатро ифода мекунад. Аз он ба мубтадо - ному гуфтор - бо саволи **чӣ?** бояд муроҷиат кард.

Дар маҷмуъ, ин ҷумла мазмуни «ному гуфтори пок аз офтобу обу боду хок тағйир намеёбад» ифода карда, дар он (ҷумла) сухан дар бораи **ному гуфтори пок** меравад ва хабари ҷумла - «табоҳ нагардад» ҳолати мубтадоро дар худ таҷассум намудааст.

Ҳамин тавр, ҳар як унсур (таъриф ва ё қоида)-и грамматикӣ бояд ба хонандагон чун дар мисолҳои таҳлилшуда дақиқ шарҳ дода шавад, то ки

дарки маънӣ ва фаҳмиши мантиқӣ дар онҳо ташаккул ёфта, ҳар қоида дар хотирашон на қориёна, балки бошуурона нақш бандад.

Ҳамин тавр, аз шарҳи ин ду мисоли баррасишуда ба хонандагон ду мафҳум амиқ дастрас мешавад:

а) мубтадо предметест, ки дар ҷумла сухан дар бораи он меравад;

б) мубтадо, баамаловарандаи амалу ҳолату ҳаракат ва ҳам ифодакунандаи аломатест.

Дар мавриди таълими мавзуи «Мубтадо ва ифодаи он» методист С. Шербоев маслиҳат медиҳад, ки ба вазифаи мубтадо омадани ҳиссаҳои гуногуни нутқро ба хонандагон тавассути таблитса ва бо овардани мисолҳои ҷолибу пандомӯз шарҳ додан маҳсулнокии дарсро меафзояд:

**Ҷадвали 10.**

| **Мубтадо ва ифодаи он** | |
|---|---|
| **Бо чӣ** | Намунаи мисолҳо |
| **Бо исм** | **Ҷавони** хирадманду бартарманиш<br>Ба гетӣ зи кас нашнавад сарзаниш (Фирдавсӣ) [196:13]. |
| **Бо ҷонишин** | **Ту** агар айби худ намедонӣ,<br>Найӣ аз омма, бал ҷаҳонбонӣ (Ганҷавӣ) [203:215]. |
| **Бо сифат** | **Қонеъ** аз ранҷи талаб осудаст,<br>**Томеъ** андар талаби беҳуд аст (Ҷомӣ) [197:15]. |
| **Бо масдар** | Аз ҳадди худ **гузаштан** лозим нест ва аз таври худ зиёда **лоф задан** ба аҳли хирад номувофиқ аст. (Кошифӣ) [209:67]. |

Ба ин монанд ҷадвал ва мисолҳо аз андарзҳои бузургонро дар раванди таълими мавзуи **«Мубтадо аз ҷиҳати сохт»** низ метавон истифода кард. Барои мубтадоро аз ҷиҳати сохт муаррифӣ намудан омӯзгор метавонад бештар аз методи таҳлил истифода намояд. Барои ин, зарур аст, ки ба дарс бо тайёрии пухта ояд: аз намунаи мисолҳои дорои маъниҳои тарбиявӣ, ки дар онҳо мубтадо бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода ёфта бошад, муаррифӣ менамояд. Масалан, байти зеринро, аввал, ба наср баргардонида, сипас, таҳлил намудан мувофиқи мақсад мебошад:

Куҳанҷомаи хеш пиростан

Беҳ аз ҷомаи ория хостан (Саъдӣ) [203:421].

Яъне, байти мазкурро ба гунаи «Куҳанҷомаи хеш пиростан аз ҷомаи ория хостан беҳтар аст» баргардонида, баъдан таҳлили наҳвӣ анҷом додан самараноктар аст. Ин амал, пеш аз ҳама, барои ба мазмуни байт сарфаҳм рафтани хонандагон кӯмак мерасонад. Ба ҷуз ин, мувофиқи пешниҳоди методистон, таҳлил бояд аз муайян намудани хабари ҷумла оғоз гардад. Дар ин ҷумла (байти мазкур) - хабар калимаи **беҳ** (тахфифи **беҳтар аст)** мебошад. Аз хабар саволи ***чӣ беҳтар аст?*** бармеояд ва ба ин савол мубтадои таркибии ***куҳанҷомаи хеш пиростан*** ҷавоб мешавад.

Вале аз таҳлили байти «Сухан аз арши барин омадааст, Баҳри покон ба замин омадааст (Ҷомӣ) [197:9] бармеояд, ки вожаи ***сухан*** мубтадои сода аст.

Баробари баррасии мавзуи мазкур дар ҳамин дарс мухтасар дар бораи ҷойи мубтадо дар ҷумла низ маълумот додан лозим меояд. Дар ин бобат бояд донист, ки дар наср ё худ дар забони адабии ҳозираи тоҷик мубтадоҳо бештар дар аввали ҷумла меоянд. Аммо аз таҳлили осори манзуми классикон ва адибони муосир маълум мешавад, ки мавқеъ ва ҷойи мубтадо чун дар наср устувор буда наметавонад.

Барои дар сатҳи зарурӣ таълим додани ду мавзуъ: **«Хабар ва ифода шудани он», «Хабарҳои феълӣ ва номӣ»,** пеш аз ҳама, мақсади таълими онро муайян намудан шарт аст. Дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ чунин омадааст: **«хабар ва тарзи ифодаи онро шарҳ додан; навъҳои хабарҳоро фарқ кардан ва аз ҷиҳати таркиб муайян карда тавонистан; мувофиқати хабар ва мубтадоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ риоя кардан; мавқеи аломати тире дар байни мубтадо ва хабарро донистан»** [7:101] аст. Мақсадҳои инкишофӣ ва тарбиявии дарс ба маҳорату малакаи омӯзгор вобаста аст. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд ба мазмуну муҳтавои маводи таҳлилшаванда бештар тавағҷуҳ намояд.

Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 8 [13] пеш аз овардани таърифи хабар як зумра саволҳо пешниҳод шудааст, ки ҷавоб ба он саволҳо зеҳни хонандагонро ангезиш медиҳад. Барои ба хотир овардани донишҳои дар синфи панҷум гирифтаи онҳо низ замина мегузорад.

Баъди шунидани андешаи хонандагон бо иҷрои машқҳои китоби дарсӣ мавзуъ мустаҳкам карда мешавад. Хонандагон ҷумлаҳои пешниҳодшударо хонда, тавассути саволгузорӣ мубтадо ва хабарро муайян менамоянд, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани мубтадою хабарро низ шарҳ диҳанд: «Садриддин ба меҳмонхона даромад; Ӯ ба Садриддин бодиққат нигоҳ карда истод».

Омӯзгор метавонад, илова ба ҷумлаҳои мазкур чанд ҷумлаву байтҳои маъниҳои баланди тарбиявӣ доштаро истифода барад. Ҳангоми таҳлили забонии намунаҳо аз адибони классик, агар онҳо дар шакли манзум бошанд, хуб мешуд аввал ба наср баргардонида, сипас, аз рӯйи онҳо таҳлили синтаксисӣ анҷом диҳанд, мо ин усулро қаблан ҳам пешниҳод кардаем. Ин амал аз ду ҷиҳат муҳим аст: якум, хонандагон ба қолаби наҳвии баёни андешаи муаллиф шинос мешаванд; дуюм, мазмуни байт ва мақсади адибро ба хубӣ дарк мекунанд. Ҳангоми таълиму таҳлили аъзоҳои ҷумла омӯзгор метавонад аз чунин мисолҳо - байтҳо истифода барад, ки ҳам донишҳои грамматикии хонандагонро қавӣ ва ҳам завқи бадеиву маънифаҳмии онҳо баланд гардад. Масалан:

Парастандаи озу ҷӯёи кин
Ба гетӣ зи кас нашнавад офарин (Фирдавсӣ) [196:17].

Пеш аз ҳама, ифоданок қироат кардани байт, шарҳи вожаҳои нав ва ба наср баргардонидани он мавқеи муҳим дорад. Инак, қолаби мансури байти мазкур бояд ин тавр сурат гирад: Парастандаи **оз** (ҳирс, тамаъ)-у ҷӯёи **кин** (душманӣ, кинаву адоват) ба **гетӣ** (дунё) зи кас офарин нашнавад. Чунон ки мушоҳида мекунем, дар як байт (ҷумлаи содаи

тафсилӣ) чанд вожаҳои тоза вомехӯранд, ки тафсиру такрори он (шояд дар синфҳои поёнӣ бо ин вожаҳо дучор омадаанд) аз манфиат холӣ нест.

Қадами навбати муайян кардани хабари ҷумла ва сохти он мебошад, ки барои сарфаи вақт дар ин кор омӯзгор бояд шогирдонро раҳнамоӣ кунад. Баробари муайян кардани хабари ҷумла (**нашнавад**), ки дар забони адабии ҳозира дар шакли **нашунидан** роиҷ аст, бояд таъкид намуд, ки он **хабари феълии сода** маҳсуб меёбад.

Барои мавзуи хабарҳои номӣ низ чунин намунаҳо зиёданд:

Моро биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст,

Дидори ёри номутаносиб ҷаҳаннам аст (Саъдӣ) [205:88].

Таҳлили мисраи аввал - ҷумлаи содаи якум чунин сурат мегирад: **Чӣ аст? – биҳишт аст** (хабар), **чӣ** биҳишт аст? – **суҳбати ёрони ҳамдам** (мубтадо) аст. Омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки вожаи ***суҳбат*** дар ҷумлаи мазкур танҳо худаш мубтадо шуда наметавонад. Зеро аз рӯйи маъно ҳама гуна суҳбатро ба биҳишт ташбеҳ додан мумкин нест, балки маҳз суҳбати ёрони қарину ҳамдам метавонад чун биҳишт гуворову дилпазир бошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми таҳлили грамматикӣ хонандагон бештар мубтадоро дар аввали ҷумла ва хабарро дар охири ҷумла меҷӯянд. Аз ин рӯ, онҳо таркиби «**ҳамдам аст**»**-** ро дар ҷумлаи мазкур хабар мепиндоранд, Гуруҳе вожаҳои «**моро**»**-ро** ва баъзеашон «**биҳишт**»**-**ро мубтадо меҳисобанд. Дуруст аст, ки: «Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷойи аъзои ҷумла муайян ва устувор мебошад. Вале ҳангоми таълиму тадриси адабиёти классикии тоҷику форс ҷумлаҳоеро дучор кардан мумкин аст, ки дар онҳо ҷойи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав нисбатан озод аст» [144:18]. Чун омӯзгор мисраи аввалро ба наср баргардонда, онро дар қолаби: **«Суҳбати ёрони ҳамдам барои мо биҳишт аст»** – пешниҳод менамояд, барои дарку фаҳмиши ҳам мазмун ва ҳам дуруст муайян намудани хабару мубтадо заминаи мусоид муҳайё месозад. Пас аз таҳлили ҳаматарафаи мисраи аввали байти мазкур

таҳлили мустақилонаи мисраи дуюм: «Дидори ёри номутаносиб ҷаҳаннам аст» аз тарафи хонандагон ба осонӣ анҷом меёбад. Дар ин сурат, таваҷҷуҳи муҳассилин ба мазмуни байт зиёдтар шуда, дар хотирашон нақш ҳам мебандад. Ба ҷуз ин, байти мазкурро ҳангоми таълими мавзуъҳои «Муайянкунанда» ва «Пуркунанда» низ чун мисоли барҷаста истифода бурдан мумкин аст.

Боз як намунаи таҳлилро аз осори Саъдии Шерозӣ пешниҳод мекунем:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,

На ҳамин либоси зебост нишони одамият (Саъдӣ) [205:3].

Дар мисраи аввали ин байт таркиби **шариф аст** - хабар, **тан** - мубтадо, **одамӣ** - муайянкунанда, **ба ҷон** – пуркунанда ва вожаи **одамият** - муайянкунанда мебошад. Ҷумлаи дуюм низ ҳамин гуна аз ҷониби хонандагон бояд таҳлил шавад. Аммо барои ба хонандагон дастрастару осонтар гардидани таҳлили он омӯзгор метавонад онро ба ин шакл пешниҳод намояд: **Ҳамин либоси зебо нишони одамият нест.** Дар чунин ҳолат ҷавоби хонандае дуруст аст, ки дар ин ҷумла таркиби **нишони одамият нест -** хабари ҷумла ва вожаи **либос** - мубтадо, калимаҳои - **ҳамин ва зебо** муайянкунанда буда, ба саволи кадом? ҷавоб мешаванд. Байти мазкур барои омӯхтани мавзуи «Ибора» (тани одамӣ, ҷони одамият, ҳамин либоси зебо, нишони одамият) мавзуи «Ҷонишинҳои ишоратӣ» (ҳамин) низ маводи ҷолиб ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамин минвол, интихоб ва таҳлили ҷумлаҳо аз осори классикон дар раванди таълими мавзуи синтаксис, ҳамзамон, барои назокати забонро пай бурдани хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба шавқ меорад ва ба хазинаи бойи забон раҳнамун менамояд. Дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои сода низ бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки бештар барои намоиш додани табиат ва ё хусусиятҳои барҷастаи навъҳои чунин ҷумлаҳо аз намунаи осори классикон истифода карда шавад. Зеро ин қабил мисолҳо дар баробари ба ҳайси маводи дидактикӣ хизмат

намудан, инчунин дар тарбияи тафаккури бадеӣ ва тарбияи ахлоқии хонандагон таъсиргузор хоҳанд буд.

Бояд ёдрас намуд, ки ба таълими мавзӯи «Ҷумла ва хелҳои он аз ҷиҳати маъно» дар нашри соли 2007-уми китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» [12:38-59] 35 машқ оварда шуда, дар машқҳои 1, 3, 5 матнҳо аз осори классикон барои таълими мавзуъҳои «Ҷумлаи саволӣ», «Ҷумлаҳои амрӣ» ва «Ҷумлаҳои хитобӣ» пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, дар иртибот ба мавзуи «Ҷумлаи саволӣ» ҳикояте аз «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ бо чунин талаби машқ оварда шудааст: «Ҳикояро ифоданок хонед, аз рӯйи ифодаи мақсад ҷумлаҳои саволиро муайян кунед ва нависед»[12:44]. Бо мутолиаи матни мазкур ва матнҳои ба ин монанд хонандагон бо зарофату ҳозирҷавобӣ ва лутфи сухани адиб низ шинос мешаванд. Ҳалли ҳикояҳои кӯтоҳи пурмазмун назар ба ҷумлаҳои парокандаи аз дохили асарҳои калонҳаҷм ҷудокардашуда дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз он ҷиҳат бартарӣ доранд, ки оғозу анҷоми нақл ва тасвир маълуму фаҳмост ва ба шарҳу эзоҳ эҳтиёҷ надоранд. Иҷрои машқҳои мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки муҳассилин бо вожаҳои адабии камистеъмол шинос мешаванд, маънои онҳоро аз поварақи китоб, фарҳангномаҳо ё кӯмаки омӯзгор аз худ менамоянд ва ин барои бой шудани таркиби луғавии онҳо мусоидат мекунад. Бар замми ин, ба нақшҳо ҷудо карда хондани ҳикояҳо низ манфиатбахш аст, зеро шартҳои якранги машқҳо хонандагонро дилгир мекунад. Аз ин лиҳоз, ин усули кор барои бедор намудани шавқу рағбати хонандагон ба дарсҳо бештар мусоидат мекунад.

Бояд таъкид сохт, ки дар иртибот ба матни дар боло овардашуда метавон маводи фаровонеро аз адабиёти классикӣ барои таълими забони тоҷикӣ доир ба мавзуъҳои наҳв (синтаксис) дарёфт намуд. Ҳарчанд бештари мисолҳо дар қолаби назм бошанд ҳам, фаҳмидани мазмуни на ҳамаи онҳо ба хонандагон мушкил мегардад, агар омӯзгор дар ин ҷода онҳоро андаке роҳнамоӣ намояд. Масалан, барои таълими ҷумлаҳои

ҳикоягӣ аз саҳ. 40-и китоби дарсӣ пас аз мавзуъ ва пеш аз овардани таърифи ҷумлаи ҳикоягӣ иҷрои машқи 1 бо чунин шарт: «**Порчаро хонед ва ба оҳанги он диққат диҳед. Гӯед, ки оҳанги хониши ҷумлаҳои ҳикоягӣ чӣ гуна аст?**» пешниҳод шудааст. Матни мазкур аз осори С.Улуғзода буда, дорои ҷанбаи тарбиявии хуб ҳам мебошад. Ин дарс бо истифода аз усули индуктивӣ сар мешавад, омӯзгор ҳамроҳ бо шогирдон ҷумларо шифоҳӣ аз назар гузаронида, ба шартҳои он ҷавоб мегӯянд. Баъдан таърифи ҷумлаи содаи ҳикоягӣ баён ва чунин хулосабарорӣ мешавад:

1. Дар ҷумлаи ҳикоягӣ фикр ба таври хабар ё ҳикоя баён мешавад.
2. Гӯянда ба воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ воқеаҳоро нақл мекунад, фикреро тасдиқ ё инкор мекунад.
3. Оҳанги гуфтор дар аввали ҷумлаҳои хабарӣ баланд шуда, дар охир паст мегардад.
4. Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ нуқта гузошта мешавад.

Баъди баёни таърифи ҷумла ва хулосабарорӣ аз матни пешниҳодшуда хуб мебуд, агар омӯзгор тавассути видеопроектор (агар бошад) намунае чанд аз осори классиконро намоиш дода, дар заминаи он хулосаҳои баррасишударо бори дигар таъкид намояд. Масалан, байтҳои зерин:

Андар балои сахт падид ояд
Фазли бузургмардию солорӣ ( Рӯдакӣ) [194:120].

Дидани дӯст дӯстро гаҳ-гаҳ
Чеҳраи дӯстӣ биорояд (Ҷомӣ) [203:113].

Мурувват набошад зи озодагон
Лагадкӯб кардан бар афтодагон (Деҳлавӣ) [203:275].

Чунон ки мебинем, ҳар кадоме аз ин порчаҳо иборат аз ду мисраъ бошанд ҳам, ҳамагӣ ҷумлаҳои сода мебошанд. Аммо аксари хонандагон одат кардаанд, ки баъди мисраи аввали ҳар байт аломати вергул гузоранд. Аз фурсат истифода бурда омӯзгор бояд фаҳмонад, ки аломатҳои китобат мавқеи корбурди худро доранд. Диққати асосӣ бояд

ба мазмуни ҷумла равон карда шавад. Ба ҷуз ин, бояд омӯзгор бо ҳамкорӣ бо шогирдон байтҳои мазкурро аввал ба наср баргардонда нишонаҳои асосии ҷумларо, ки дар боло (дар саҳ.115) номбар шуданд, ба хотир оранд. Нагузоштани аломати истро (вергул) дар охири мисраъҳои аввали ин байтҳо, ки ба ҷумлаҳои сода мансубанд, таъкид намояд. Баёни дарси навбатӣ - таълими ҷумлаҳои амрӣ ва хитобиро бо истифода аз ҷадвали зерин ифтитоҳ бахшидан мувофиқи мақсад дониста мешавад.

**Ҷадвали 11**

| **Ҷумлаҳои амрӣ** | **Чумлаҳои хитобӣ** |
|---|---|
| Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,<br>Фарзанди хисоли хештан бош!<br>(Низомии Ганчавӣ)<br>Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас<br>Ба шаб бугрезу мангар ҳеҷ бар пас!<br>(Носири Хисрав)<br><br>Ба ҳар кас раҳи ошноӣ мапӯй,<br>Зи ҳар ошно рӯшноӣ маҷӯй!<br>(Абдураҳмони Ҷомӣ)<br><br>Зи чизи касон даст кӯтоҳ кун,<br>Равонро сӯи ростӣ роҳ кун!<br>(Абулқосим Фирдавсӣ) | Говону харони борбардор<br>Беҳ з-одамиёни мардумозор!<br>(Саъдии Шерозӣ)<br>Коҳилӣ шогирди бадбахтӣ аст!<br>(Унсурулмаолии Кайковус)<br>Давлати ҷонпарвар аст суҳбати омӯзгор!<br>(Саъдии Шерозӣ) |

Истифода аз ҷадвали мазкур аз он ҷиҳат самарабахш аст, ки омӯзгор тавассути мисолҳо донишҳои ҳанӯз дар ҷараёни курси муқаддимавии синтаксис дар синфи V бадастовардаи хонандагонро доир ба ин навъи ҷумлаҳо метавонад ба хотирашон орад. Мувофиқи талаботи усулҳои таълим ҳар як мавзуи нав зимни такя ба дониши пешинаи хонандагон бояд оғоз гардад. Фарқи байни ҷумлаҳои хитобӣ ва амриро, ки, одатан, шогирдон омехта мекунанд, бояд мушаххас ва бо овардани мисолҳои барҷаста фаҳмонад. Хонандагон мефаҳманд, ки созмони чунин навъи ҷумлаҳо аз сохти наҳвии даврони классикӣ фарқи зиёд надорад ва

таҳлили забони осори классикӣ он қадар ҳам мушкил нест. Хушбахтона, «забони мо хеле устувор аст, мо имрӯз ҳам ашъори Рӯдакиро аз нусхаи аслаш мутолиа мекунем» [93:7].

аз китоби синфи 8 ё 9  Агар бо чунин усул мисолҳои фаровон аз эҷодиёти классикон таҳлилу баррасӣ гардад, ба ҷуз таҳлили наҳвӣ масъалаи маънидоди байт низ ба миён меояд ва бо ин диққати хонандагон дар мадди аввал ба мазмуну муҳтавои абёт равона хоҳад гашт. Боварӣ ҳаст, ки тадриҷан ба ин амал онҳо малака пайдо карда, аз маъниҳои баланди ҳикмати бузургон бархурдор мешаванд. Хулосаи дигар ин аст, ки чун онҳо ба қироат ва дарки маънии ҷумлаҳои пурмазмуну сухани баланд одат мекунанд, ба маърифати каломи бадеъ роҳ меёбанд ва сатҳи фарҳанги нутқашон боло меравад. Мақсад аз таълими забони модарӣ ҳам ин аст, ки баробари ба хонандагон омӯзонидани қоидаву қонунҳои сарфу наҳв рушди завқ ва тафаккури бадеии онҳо дар мадди назар бошад, то ки нутқи хаттиву шифоҳии онҳо инкишоф ёбад. Маънавиёташон низ бой гардад, назокату зебоии забони модариро сарфаҳм раванду парастиш кунанд ва худашон низ ба тартиб додани ҷумлаҳои фасеҳу орӣ аз нуқсу ғалатҳо одат кунанд, нутқи хаттиашон низ такмил ёбад. Роҳи ҳалли ин масъалаи раванди таълимро пажуҳишгарон низ чунин нишон додаанд: «Барои мардуми мо омӯзиши сарфу наҳв аз воҷибот набуд, вале тарбияи тафаккури бадеӣ ва бад-ин васила ба камолоти ақлию маънавӣ расидан воҷиб буд, зеро медонистанд, таҳлили тафаккури бадеӣ худ ба хазинаи забон роҳ ёфтан аст» [161:179].

Дар раванди таълими синтаксиси забони тоҷикӣ барои ташаккули малакаву маҳорати забондонии хонандагон ва ошно нмудани онҳо бо имкониятҳои услубии забон бо хонандагон дар дарсҳо аз чунин намуди машқҳо истифода бурдан мувофиқи мақсад аст:

1. Таҳлили грамматикии воҳидҳои забонӣ);

2. Тағйир додани сохтори ҷумлаҳо (масалан, аз ҷумлаҳои сода сохтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, аз назм ба наср баргардонидани байтҳои пешниҳодшуда);
3. Аз як намуд ба намуди дигар баргардонидани ҷумлаҳо (масалан, ҷумлаи содаи умумишахсро ба ҷумлаи содаи бешахс, ҷумлаи хулласро ба тафсилӣ ё ҷумлаи дутаркибаро ба яктаркиба баргардонидан, ва ғ.);
4. Мустақилона сохтани ҷумлаҳо (сода ва мураккаб) ва хелҳои гуногуни онҳо;
5. Навиштани нақл аз рӯйи расм, навиштани эссе ва нақлҳои ҳаҷман хурд бо супоришҳои грамматикӣ;
6. Шарҳи мазмуни порчаҳои манзум ва мансур.

Бояд таъкид сохт, ки таълими «Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва хелҳои он» дар синфи 8 бо таълими мавзуи «Унсуралмаолии Кайковус ва «Қобуснома»-и ӯ» дар дарсҳои адабиёти тоҷики ҳамин синф дар як вақт сурат мегирад. Бинобар он, мувофиқи пешниҳоди А.Д.Дейкин [145:17] амал намуда, таълими ҷумлаҳои яктаркибаро бо намунаҳо аз матни «Қобуснома» баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, ҳикоятеро аз ин асар интихоб намуда, тибқи пешниҳоди методист Ф.Олимова [77:55] синфро ба гурӯҳҳо (масалан, ба чор гурӯҳ) ҷудо намуда, ҳикоятро низ ба чор қисмат карда, ба ҳар гурух пешниҳод менамоем. Аз ҷумла, ба **гурӯҳи аввал** қисмати якуми ҳикоя: Шунидам, ки дар он рӯзгор, ки Мутаваккил халифа дар Бағдод буд, ӯро бандае буд Фатҳ ном, бағоят хубрӯю рӯзбеҳ ва ҳама ҳунарҳову адабҳо омӯхта. Мутаваккил ӯро ба фарзандӣ пазируфта ва аз фарзандони худ азизтар доштӣ. Ин Фатҳ хост, ки шино кардан омӯзад. Маллоҳон биёварданд ва ӯро дар Даҷла шино кардан ҳамеомӯханд ва ин Фатҳ ҳанӯз кӯдак буд ва бар шино кардан далер нагашта буд. Ва, аммо, чунон ки одати кӯдакон бувад, аз худ менамуд, ки шино омӯхтаам.

Як рӯз пинҳонӣ устод ба Даҷла рафт ва андар об ҷаст. Ва об тез ҳамеомад. Фатҳро бигардонид. Фатҳ чун донист, ки бо об басанда наёяд, худро ба об гузошт ва бар рӯйи об ҳамерафт, то аз дидаи мардум нопадид гашт. Чун вайро обпорае бибурд, бар канори Даҷла сӯрохиҳои обхӯрда буд. Чун ба канори об ба сӯрохӣ бирасид, ҷаҳд кард ва даст бизад ва худро андар он сӯрох андохт ва он ҷо бинишаст ва бо худ гуфт, ки то Худой чӣ хоҳад.

Давоми ҳикоя, ки ба **гурӯҳи дувум**, пешниҳод мешавад: Бад-ин вақт боре худро аз ин оби хунхор ҷаҳонид ва ҳафт рӯз он ҷо бимонд. Ва аввали рӯз, ки хабар доданд, Мутаваккилро, ки Фатҳ дар об ҷасту ғарқ шуд, аз тахт фуруд омад ва бар хок нишаст ва маллоҳонро бихонд ва гуфт: — Ҳар кӣ Фатҳро мурда ё зинда биёрад, ҳазор динораш бидиҳам. Ва савганд хӯрд, ки то он гоҳ, ки вайро бар он ҳол, ки ҳаст наёранд, ман таом нахӯрам.

Маллоҳон дар Даҷла рафтанд ва ғӯта мехӯрданд ва ҳар ҷой талаб мекарданд то сари ҳафт рӯз. Иттифоқо маллоҳе бад-он сӯрох расид. Фатҳро бидид. Шод гашту гуфт: — Ҳамин ҷо бош, то завраҷе биёрам. Аз он ҷо бозгашт ва пеши Мутаваккил рафт ва гуфт:

–Ё амирулмуъминин, агар Фатҳро зинда биёрам, маро чӣ диҳӣ?

Гуфт: — Панҷ ҳазор динори нақд бидиҳам.

Маллоҳ, гуфт:

–Ёфтам Фатҳро зинда. Завраҷе биёварданд ва Фатҳро бибурданд.

**Гурӯҳи 3**: Мутаваккил он чӣ маллоҳро гуфта буд, бифармуд то дарвақт бидоданд. Вазирро бифармуд ва гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳар чӣ ҳаст, як нима ба дарвешон деҳ. Он гоҳ гуфт: — Таом оред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст. Фатҳ гуфт: — Ё амирулмуъминин, ман серам. Мутаваккил гуфт: — Магар аз оби Даҷла сер шудӣ? Фатҳ гуфт: — На, ки ман ин ҳафт рӯз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бист нон бар табақе ниҳода бар рӯйи об фуруд омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме то ду-сето аз он нон баргирифтаме ва зиндагонии ман аз он нон будӣ ва бар ҳар нон навишта буд: «Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аскоф». Мутаваккил

фармуд, ки дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла афканд, кист ва бигӯед то биёяд, ки амирулмуъминин ба ӯ некӯӣ хоҳад кард, то натарсад.

Идома ва ё охири ҳикоя, ки ба **гурӯҳи чаҳорум** пешниҳод мешавад:

Чунин мунодӣ карданд. Рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт:

— Манам он кас.

Мутаваккил гуфт:

— Ба чӣ нишон?

Мард гуфт:

— Ба он нишон, ки номи ман бар рӯйи ҳар ноне навишта буд, ки «Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аскоф».

Мутаваккил гуфт:

— Нишон дуруст аст. Аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла нон меандозӣ? Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн гуфт:

— Як сол аст.

Мутаваккил гуфт:

—Ғарази ту аз ин чӣ буд? Мард гуфт:

— Шунида будам, ки некӣ куну ба об андоз, ки рӯзе бар диҳад. Ва ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам кардан, ҳамекардам то худ чӣ бар диҳад.

Мутаваккил гуфт: — Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самара ёфтӣ.

Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод. Мард бар сари мулк рафт ва муҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ дар Бағдод мондаанд. Ва ба рӯзгори Ал-Қоим Биамриллоҳ ман ба ҳаҷ рафтам. Эзиди таоло маро тавфиқ дод, то зиёрати хонаи Худой бикардам ва фарзандони вайро бидидам ва ин ҳикоят аз пирони Бағдод шунидам [207:45].

Ба гурӯҳҳо супорида мешавад, ки матнро дар байни худ хонда, мазмуни онро ба ёд гиранд. Сипас, аъзои гурӯҳ ҷойҳои худро иваз намуда, дар гурӯҳи нав мазмуни ҳикоятро нақл мекунанд. Бо ин роҳ

ҳамаи хонандагон аз муҳтавои пурраи ҳикоят шинос мешаванд. Дар ин раванд ҳар як хонанда фаъолият нишон дода, кӯшиш мекунад, ки қисмати ба худашон дахлдорро хуб ба хотир гиранд. Ба ҳамгурӯҳони нав бо эҳсоси масъулияти баланд, ки бархурдории як гурӯҳ аз мазмуни пурраи ҳикоят маҳз ба ӯ вобаста аст, нақл намояд. Баъди он, аз ҳар қисмати ҳикоят, ки пешорӯйи хеш доранд, ҷумлаҳои яктаркибаро ҷудо созанд. Омӯзгор дар байни гурӯҳҳо гашта назорат мекунад ва дар сурати ба мушкилӣ мувоҷеҳ гаштани шогирдон ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ҷумлаҳои содаи интихобшударо намояндаи гурӯҳҳо ба тахтаи синф сабт мекунанд.

Барои таълими мавзуи ҷумлаҳои чидааъзо дар синфи 8-ум дар барномаи таълимӣ 4 соат ҷудо шуда, профессор Шербоев С. бо назардошти мавзуъҳои фарогири он нуктаҳои зеринро таъкид намудааст:

1. Дар дарси якум дар асоси маълумотҳои ибтидоии дар синфи 5 гирифтаи хонандагон оид ба ҷумлаҳои чидааъзо ва хелҳои он маълумоти муфассал дода мешавад.
2. Дарси дуюм ба мустаҳкамкунии ҳамин дарси аввал ба воситаи саволу ҷавоб ва иҷрои машқу супоришҳои гуногун бахшида мешавад.
3. Дар дарси савум маълумот оид ба калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо дода шуда, дар ин радиф, оид ба воситаҳои грамматикии алоқа, мавқеи пайвандакҳо дар ҷумлаҳои чидааъзо, истифодаи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо маълумот дода мешаванд.

Дар радифи мисолу машқҳои китоби дарсӣ барои омӯхтани мавзуи «Ҷумлаҳои чидааъзо» намунаҳои барҷастаро аз андарзҳои классикон низ метавон овард, ки барои фаҳмондани мавзуъ маводи хеле мувофиқ буда, ҳамзамон, ҷиҳати банақшагирии мақсади тарбиявии дарсҳо мусоидат менамоянд. Дар ин маврид аз слайдҳои омӯзишӣ ва чунин

чадвал(таблитса)-ҳо истифода кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Мисолҳои онро аз чадвали зерин ба мушоҳида мегирем:

**Ҷадвали 12.**

| Аъзоҳои чида | Намунаи мисолҳо |
|---|---|
| Мубтадо | **Андешаву тадбир** аз **қуввату шумора** муқаддамтар аст. Ҳ.В.Кошифӣ [210:37]<br><br>**Бузургию афзунию ростӣ**<br>Ҳама гирад аз хӯйи бад костӣ.<br>Фирдавсӣ [203:279] |
| Хабар | **Якдилу якҷиҳату якрӯ бош**<br>В-аз дурӯёни ҷаҳон **як сӯ бош!**<br>Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,<br>Рост **гӯ**, рост **шунав**, рост **гузин**!<br>А.Ҷомӣ [203:132] |
| Муайянкунанда | Сар битоб аз ҳасаду гуфтаи **пурмакру дурӯғ,**<br>Чӯби тармағз махар, ҷомаи **пуркесу уреб**.<br>Н.Хусрав [203:193] |
| Пуркунанда | **Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас**<br>Ба шаб бигрезу мангар ҳеҷ бар пас.<br>Н.Хусрав [203:173]<br><br>**Боғи биҳишту сояи тубиву қасри ҳур**<br>Бо хоки пойи дӯст баробар намекунам.<br>Ҳ.Шерозӣ [203:112] |
| Ҳол | **Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ**<br>Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ<br>А.Балхӣ [203:265] |

Мухотабҳое, ки дар панду андарзҳои ниёгон истифода шудаанд, хеле фаровонанд ва бо овардани онҳо хонандагон эҳсос мекунанд, ки адиб маҳз ба онҳо муроҷиат карда истодааст. Чунончи, иддае аз калима ва таркибҳо, аз қабили **ҷавоно, эй писар, ҷоно, эй азиз, эй бародар** бештар

бо мақсади ҷалби диққати хонанда ба матлаби гӯянда истифода шудаанд: Чунончи, дар абёти зерин:

Хотири касро маранҷон, **эй писар**
В-арна хӯрдӣ захм бар ҷон, **эй писар**!
(Аттор) [203:156].

Насиҳат гӯш кун, **ҷоно**, ки аз ҷон дӯсттар доранд,
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро
(Ҳофиз) [203:210].

**Эй тифл**, ки дафъи магас аз худ натавонӣ,
Ҳарчанд ки болиғ шудӣ, охир на ту онӣ.
Шукронаи зӯроварии рӯзи ҷавонӣ,
Он аст, ки қадри падари пир бидонӣ
(Саъдӣ) [203:159].

**Ҷавонмардо**, ҷавонмардӣ биёмӯз,
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз!
Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор,
Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор!
(Ҷомӣ) [197:55].

Омӯзгор бо такя ба матнҳои мазкур таъкид мекунад, ки дар ҳамаи ин мисолҳо мухотаб танҳо бо исмҳои шахс ва ҳиссаҳои дигари нутқи ба исми шахс табдилёфта ифода ёфтаанд. Дар осори классикон низ мухотабҳо дар қисматҳои гуногуни ҷумлаҳо дар аввал, мобайн ва охири он омада, дар ҳамаи ин ҳолатҳо бо вергул ҷудо карда шудаанд. Мухотаб дар матн ва ё гуфтор ҳамеша предметеанд, ки мурочиати гӯянда ба он нигаронида шудааст. Бинобар ин, асосан, онҳо ба шахс нигаронида мешаванд. Мухотаб чун воҳиди иловагӣ бо аъзоҳои ҷумла муносибати синтаксисӣ надорад, яъне аз онҳо ба мухотаб савол гузошта намешавад. Сарфи назар аз ин, мухотаб ба тамоми ҷумла ва ё ба яке аз аъзои он муносибати мантиқӣ дорад. Ҳамин муносибати маъноӣ истисно намудани онро (мухотабро) аз ҷумла номумкин мегардонад, зеро маънӣ дар ҷумла коста мегардад.

Мухотаб ба таври ғайриграмматикӣ вазифаи иҷрокунандаи амал, яъне мубтадоро ҳам адо мекунад. Дар ин ҳолат, ҳоҷат ба зикри мубтадо ҳам намемонад. Масалан, дар байтҳои зерин:

1. Бо ҳусну ҷавонӣ, эй писар, ғарра машав!
Бас ғунчаи нашкуфта, ки бар хок бирехт
(Хайём) [203:204].

2. Бишӯй, эй хирадманд, аз он дӯст даст,
Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст
(Саъдӣ) [203:109].

3. Сифла зи душман батар аст, эй азиз,
К - ӯ набувад дар дили худ рост низ
(Хусрави Деҳлавӣ) [203:168].

4. Қаноат сар афрозад, эй марди ҳуш,
Сари пуртамаъ барнаёяд зи дӯш
(Саъдӣ) [203:200].

5. Макун, хоҷа, бар хештан кор сахт,
Ки бадхӯй бошад нагунсорбахт
(Саъдӣ) [203:281].

6. Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор,
Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад
(Ҳофиз) [203:206].

7. Ёрон, худро даме ба худ боз диҳед,
Нақше, ки нуҳуфтаед, парвоз диҳед!
Дил аз бари мо дур нарафтааст ҳанӯз,
Ин ойинаро ба сайқал овоз диҳед!
(Бедили Деҳлавӣ) [203:126].

8. Гар тавозуъ пеша гирӣ, эй ҷавон,
Дӯст дорандат ҳама халқи ҷаҳон
(Носири Хусрав) [203:140].

9. Зи хоин дур бош, эй дӯст, ҳамвор,
Ки хоинро набошад дил ба як бор

(Носири Хисрав) [203:190].

Барои омӯхтани аъзоҳои туфайлии ҷумла дар синфи 8-ум дар Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ 3 соат муқаррар карда шудааст. Мавзуи мазкур барои хонандагони синфи 8-ум тамоман нав аст ва дар китоби мазкур ба ҷуз таълифу қоидаҳои меъёрӣ, барои дар амал мустаҳкамкунии донишҳои назариявии хонандагон дар ҳудуди 22 машқ матнҳои гуногун ва ҷумлаҳои сода интихобшуда низ пешниҳод гардидааст. Намунаҳо ҳамагӣ аз адибони муосир интихоб шудаанд, ки дар раванди таҳлил тобишҳои маъноӣ, вазифа ва мавқеи истифодаи калимаву ибораҳои туфайлиро тавассути он машқҳо шарҳ додан имконпазир аст. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки мавқеи осори классикон, бахусус, панду андарзҳои ибратомӯзи ниёгонамон низ дар таълими мавзуи мазкур мувофиқи мақсад дониста мешавад. Дар ин раванд ҳам хонандагон бо калимаҳои мустаъмали осори адибони классик шинос гардида, таркиби луғавиашон бо вожаҳои нав бой ва ҷанбаҳои ба мавзуи мазкур бахшидаи ҳар як дарс қавитар мегардад.

Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод мекунем, ки барои таҳлили грамматикӣ аз он маводе, ки хонандагон дар раванди дарсҳои адабиёт шинос шудаанд низ истифода бурда шавад. Масалан, хонандагони синфи 8-ум то оғози таълими калима ва ибораҳои туфайлӣ дар дарси забони тоҷикӣ бо ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ шиносоӣ пайдо намудаанд ва боварӣ ҳаст, ки рубоии зеринро аз эҷодиёти ӯ азёд кардаанд:

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъӣ мор дорад, **бехилоф,**
Ҷаҳд кун, то сӯйи сифла нангарӣ  А. Рӯдакӣ [203:165].

Дар ин рубоӣ калимаи туфайлии **бехилоф** тобиши маъноии боварӣ ва қатъиятро ифода намуда, муродифи калимаҳои дигари туфайлӣ: **бешак** ва **бешубҳа** мебошад, ки донистани чунин синонимҳои он (бехилоф) низ барои хонандагон аз манфиат холӣ нест. Омӯзгор баробари маънидоди вазифаи ин калимаи туфайлӣ маънии калимаҳои ***кайфар, сифла, табъ***ро

ҳам шарҳ дода, диққати хонандагонро ба мазмуни рубоӣ ҷалб мекунад. Шогирдон бо ёрии омӯзгор маънии ин мисраъҳоро, ки аз дарси адабиёт ҳам фаҳмида буданд, ба хотир меоранд ва онҳо чунин хулоса мебароранд: «Мардуми бадтинату пастфитрат мисли моранд, ки ба қадри некиву хубӣ намерасанд. Бинобар он, аз чунин ашхос дур будан беҳтар аст». Гузашта аз ин, такрори рубоии мазкур ва таҳлили вежагиҳои забонии он ба мустаҳкам гардидани дониши хонандагон доир ба мавзуи наҳв ва барои дар хотири онҳо нақш бастани панди мазкур мусоидат мекунад. Ба ин васила, масъалаи дар доираи ҳамгироӣ таълим додани ду фан – забон ва адабиёт боз ҳам беҳтар сурат хоҳад гирифт.

Калимаҳои туфайлии **бехилоф, бешак** ва дигар муродифоти онҳо, ки боварибахш ва қатъӣ гуфта шудани фикреро далолат мекунанд, дар осори классикон зиёд ба назар мерасанд. Чунончи:

Бад на нек аст, **бехилоф**, валек
Мард холӣ набошад аз баду нек (Саъдӣ) [203:250].

Имрӯз озори кас маҷӯй, ки фардо
Ҳам зи ту, **бешак**, ба ҷони ту расад озор (Н. Хусрав) [203:257].

Ҳамин тариқ, дар муддати се соат мувофиқи Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ вобаста ба зермавзуъҳои фасли мазкур («Калима ва иборахои туфайлӣ») тавассути интихоби намунаҳо аз осори классикон метавон паҳлуҳои гуногуни таълими калима ва ибораҳои туфайлиро матраҳ намуд. Бахусус, дар соати аввал маълумоти умумӣ доир ба калима ва ибораҳои туфайлӣ дода мешавад ва барои ба хонандагон дақиқтар фаҳмондани мавқеъ ва аҳаммияти истифодаи воҳидҳои мазкур дар нутқ хуб мешуд, агар дар тахтаи синф дар ду сутун мисолҳо – ҷумлаҳои якхела сабт карда шаванд. Вале он мисолҳо дар сутуни аввал бояд бидуни воҳидҳои туфайлӣ ва дар сутуни дуюм бо иловаи воҳидҳои туфайлӣ пешниҳод гардад, то ки бо чунин усул вазифаи калимаву ибораҳои туфайлӣ ба таври аёнӣ шарҳ дода шаванд.

Дар ин маврид ҳам, аз осори классикон метавон моҳирона истифода бурд. Барои ин лозим аст, ки абёти дорои калимаҳои туфайлӣ якҷоя бо хонандагон ба наср баргардонида, баъдан, дар тахтаи синф, тибқи пешниҳоди дар фавқ ироашуда сабт гардад. Масалан, чунин байтҳоро:

1. Макун зоеъ инъоми худ, **зинҳор,**
   Ба ҳақношиносони ноҳақгузор (Ҷомӣ) [203:58].

2. Аз ҳамнафасе, ки ранҷи дил хоҳӣ бурд,
   **Ҳаққо, ки** ҳазор бор танҳоӣ беҳ (Фирдавсӣ) [203:119].

Ин байтҳоро дар шакли ҷумлаҳои зерин «Зинҳор, ба ҳақношиносони ноҳақгузор инъоми худро зоеъ макун» ва «Ҳаққо ки аз ҳамнафаси дилозор ҳазор бор танҳоӣ беҳ» ба наср баргардонида, дар сутунҳои алоҳида пешниҳод намудан лозим аст. Чунончи:

**Ҷадвали 13**

| Бе воҳидҳои туфайлӣ | Бо воҳидҳои туфайлӣ |
|---|---|
| **Ба ҳақношиносони ноҳақгузор инъоми худро зоеъ макун.** | **Зинҳор,** ба ҳақношиносони ноҳақгузор инъоми худро зоеъ макун. |
| **Аз ҳамнафаси дилозор ҳазор бор танҳоӣ беҳтар аст.** | Ҳаққо, ки аз ҳамнафаси дилозор ҳазор бор танҳоӣ беҳтар аст. |

Ин амалро метавон танҳо бо роҳи интихоби мисраъҳои алоҳида аз шоҳбайтҳо баррасӣ намуд. Масалан, аз ин қабил байтҳо:

1. **Воқеан,** нест ҷуз китоб анис,
   Гуфтаанд: «Ал-китобу хайру ҷалис» (Биноӣ) [203:232].
2. Хоҳӣ, ки зи ҳар сӯ назаре сӯи ту бошад,
   **Зинҳор,** маранҷон дили соҳибназаронро (Ҳилолӣ) [203:160].

**Ҷадвали 14.**

| **Бе воҳидҳои туфайлӣ** | **Бо иловаи воҳидҳои туфайлӣ** |
|---|---|
| Ҷуз аз китоб анисе нест. | **Воқеан,** ҷуз аз китоб анисе нест. |
| Дили соҳибназаронро маранҷон. | **Зинҳор,** дили соҳибназаронро маранҷон. |

Дуруст аст, ки аз осори мансур маводи фаровоне барои таълими ин мавзуъ метавон пайдо намуд, аммо ҳоҷат барои ба наср баргардонидани байту мисраъҳо аз адабиёти классикӣ аз он иборат аст, ки бо ин роҳ муаллим метавонад чунин ҳадафро ба иҷро расонад:

а) хонандагонро бо қолабҳои сарфиву наҳвии осори классикон ошно сохта, аз фасоҳату балоғат ва маъниҳои баланди осори ниёгон бархурдор месозад;

б) кор бо луғат пайваста роҳандозӣ мешавад ва беҳтар дар хотирашон нақш мебандад;

в) ба тарбияи ахлоқиву худшиносии насли наврас низ мусоидат менамояд.

Дар соати дуюм зимни омӯзиши хелҳои воҳидҳои туфайлӣ ва тобишҳои маъноии онҳо намунаҳо аз осори классикон ва таҳлили онҳо низ ба манфиати кор аст. Дар раванди таълими ин мавзуъ аснои овардани мисолҳо бо воҳидҳои туфайлӣ метавон муродифи классикии онро низ дар таркиби мисолҳои барҷаста шарҳ дод: Масалан:

Қонеъ ба як устухон чу каргас будан
Беҳ з-он, ки туфайли хони нокас будан.
Бо нони ҷавини хеш, **ҳаққо**, ки хуш аст,
К-олуда ба полудаи ҳар кас будан. Хайём [203,339]

Дар рубоии фавқ вожаи **ҳаққо** варианти классикии воҳидҳои туфайлии **дар ҳақиқат, ҳақиқатан** буда, донистани он барои хонандагон, ки меросбарони забони нобу пурғановати тоҷикианд, воҷиб аст.

Чунон ки мушоҳида мекунем, тамоми абёти дар боло овардашуда мансуб ба қалами шоирони машҳури классиканд ва мазмунан хеле оливу пандомез ҳастанд. Бешак, ин маъниҳои баланд аз таҷрибаи рӯзгор ҳосил шудаанд ва барои салоҳиятнокии шогирдон дар муносибат бо инсонҳо дар зиндагӣ метавонанд ба кор раванд. Донистани маънӣ ва ҷойгоҳи истифодаи калимаҳои туфайлии мазкур барои фаҳмидани мазмуни

байтҳои овардашуда созгор буда, хонандагонро бо имкониятҳои фаровони забони тоҷикӣ ошно месозад. Ҳамин нуктаро ҳам бояд таъкид сохт, ки мавқеи калимаву таркибҳои туфайлӣ дар назм устувору доимӣ набуда, дар аввал, дар мобайн ва ҳатто дар охири мисраъҳо ҳам омадани онҳо эҳтимол дорад.

Ҳамин тариқ, намунаҳои беҳтарин аз осори классикон на фақат барои муваффақона таълим додани воҳидҳои туфайлӣ, балки барои кулли мавзуъҳои наҳви ҷумлаҳои сода низ фаровон мебошанд ва барои амалӣ намудани ҳадафҳои таълимиву тарбиявиву инкишофии дар назди худ гузоштаи омӯзгорон дар ин қисмати синтаксис мусоидат карда метавонанд.

## 2.2. Истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб

Инсон мавҷудест, ки аз хурдӣ ба тарбияи ҳамаҷониба эҳтиёҷ дорад ва таҳти мафҳуми тарбия, парасторӣ (нигоҳдорӣ, дастпарварӣ), интизом (истодагарӣ, таҳаммулпазирӣ, тамкин), омӯзиш ва маърифатнокӣ фаҳмида мешавад. Тарбияро дар доираи масъулият ва мафҳуми аслӣ наметавон масъалаи шахсӣ номид. Ҳадаф аз он манфиати ҷомеа аст. Соҳаи илм, фарҳанг, маориф, таълим ва тарбия пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошад. Бино бар ин, дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ омадааст: «Муҳтавои таълим ба рушди шахсияти хонанда ва тарбияи шахси бофарҳанге нигаронида шудааст, ки меъёрҳои забони адабии тоҷикиро фаро гирифта, қобилияти озодона баён кардани фикр ва ҳиссиёти худро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ бо назардошти меъёрҳои ахлоқии муомила дорад» [7:8] Мутаассифона, на ҳамеша омӯзгорони мо ба ин натиҷаҳо ноил мегарданд. Ҳол он ки омӯзиши забони модарӣ дар ташаккули шахсият, дунёи маънавии инсон, ахлоқ, тафаккур, эҳсосот, нутқ ва сарчашмаи эҷоди ӯ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бо ин роҳ дар

хонандагон муҳаббат ба забон, ба ватан ва маънавиёти баланд тарбия карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар таълими забони тоҷикӣ омӯзгор бояд барои ноил шудан ба ҳамин натиҷаҳо тамоми маҳорату малакаи худро сарф намояд. Ба ибораи дигар, «Ҷараёни таълими забони модарӣ бояд чунон бошад, ки ба такмилу суфта гардидани нутқ ва вусъати боигарӣ, аниқӣ, ҷаззобӣ ва одоби он хизмат кунад; дар талабагон хислатҳои эҳтиёткор будан нисбат ба калом, хушзеҳнӣ, зуд пайхас кардани моҳияти фикри мусоҳиб, мавридшиносӣ ва одоби суханро тарбия намояд» [61:19]. Ин нуктаҳоро дар таълими ҳамаи бобу фаслҳои забон, бахусус, дар раванди омӯзиши наҳви ҷумлаҳои мураккаб, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз масъалаҳои раванди таълимаш басо дарозмуддат ҳам барои омӯзгорон ва ҳам хонандагон маҳсуб меёбад, бояд ба назари эътибор гирифт.

Чунонки ба омӯзгорон маълум аст, таълими ҷумлаҳои мураккаб мувофиқи талаби Стандарт ва барномаи таълимӣ дар ду давра: дар синфҳои 5-ум ва 9-ум ба роҳ монда мешавад. Дар синфи 5-ум дар раванди курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат», ки ба таълими он ҳамагӣ 14 соат муқаррар гаштааст, ба хонандагон оид ба ҷумлаҳои мураккаб дар доираи як-ду соат маълумоти мухтасар дода мешавад. Аммо таълими системанок ва ҳам дарозмуддати он дар синфи 9-ум роҳандозӣ мегардад. Дар синфи IX 33 соат дар чаҳор фасл муқаррар карда шудааст:

Фасли 3. Ҷумлаи мураккаб (1 соат)

Фасли 4. Ҷумлаи мураккаби пайваст (7 соат)

Фасли 5. Ҷумлаи мураккаби тобеъ (22 соат)

Фасли 6. Ҷумлаи мураккаби бепайвандак (3 соат)

Дар раванди умумии таълими ҷумлаҳои мураккаб бартарӣ бештар ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ (дар ҳаҷми 22) соат дода шудааст. Сарфи назар аз ин, мақсад ва вазифаи таълими ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9-ум чунин таъкид карда шудааст: «Мафҳуми ҷумлаи мураккабро

донистан ва шарҳ додан; фарқ кардани ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи сода; асосҳои грамматикии ҳар як ҷумлаи содаро муайян кардан ва яктаркиба ва дутаркиба будани онҳоро шарҳ додан; воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккабро пайдо кардан ва ҷумлаҳо тартиб додан» [7:108].

Бар замми ин, мебояд зикр намуд, ки дар раванди таълими ҷумлаҳои мураккаб масъалаи дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои дар онҳо огоҳонаву бамаврид истифода кардани хелҳои ҷумлаи мураккаб дар нутқи хаттӣ ва гуфторӣ низ ҳамеша бояд дар мадди назари омӯзгорон бошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дарси аввал дар ҳамаи мавридҳо дар курси методикаи таълим дарси муқаддимавӣ унвон дошта, муваффақияти аз худ намудани мавзуъҳои баъдина ба комёбиҳои дар ҳамин дарси аввал ба дастовардаи хонандагон вобастагии калон дорад. Дар ин соат омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки дар дили хонандагон шавқи омӯхтани ҳамин фасл ва гирифтани маълумоти бештар доир ба он афзун гардад.

Усули судманди таълими мавзуъ ба таври қиёс сурат мегирад. Дар ду сутун – дар яке ҷумлаҳои сода, дар дигаре ҷумлаҳои мураккабро сабт намуда, ба шарҳи хусусиятҳои барҷастаи ҷумлаҳои мураккаб ва фарқи онҳо аз ҷумлаҳои сода ҷалб намудани диққати хонанадагон аз беҳтарин усули таълим маҳсуб меёбад. Дар ҷадвали зерин мисолҳоро (ҷумлаҳои сода ва мураккабро) аз осори классикон барои баёни мавзуъ пешкаш мекунем.

**Ҷадвали 15.**

| Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати сохт | |
|---|---|
| Ҷумлаҳои | Ҷумлаҳои мураккаб |
| Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон<br>Бартар аз дидори рӯи дӯстон<br>(Рӯдакӣ) [194:36]. | Дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардонидан душвор бувад (Кайковус) [207: 104]. |
| Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст. (Кошифӣ)”. [092:126] | Ҳар кӣ насиҳати дӯстон гӯш накунад, дар ҳалоки худ саъй намуда бошад. (Кошифӣ) [210:70] |

| Идомаи ҷадвали 15. | |
|---|---|
| Сабр сифати бағоят мақбул аст. (Кошифӣ) [209:126] | Қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд.<br>(Саъдӣ) [203: 254]. |
| Миёни ду кас маънии зиракӣ<br>Бувад мояи иттиҳоду якӣ.<br>Ҷомӣ) [203: 231]. | Ба чизи касон даст ёзад касе,<br>Ки баҳра зи дониш надорад басе.<br>(Фирдавсӣ) [203: 14]. |

Баробари ҷалб намудани диққати хонандагон ба ҷумлаву байтҳои болоӣ, чунин амалҳоро бояд иҷро кард:

а) Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки мисолҳои дар ҷадвал сабтшударо бурро ва ифоданок қироат кунанд. Зеро бурро қироат кардани байту ҷумлаҳо шарти аввали дарки маънӣ ва сохтори ҷумла мебошад.

б) Лозим аст, ки тибқи зарурат баъзе байтҳо ба наср баргардон карда шавад. Масалан, ҷумлаи сода будани байти Ҷомиро на ҳамаи хонандагон ба зудӣ дарк мекунанд. Онро ба наср баргардонидан зарурат дорад. Чунончи: Миёни ду кас маънии зиракӣ (якдигарфаҳмӣ) мояи (шарти, боиси) дӯстиву якдиливу якраъйӣ бувад (аст, мебошад).

в) Шарҳи маънои байту ҷумлаҳо ва ба ин васила огоҳ гардидан аз мақсади адиб низ барои хонандагон зарурат дорад. Дар раванди шарҳу тавзеҳ ва ё маъникушоӣ ҳар чӣ бештар худи хонандагон фаъолона ширкат намуда, фикри худро баён намоянд, беҳтар аст.

г) Шарҳи вожаҳои нав (аз қабили **саъй, офият)** набояд аз мадди назар дур монад.

д) Фикру мулоҳизоти дар раванди таҳлил баёншуда (омӯзгор ва хонандагон) аз тарафи омӯзгор ҷамъбаст мегардад, ки тахминан чунин аст:

– Дар ҷумлаҳои сутуни якум фикри том баён гардидааст, ки чунин ҷумлаҳоро сода меноманд. Масалан, Рӯдакӣ мегӯяд, ки «Дар ҷаҳон ҳеҷ шодӣ беҳтар аз дидори рӯйи дӯстон нест». Аммо дар ҷумлаҳои сутуни

дуюм дар ҳар кадом ду фикр дар як ҷумла ифода гардидааст. Масалан: Дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардонидан душвор бувад. Дар байни ин ҷумлаҳо алоқаи пайвасти хилофӣ дар мадди назар аст. Бинобар ин, ин ду ҷумла тавассути пайвандаки **аммо** ба ҳам алоқаманд шудаанд.

Хонандагони синфи 9 ҳанӯз аз синфи 7-ум доир ба пайвандакҳо иттилоъ доранд. Пайвандакҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда шудаанд: **пайвасткунанда ва тобеъкунанда**. Аз ҷумла, пайвандаки **аммо** ба гурӯҳи пайвандакҳои пайвасткунанда дохил мешавад. Маҳз ҳамин пайвандак дар мисоли аз «Қобуснома» овардашуда ду ҷумлаи содаро ба ҳам алоқаманд карда, як ҷумлаи мураккабро, яъне **ҷумлаи мураккаби пайвастро** ташкил кардааст. Дар таркиби он ҳар ду ҷумла баробарҳуқуқ мебошанд. Мустақилияти ҷумлаҳои содаро дар таркиби ҷумлаҳои мазкур аз рӯйи он, ки дар навишт пас аз ҳар кадом аломати нуқта гузоштан мумкин аст, метавон исбот намуд. Тариқи шифоҳӣ ҳар як ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро аз сутуни дуюм бо соқит намудани пайвандакҳо бояд тавре қироат шавад, ки дар навишт пас аз ҳар кадоми онҳо гузошта шудани аломати нуқтаро хонандагон эҳсос намоянд.

е) Диққати хонандагон ба ҷумлаи дигари сутуни дуюм «Ҳар ки насиҳати дӯстон гӯш накунад, дар ҳалоки худ саъй намуда бошад», ҷалб гашта, сарҳади ҷумлаҳо муайян карда мешавад. Ҳар як ҷумлаи содаи таркиби онро як – як қироат карда, сипас, ин тавр ба шарҳи масъала мегузарад: ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб мустақил нестанд, балки онҳо ҳамдигарро аз ягон ҷиҳат пурра мекунанд. Масалан, пас аз ҷумлаи «Ҳар ки насиҳати дӯстон гӯш накунад» нуқта гузоштан имкон надорад. Зеро фикр ё худ ҷумла дар ин ҳолат нотамом мемонад. Ё ин ки ҷумлаи содаи дуюм: «дар ҳалоки худ саъй намуда бошад»- ро қироат кунем, фаҳмида наметавонем, ки кадом кас сабаби ҳалоки худ мегардад. Аз ин хулоса бармеояд, ки аз ин ду ҷумла яке дигареро, масалан, ҷумлаи якум эзоҳдиҳанда, вале ҷумлаи дувум эзоҳшаванда маҳсуб меёбад. Дар

ин маврид ҷумлаи эзоҳшавандаро ҷумлаи асосӣ ва сарҷумла меноманд. Ҷумлаи эзоҳдиҳандаро ҷумлаи пайрав меноманд, ки дар ин бора дар дарсҳои баъдина муфассалтар маълумот медиҳем.

Ҳамин тавр, ҷумлаҳои дигар низ мухтасаран аз муоина гузаронида шуда, ба кадом хели ҷумлаи мураккаб (аз рӯйи воситаи алоқа) иртибот доштанашон муайян карда мешавад. Барои мустаҳкам шудани мавзуъ машқҳои 35 ва 36 (саҳ. 20) аз китоби дарсӣ иҷро карда шуда, иҷрои талаби машқи 37 ба ҳайси вазифаи хонагӣ супорида мешавад.

Дарси навбатӣ ба таълими мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби пайваст» бахшида мешавад, ки таълими ин мавзуъ дар як вақт бо таълими мавзуи рӯзгору осори Ҷалолиддини Балхӣ аз фанни адабиёти тоҷик дар синфи 9 баробар сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон метавонанд, намунаи мисолҳоро барои шарҳи мавзуъҳои забонӣ аз осори мондагори Мавлони интихоб намоянд.

Масалан, дар соати аввали таълими мавзуи «Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст ва фарқи он аз ҷумлаи содаи» унвон дорад, байтҳои зеринро намуна овардан мувофиқи мақсад аст:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле [203: 54].

Намунаи мазкур аз он ҷиҳат мувофиқи мақсад аст, ки, аввалан, аз маънии баланд бархурдор аст. Дигар он аст, ки ҷанбаи тарбиявӣ дорад ва хонандагонро дар руҳияи хулқу атвори нек ва сифоти ҳамидаи инсонӣ тарбият мекунад. Чанде аз калимаҳо (ноқисон, мудбирон) барои муҳассилин нав буда, шарҳи онҳо барои бой гардидани таркиби луғавии хонандагон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, баробари пешниҳод намудани мисоли мазкур омӯзгор шогирдонро водор менамояд, ки порчаи назмии (шеърии) мазкурро ба наср баргардонанд, ки ин бе кӯмаки омӯзгор тӯл мекашад. Инак, зимни ёрии муаллим, хонандагон байтҳои мазкурро ин тавр ба наср баргардон

мекунанд: **Аз насиҳат ноқисон** (нуқсдору нокомил) **комил мешаванд** ва **аз насиҳат мудбирон** (бадбахтон) **муқбил** (хушбахт) **мешаванд.**

Омӯзгор диққати аҳли синфро ба тахтаи синф ҷалб намуда, таъкид мекунад, ки ин порчаи шеърӣ аз ду байт иборат асту ҳар байт аз ду ҷумлаи сода таркиб ёфтаанд, яъне ҳар кадоми ин байтҳо як ҷумлаи мураккабро ташкил додаанд. Ҷумлаҳои сода дар онҳо тавассути пайвандаки пайвасткунандаи «ва», ки дар қолаби тахфифшуда (в) омадааст, ба ҳам пайваст шудаанд.

Хулоса, чунон ки мушоҳида намудем, ҳар байт дар порчаи мазкур аз ду ҷумлаи сода ташкил ёфтаасту тавассути пайвандаки **ва** ба ҳам алоқаманд шуда, ҳар кадом як ҷумлаи мураккаби пайвастро офаридаанд.

Байтҳои зерин низ намунаи хуби мисолҳо барои ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда, ҳамзамон, метавонанд, хонандагонро дар рӯҳияи хислатҳои нек тарбия намоянд.

Баҳри кайке ту гилемеро масӯз
В-аз судои ҳар магас магзор рӯз [203: 71].

На ҳар килке шакар дорад, на ҳар зере забар дорад,
На ҳар чашме назар дорад, на ҳар баҳре гуҳар дорад [206: 33] .

Ай забон, ҳам оташу ҳам хирманӣ,
Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ?
Ай забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,
Ай забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ [203: 69].

Дар соати дуюм, ки мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо пайвандакҳои паиҳам» таълим дода мешавад, барои шарҳи хусусиятҳои асосии мавзуи мазкур истифода намудан аз қабили мисолҳои дар боло овардашуда басо судманд мебошанд. Бахусус, барои намоиш додани хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои сода намунаҳои беҳтаринро метавон аз осори Мавлавӣ низ метавон интихоб намуд. Ҳамчунин, истифодаи ин гуна мисолҳо аз осори дигар адибони

классик низ барои баррасии мавзуи фавқ шоистаи таҳлилу баррасӣ ҳастанд, ки ба шарҳи маъноӣ эҳтиёҷ надоранд:

1. Дод ободонӣ буваду бедод вайронӣ (Кошифӣ) [203: 62].
2. Адл бе илм беху бар накунад (Аҳвадӣ) [203: 63].

Аснои таҳлили сохтори ин ҷумлаҳо хонандагон огоҳ мешаванд, ки ҷумлаи якум аз ду ҷумлаи сода ташкил ёфтаасту онҳоро пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами - **у** ба ҳам алоқаманд намудааст. Аз ин лиҳоз, ин ду ҷумла дар алоқамандӣ ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳамро ташкил додаанд.

Вале ҷумлаи дуюм аз ду ҷумлаи сода ташкил ёфта бошад ҳам, алоқаи он чумлаҳо ба ҳам тавассути оҳанги талаффуз амалӣ шудааст. Аз ин рӯ, агар дар байни ҷумлаҳои содаи он пайвандак гузоштанӣ шавем, танҳо гузоштани пайвандакҳои пайвасткунандаи **ва** ё ки **- у** зарурат дораду бас, ки дар ин маврид ҷумлаи мазкурро метавон дар қолаби зерин пешниҳод намуд: Адл бе илм беху бар намеорад**у** (ва) ҳукм бе адлу илм асар (таъсир) накунад.

Хулосаи шарҳи боло ин аст, ки ҷумлаи мазкур, яъне ҷумлаи дувум низ мураккаби пайвасти пайиҳам асту вале алоқаи ҷумлаҳои сода дар таркиби он на бо яке аз пайвандакҳои пайиҳам, балки танҳо тавассути оҳанги талаффуз сурат гирифтааст, ки чунин қолаби ҷумласозӣ дар забони адабӣ яке аз ҳодисаҳои маъмул маҳсуб меёбад.

Соати сеюми ба таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст бахшидашуда «Ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо пайвандакҳои хилофӣ» унвон дорад. Аснои матраҳ намудани мавзуи мазкур низ дар қатори дигар мисолҳо аз осори Мавлавӣ намунаҳои ҷолиброо овардан аз манфиат холӣ нест. Чунончи:

1. Колаи duздида набвад пойдор,
   Лекин орад дуздро то пойи дор [203: 177].

2. Сабр талх омад, валекин оқибат
   Меваи ширин диҳад пурманфиат [203: 56] .

3. Худ ҳасад нуқсону айби дигар аст,

Балки аз ҷумла камиҳо бадтар аст [203: 77]

Чунон ки дар мисолҳои боло мушоҳида мекунем, онҳо ҳамагӣ ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда, тавассути пайвандакҳои хилофии **лекин, валекин** ва **балки** ба ҳам алоқаманд шудаанд. Ба ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ иртибот доштанашон ҳодисаи бебаҳс асту ҳар кадом як ҷузъи ахлоқро тарғиб намудаанд ва истифодаашон як роҳи беҳтарини тарбия дар раванди таълим маҳсуб меёбанд. Ба ифодаи дигар, дар чунин раванди таълим мақоли «бо як тир ду нишон» пеши назар меояд. Зеро муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҳам маслиҳат медиҳанд, ки дар раванди омӯзонидани мавзуъҳои забони модарӣ тарбия ва таълим бояд дар ҳамбастагӣ бо усулҳои ҷадид ба роҳ монда шавад. Масалан, методист С. Н. Иконников дар ин хусус чунин фармудааст: «Ин ҷо бояд усули пӯшидаи таъсиргузории тарбиявӣ истифода шавад, яъне омӯзгор аснои фаҳмонидани маънии калимаҳо, таҳлили услубии матн, таҳлили ҷумлаҳо ва дар раванди инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон ҳам метавонад эшонро тарбия намояд» [150:23]. Чунки равоншиносон бар он назаранд, ки наврасон насиҳату мавъизаи зиёдро намеписанданд. Аз ин лиҳоз, онҳоро на бо насиҳатгӯӣ, балки бо роҳи пешниҳоди маводи дидактикӣ, ки ҳомили маъниҳои баланди пандуандарзианд, метавон тарбия кард.

Мавзуи севуми ба таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст бахшидашаванда «Ҷумлаи мураккаби пайваст бо пайвандакҳои ҷудоӣ» буда, барои баррасии ин мавзуъ низ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ намунаҳои олӣ зиёд аст. Порча аз ғазали дар зер овардашуда намунаи беҳтарини ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ бо пайвандаки ***ё...ё...*** мебошад, ки дар радифи дигар намунаҳои дар китоби дарсӣ омада, мавриди таҳлил қарор додани он бамаврид аст:

Ё Зӯҳраву моҳ аст даромехта бо ҳам,

Ё сарви равон аст зи гулзор расида.

Ё чашмаи Хизр аст равон гашта бад-ин сӯ,

Ё турки хуши мост зи Булғор расида. [211: 152]

Ҳамин тавр, барои мавзуъҳои дигар, аз ҷумла, «Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст», «Оҳанги талаффуз ва мавқеи ҷумлаи мураккаби пайваст дар нутқ», «Таҳлили наҳвӣ ва аломатҳои китобати ҷумлаи мураккаби пайваст» низ метавон маводи фаровоне аз рубоиёти дилангезу ғазалҳои шӯрангез, аз «Маснавии маънавӣ» ва аз асари дигари ӯ «Фиҳӣ мо фиҳӣ», ки саршор аз андешаҳои ахлоқианд, интихоб кард. Чунин намуди кор, бешубҳа, алоқамандии байни фанҳои забон ва адабиётро таъмин менамояд, ки яке аз талаботҳои методика таълим маҳсуб меёбад. Ба қавли методист С. Шербоев, «чунин алоқа дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ, сараввал, бо роҳи интихоби матнҳои гуногуни дар дарсҳои адабиёт омӯхташуда, ки ба хонандагон шиносанд, бештар корбаст мешавад» [178: 83].

Тибқи талаботи барнома дар синфи 9 пас аз таълими мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби пайваст» таълими силсиламавзуъҳои фасли «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ» дар доираи 22 соат пешниҳод шудааст. Доир ба таълими ин фасл, яъне «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ» басе аз методистони ватанию хориҷӣ дар пажӯҳишҳои худ ақидаҳои ҷолибро пешниҳод намуда бошанд ҳам, аммо дар нигоштаҳои онҳо ба масъалаи интихоби мисолҳо дар ин бобат таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ирсол нашудааст. Асосан, онҳо омӯзиши самараноки ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар муқоиса бо ҷумлаи мураккаби пайваст бештар авлотар донистаанд. Масалан, профессор С. Шербоев пешниҳод мекунад, ки «дар таблитсае дар ду сутун - дар яке чумлаҳои мураккаби пайваст, дар дигаре ҷумлаҳои мураккаби тобеъро сабт намуда, ба муоинаи хонандагон гузоштан лозим аст, то ки мисолҳоро (ҷумлаҳои дар ду сутун сабтшударо) қироат ва муқоиса намуда худашон ҳам дар ин бобат ба баёни мулоҳиза ва хулосаҳои шахсӣ пешакӣ омодагӣ бигиранд» [108:27]. Мо низ, аз рӯйи нишондоди методисти мазкур амал намуда, вале ба ҷойи ҷумлаҳои пешниҳоднамудаи ӯ дар ҷадвали зерин мисолҳоро аз осори классикон

интихоб ва сабт намудем, ки ҳам дорои ҷанбаҳои тарбияввиву омӯзишӣ мебошанду ҳам муаррифгари қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеанд.

**Ҷадвали 16.**

| **Ҷумлаҳои мураккаби пайваст** | **Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ** |
|---|---|
| Ҳаққи устод аз падар беш аст<br>В-аз падар устод дар пеш аст.<br>(Биноӣ), [203:241].<br><br>Ҳарис ба ҷаҳоне гурусна асту қонеъ ба ноне сер (Саъдӣ), [203:196].<br><br>Зи доноён бимонад ёдгорӣ,<br>Вале нодон кашад сад ҷавру хорӣ.<br>(Роғиби Самарқандӣ), [203:101].<br><br>Дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардонидан душвор бувад (Кайковус), [203:104]. | Оқил он бувад, ки аз корҳо ҳақиқату рӯҳи он бинад, на сурати он (Ғазолӣ) , [203:196 ] .<br><br>Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад (Кошифӣ), [210:127] .<br><br>Пайафкандам аз назм кохе баланд,<br>К-аз боду борон наёбад газанд.<br>(Фирдавсӣ), [196:17]. |

Мисолҳои дар таблитсаи мазкур бударо ба муоинаи хонандагон вогузор намуда, муаллим метавонад, бо саволҳои зерин ба синф муроҷиат намояд:

1. Ҷумлаҳои дар сутунҳои таблитса бударо мулоҳизакорона муқоиса намуда, муайян намоед, ки байни ин ҳар ду гурӯҳи мисолҳо чӣ гуна умумият ҳис карда мешавад?
2. Муайян кунед, ки ҷумлаҳои дар сутуни аввал буда нисбат ба мисолҳои дар сутуни дуюм пешниҳодшуда аз кадом ҷиҳат фарқ мекунанд?

Албатта, дар синф хонандагоне ёфт мешаванд, ки мушоҳидакор буда, фарқияти байни ин ҷумлаҳоро қисман муайян ҳам менамоянд. Вале дар сурати ба мушкилӣ мувоҷеҳ шудани хонандагон дар ҷавоб ба ин саволҳо ва ё ҷавобҳои саҳеҳ дода тавонистанашон омӯзгор шогирдонро

то ба ҷавоби дурусту саҳеҳ расидан роҳнамоӣ мекунад. Масалан, ӯ боз бо савол ба синф муроҷиат мекунад. – Чунончи:

–Агар ҳар кадоми ҷумлаҳои дар таркиби ин ҷумлаҳои мураккаб бударо алоҳида – алоҳида қироат намоем, дар мазмун ва оҳанги талаффузи онҳо чиро мушоҳида мекунем? Дар ҷавоб ба ин савол хонандагон ҷумлаҳои таркиби дар ҳар ду сутун пешниҳодшударо хонда, ба хулоса меоянд, ки ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби сутуни дуюм назар ба ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби сутуни аввал дар алоҳидагӣ мустақил нестанд, балки шарҳталаб мебошанд. Аммо омӯзгор «ҳуҷуми фикриро» идома дода, боз мепурсад: – Вақте ки гӯянда «Оқил он аст» гӯяду дигар гапашро давом надиҳад, шунаванда чӣ хел савол медиҳад? Албатта, кист? – гӯён пурсон мешавад. Ва боз савол медиҳад: – Кадом аъзои ҷумла ба саволи **кист?** ҷавоб мешавад? – Ҷавоб: Хабар. Супориши навбатии омӯзгор: – Муайян кунед, ки ба ин савол (**оқил кист?)** кадом қисмати ҷумла ҷавоб медиҳад? Ҷавоб: – **аз корҳо ҳақиқату рӯҳи он бинад, на сурати он** ҷавоби мувофиқ буда, хабари ҷумлаи якумро шарҳ додааст. Пас, ин ҷумла нисбат ба ҷумлаи якум ҷумлаи пайрав, аниқаш, ҷумлаи пайрави хабар аст, ки табиатан чунин ҷумлаҳо бар эзоҳи хабари ҷумлаи бо ҷонишинҳои ишоратӣ ифодаёфта меоянд.

Ҳамин тавр, тибқи саволҳои додашуда, навъи ҷумлаҳои пайрав муайян карда шуда, дар интиҳо муаллим чунин илова мекунад: Ҷумлае, ки аз он ба ҷумлаи дигар савол дода мешавад, **сарҷумла** меноманд ва ҷумлае, ки ба он савол ҷавоб мешавад, **ҷумлаи пайрав** меноманд. Сарҷумла, ҳамеша шарҳу эзоҳталаб буда, ҷумлаи пайрав онро аз ягон ҷиҳат пурра ва ё шарҳ медиҳад.

Инчунин, омӯзгор бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба аломатҳои дигари ҷумлаи мураккаби тобеъ ба хонандагон боз бо чунин савол муроҷиат мекунад: – Пайвандакҳо дар ҷумлаҳои сутуни аввал аз пайвандакҳои дар таркиби ҷумлаҳои сутуни дуюм буда чӣ фарқ доранд?

Хонандагон дар ҷавоб ба ин савол маълумоти дар синфи VII доир ба пайвандак гирифтаи худро ба хотир оварда, пайвасткунанда (ва, -у, вале, аммо) ва тобеъкунанда (ки) будани пайвандакҳои дар таркиби ҷумлаҳои сутуни дуюм мушоҳидашударо таъкид менамоянд. Онҳо ба хулоса меоянд, ки бо вуҷуди аз ҷиҳати сохт мураккаб будани ҷумлаҳои ҳар ду сутун онҳо аз рӯйи воситаҳои алоқа ва имконияти ҷумлаҳои содаи таркибашон фарқ мекунанд.

Пас, саволи навбатии омӯзгор чунин мешавад: Гӯед, ки кадом хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба шумо маълум шуд? Ҷавоб ба ин саволи муаллим аз тарафи хонандагон, тахминан, чунин мешавад: – Онҳо – ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, пеш аз ҳама, аз ду ҷумлаи сода ташкил меёбанд; дар алоҳидагӣ, яке аз онҳо, асосан, ҷумлаи асосӣ ва ё сарҷумла, мустақилияти худро гум мекунад; якеро сарҷумла ва дигареро ҷумлаи пайрав меноманд, аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав савол дода мешавад, ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда алоқаманд мешаванд. Барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон ин ҳама хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби тобеъро метавон дар усули «Кластер» [10:110] ҷамъоварӣ намуд, ки чунин аст:



Акнун, ки хонандагон аз хусусиятҳои муҳимми ҷумлаи мураккаби тобеъ огоҳ шуданд, метавонанд, хулоса ё худ фарзияи худро пешниҳод намоянд, ки тахминан чунин хоҳад буд: Ҷумлаҳое, ки аз ду ҷумлаи сода ташкил ёфта, бо пайвандакҳои тобеъкунанда ба ҳам алоқаманд мешаванду яке аз ҷумлаҳои таркибиашон дигареро пурра мекунад, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ном доранд.

Чунин усули хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки хонандагон таърифи ҷумлаи мураккабро на қориёна, балки бошуурона фаҳмида, ба хотир гиранд.

Ниҳоят, барои то чӣ андоза дар ин кор муваффақ гардидани хонандагон, яъне аз рӯйи аломатҳои муайянгардидаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ таҳия намудани қоида(фарзия)-и дуруст таърифи эҷодкардаи онҳо бо таърифи дар китоби дарсӣ буда муқоиса карда мешавад, ки ин зинаи чоруми салоҳият мебошад. Ва, инак, таърифи ҷумлаи мураккаби тобеъ дар китоби «Забони тоҷикӣ» – и синфи 9 чунин пешниҳод шудааст: «**Ҷумлаи мураккабе, ки дар он яке аз ҷумлаҳо асосӣ буда, ҷумлаи дигар бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба ҷумлаи асосӣ тобеъ гардида, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, ҷумлаи мураккаби тобеъ номида мешавад**» [95:29].

Ин ҷо омӯзгор бояд барои руҳбаланд намудани хонандагон ва то чӣ андоза муваффақ шудани онҳоро дар таҳияи қоидаи ҷумлаи мураккаби тобеъ нишон додан, қисматҳои ба ҳам мувофиқи ин ду қоидаро баён менамояд, ки он салоҳияти забонии муҳассилинро ташаккул медиҳад.

Ниҳоят, дар зинаи панҷум, ки ба ташаккули тафаккур ироа мешавад, фикру андешаҳо ва хулосаҳои хонандагон оид ба мазмуни ҷумлаҳои дар таблитса овардашуда шунида мешавад, ки онҳо дорои фикрҳои баланди панду ахлоқӣ буда, ҳамагӣ дар раванди омӯхтан аз таҷрибаи рӯзгор рӯйи қоғаз оварда шудаанд, то ки мо, имрӯзиён, аз он пандҳо дар раванди зиндагиамон истифода намоем.

Дар барномаи соли 2006 таълими ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар баъди таълими ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва муайянкунанда тавсия шуда, ҳамин тартиб дар охирин китоби дарсӣ низ риоя шудааст. Ба андешаи муаллифони барномаи мазкур, ин тадбир мантиқан дуруст буда, дар бобати ба инобат гирифтани теъдоди истеъмоли хелҳои ҷумлаи пайрав, чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттӣ, мувофиқат менамоянд. «Дигар ин, ки зимни ин тариқа иваз намудани тартиби таълими хели ҷумлаҳои пайрав дар барнома принсипи таълими тадриҷан аз маълум ба номаълум ё худ аз сода ба мураккаб гузаштан ба инобат гирифта шудааст» [108:393]. Аммо дар барномаи охирин [7] тартиби таълими ҷумлаҳои пайрав аз сараъзоҳо, яъне мубтадо ва хабар оғоз ёфтааст, ки мо андешаҳои худро дар ин бора баён месозем.

Дар иртибот  ба таъкиди охир, ҳангоми пешниҳоди андешаҳои хеш оид ба таълими ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар ба мо маълум шуд, ки таълими ҷумлаҳои пайрави мазкур дар синфи 9 дар як вақт бо таълими ҳаёт ва эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ мувофиқат мекардааст. Аз ин лиҳоз, мо усули таълими мавзуи мазкурро бо истифодаи мисолҳо аз осори ҳамин адиб пешниҳод намуданро лозим донистем.

Ҳангоми муоинаи машқҳои дар иртибот ба таълими ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда мо матни машқеро дарёфт карда натавонистем, ки аз эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ интихоб гардида бошад. Чун аз тадқиқоти забоншиносон огоҳ шудем [8], дар осори Камол намунаҳои арзишманде, ки барои таълим додани ҳамаи шохаҳои грамматика мувофиқ бошанд, басо зиёд ба назар расиданд. Аз ин лиҳоз, мо низ аз осори ин шоир мисолҳо - байтҳоеро ҷустуҷӯ намудем, ки ҳам ба таълими мавзуъҳои мазкур мувофиқ бошанду ҳам масъалаҳои гуногуни ахлоқиро матраҳ намоянд. Масалан, аз қабили мисоли дар зер овардашуда:

Ҳар кӣ дар олам кам аз як лаҳза дур аз ёр зист,
Кард накди зиндагонӣ зоеву бисёр зист [199:38].

Байти мазкур аз ҷиҳати наҳвӣ ба ҷумлаи мураккаби тобеи ҷумлаи пайраваш мубтадо иртибот дорад. Яъне сарҷумлаи он «Кард накди зиндагонӣ зоеву бисёр зист» мисраи якуми он: «Ҳар кӣ дар олам кам аз як лаҳза дур аз ёр зист» - ро ба худ тобеъ намудааст. Азбаски аз сарҷумла саволи **кӣ**? бармеояд ва ҷумлаи дуюм ба он ҷавоб мегӯяд, он ҷумлаи пайрави мубтадо унвон мегирад. Яъне ин тавр: Кӣ накди зиндагонӣ зоеъ карду бисёр зист? Ҷавоб: «Ҳар кӣ дар олам кам аз як лаҳза дур аз ёр зист».

Ин байт мазмуни баландро дорост:Таъкид мешавад, ки, агар ҳар кас дар ҳаёт аз дӯстон дур зиндагӣ кунад, ҳатто як лаҳзаи дур аз дӯст будан ин чунин маънӣ дорад, ки ӯ ҳаёту зиндагонии худро беҳуда аз сар гузаронидааст. Аниқаш, ғояи асосии ин байт одамонро дар ҳамбастагӣ ва дар ҳалқаи дӯстон зиндагӣ кардан далолат менамояд.

Инчунин, ҳамин нуктаро ҳам мебояд таъкид намуд, ки шарҳу маънидоди аксари он байтҳо, ки аз китоби дарсии фанни адабиёти синфи 9 интихоб шудааст, ҳангоми баррасии таълими мавзуъҳои грамматикӣ чандон зарурат надоранд. Чунки мазмуну ғояи онҳо дар дарсҳои адабиёт шарҳ дода шудаанд. Агар чунин намунаҳо танҳо барои шарҳи маводи назариявии ба таълими ин ё он қисмати забоншиносӣ иртиботдошта истифода шаванд ҳам, мазмуну муҳтавои он дар зеҳни хонандагон пайдо ва мустаҳкам мешавад. Дар сурати ба миён омадани зарурати шарҳи мазмун ва баъзе вожаҳои классикӣ иҷрои он ногузир аст, зеро такрори он донишу фаҳмиши хонандагонро сайқал медиҳад.

Ҳамчунин, дар мавриди таълими хелҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол ва ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак низ аз осори Камоли Хуҷандӣ метавон мисолҳои басо мувофикро дарёфт.

Инак намунаи мисолҳо:

**а) Оид ба ҷумлаи пайрави сабаб:**

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро [200:30].

Чун муроди дӯст ҷон афшондан аст аз дӯстон,
Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро [199:33].

**б) Оид ба ҷумлаи пайрави шарт:**
Ҳаваси суҳбати ёрон агарат меафтад,
Бо рафиқони мухолиф накунӣ ёрӣ беҳ [199:295].

Гар ту дар миҷмараи ғам дили мо сӯзонӣ,
Ҳамчунон бӯи ту ёбанд зи хокистари мо [199:16].

**в) Ҷумлаи пайрави хилоф:**
Агарчи аз ду ҷаҳон кардаем қатъи умед,
Ба лутфу раҳмати ӯ ҳаст умедвории мо [199:17].

Гар чӣ хуш ояд ба чашм гулшани ҷаннат, Камол,
Дар назари мо беҳ аз хоки дари ёр нест [199:177].

**г) Ҷумлаи пайрави бепайвандак:**
Дасти султонон намебӯсад Камол,
Нест султонро ба дарвеш эҳтиёҷ [199:268].

Камол аз подшаҳ дорад фароғат,
Ба вақти хеш ӯ ҳам подшоҳ аст [199:172].

Манзури мо аз пешниҳоди ин матлаб ҳамгиросозии таълими ду фан: фанҳои забон ва адабиёти тоҷик буда, тибқи интихоби мисолҳо аз осори Камоли Хуҷандӣ ҳам шарҳи хусусиятҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол ва ба ин васила ба шогирдон намоиш додани фасоҳату балоғати осори ӯ аст, ки дар ин раванд, ҳамзамон, тарбия намудани хонандагон дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва ё хулқу одоби ҳамида низ даст хоҳад дод.

Чунон ки дар боло таъкид намудем, дар синфи 9, тибқи талаби барномаи забони тоҷикии соли 2006, таълими хелҳои ҷумлаи пайрав бо омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда оғоз меёбад. Дар ин бобат низ аз осори пандомези классикон, бахусус, осори манзуми онҳо дарёфт ва интихоб намунаи чунин навъи ҷумлаҳои пайрав бештар имконпазир аст.

Таълими ин мавзуъ, тибқи тартиби маводи назариявию амалии дар китоби дарсӣ додашуда, бо усули дедуксия пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, омӯзгорон низ аз рӯйи чунин пешниҳод амал намуда, пас аз диққати аҳли синфро ба фаҳмидани мавзуъ омода кардан ин тавр бояд афзоянд:

а) ҷумлаи пайрави пуркунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бар эзоҳи хабари сарҷумла омада, онро пурра мекунад.

б) он, яъне ҷумлаи пайрави пуркунанда, ба саволҳои чӣ?, аз чӣ?, чиро?, ба чӣ?, бо чӣ? аз кӣ?, аз чӣ? ҷавоб мешавад. Ин гуна хосиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунандаро метавон тавассути таҳлили мисолҳои зерин ба исбот расонд:

1. Ҳар кӣ илм бештар дорад, ӯро бузург доред [203:96].

2. Шунидам, ки бошад забони сухан,
Чу алмоси буррону теғи кӯҳан [203:44].

Вай, яъне ҷумлаи пайрави пуркунанда, бар эзоҳи калимаю таркибҳои ҳамнисбате низ меояд, ки ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омадаанд: Аҳд набастан аз он беҳ, ки бандию напоӣ. (Саъдӣ) [203:147].

Ҷумлаи пайрави пуркунанда, одатан, хабарҳои феълии сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Чунончи:

Чунон дон, ки бешарму бисёргӯй
Наёбад ба назди касе обрӯй (Фирдавсӣ) [196:22].

Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ, одатан, ду ҷойи муқаррарӣ дорад, ки дар ҳар ду маврид он аз сарҷумла бо аломати вергул ҷудо карда мешавад. Чунончи, мавридҳои омадани он:

**1. Пас аз сарҷумла:**

Шунидам, ки бошад забони сухан

Чу алмоси буррону теғи куҳан [203:44].

**2.Пеш аз сарҷумла:**

Ҳар чӣ аз эшон бар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам. (Саъдӣ) [203:65].

Мо ин ҷо барои исботи ҳамаи вижагиҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки дар китоби дарсӣ баён шудааст, намунаи мисолҳоро танҳо аз осори классикон овардем. Вале бояд таъкид намуд, ки дар китоби дарсӣ низ дар байни мисолҳои пешниҳодшуда оид ба ҷумлаи пайрави пуркунанда ду ҷумла аз андарзҳои классикон пешниҳод шудаанд: 1.Ҳукамо гуфтаанд, ки эътимод бар дӯсти ноозмуда набояд кард (Самандархоҷаи Тирмизӣ). 2.Шунидам, ки бар мурғу мӯру дадан, Шавад танг рӯзӣ ба феъли бадан.(Саъдӣ) [95:49].

Хулоса, зарур аст, ки дар радифи он ҳама маълумотҳои назариявӣ, ки бо овардани мисолҳо аз осори классикон оид ба хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда дода мешавад, ба ҷанбаи тарбиявию ахлоқии намунаҳои овардашуда низ бояд таваҷҷӯҳ зоҳир шавад, то ки дар ин раванд, дарс ҳамчун шакли муташаккил, барои ба ҷараёни ягона табдил додани кори таълим ва тарбия равона карда шавад

Ба таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар нашри соли 2018 – и китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи IX 7 машқ дода шудааст, ки, аз ҷумла, дар машқи 77 [95:47] намунаҳо аз осори классикон – Низомӣ, Ҷомӣ ва Бедил оварда шудаасту мавзуъҳои панду ахлоқиро фаро гирифтаанд. Талаботи он машқ чунин аст: «**Байтҳои зеринро бо диққат ва ифоданок хонда, ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаро ҷудо кунед ва гӯед, ки онҳо кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додаанд**» [95:47]. Яъне талаби ин машқ хонандагонро водор мекунад, ки супориши онро шифоҳӣ ба ҷо оранд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор низ аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки байтҳоро, аввал, ифоданок ва бо диққат қироат намоянд. Сипас, зимни такя ба он маълумоте, ки дар оғози дарс бароящон дар бораи ҷумлаи пайрави муайянкунанда дода шуда буд, аз тариқи саволгузорӣ сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, инчунин, воситаҳои алоқаро

ҳам дар он мисолҳо (байтҳо) муайян кунанд. Масалан, дар байти зерини Низомии Ганҷавӣ:

Қавле, ки дар ӯ вафо набинам,

Аз чун ту касе раво набинам.

Сарҷумлаи байт: «Қавле аз чун ту касе раво набинам» буда, ҷумлаи пайрави он «дар ӯ вафо набинам» мебошад. Он – ҷумлаи пайрав - бо сарҷумла тавассути пайвандаки ***ки*** алоқаманд шудааст. Ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мазкур мубтадои сарҷумларо, ки бо исм ифода ёфтааст, эзоҳ додааст. Дар чунин маврид ба ҷумлаи пайрав бо саволи **кадом қавл?** мебояд муроҷиат кард, ки ҷавоби ин савол чунин мешавад: **Қавле ки дар ӯ вафо набошад.**

Байтҳои дигар, ки аз Ҷомӣ ва Бедил оварда шудаанд, асосан, ба навъи ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба иртибот дошта, таҳлилашон, ё худ шарҳашон барои хонандагон, ки ҳанӯз ин мавзуъ барояшон таълим дода нашудааст, мушкилӣ эҷод мекунад. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки ин нуктаро худаш ба уҳда гирад. Инак, он байтҳо:

Холе ба рухат бизан, ки бехол

Чашмест, ки мардумак надорад (Ҷомӣ).

Забонамро ҳаё чун мавҷи гавҳар лол кард, охир,

Зи занҷире, ки дар об аст, шеван барнамеояд

(Бедил).

Дар ин бобат шарҳи муаллим бояд ин тавр бошад: Ҳар кадоми ин ду байт аз се ҷумлаи сода ташаккул ёфта, дар ҷумлаи аввал ифодаи **мардумак надорад** бар эзоҳи мубтадои ҷумлаи дувум, ки исм (чашм) аст, омадаасту дар байти дуввум таркиби **дар об аст** ҳамчун ҷумлаи пайрав бар эзоҳи пуркунандаи ҷумлаи дувум, ки бо исму пешоянд (зи занҷире) ифода ёфтааст, омадааст.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки ҳангоми таълими мавзуи мавриди баҳс (ҷумлаи пайрави муайянкунанда) аз фанни адабиёт таълими рӯзгору осори Убайди Зоконӣ низ оғоз мегардад, ки аз осори ӯ низ овардани

намунаҳо басо ҷолиб мебуд. Бахусус, овардан ва таҳлили байти зерин аз осори ин адиб барои хонандагон басо мондагор хоҳад буд:

Хуш хотире, ки мансабу ҷоҳ орзу накард,

Хуррам диле, ки дар талаби мулку мол нест[206: 34].

Байт фавқ низ барои дар амал фаҳмонидан сохтори ҷумлаи пайрави муайянкунанда намунаи хуб буда, ҳар як мисраъ як ҷумлаи мураккаби тобеъ аст ва ҷумлаҳои пайраваш ба сарҷумлаҳои худ: «Хуш хотире» ва «Хуррам диле» тавассути пайвандаки **ки** алоқаманд гардидаанд. Аз сарҷумлаҳо («Хуш хотире», «Хуррам диле») ба ҷумлаҳои пайрав саволи «кадом хотир?» ё ки «кадом дил?» бармеояд. Муҳим аст таъкид гардад, ки бо тақозои вазни шеър аз хабари сарҷумлаҳо (хуш аст, хуррам аст) бандаки хабарии **аст** ҳазф гардидааст, аммо ин маънии байтро халалдор накардааст. Яъне муъҷазбаёнӣ яке аз талаботҳо дар назм маҳсуб меёбад.

Инак, нуктаи охирро таъкид намуда, омӯзгор байтро дар шакли мансур пешниҳод ва маънидод мекунад: Шоир дар ин байт таъкид кардааст, ки «Хотири касе хуш аст, ки мансабу ҷоҳ ва ё мансаберо талаб намекунад ва дили касе хуррам аст, ки дар талаби молу мулк набошад». Дар ҳақиқат, касеро, ки дар вуҷудаш мансабхоҳӣ ва молумулкхоҳӣ реша давонда бошад, хеҷ кас эҳтиром намекунад.

Дар асл, шарҳи лафзии ин қабил байтҳо зарурат надорад. Чунки мазмунашонро ҳар як шахси андаке қобилияти маънифаҳмӣ дошта, аз ҷумла, хонандагон дарк ва хулосабарорӣ карда метавонанд. Аниқаш, аҳаммияти тарбиявии чунин абётро ҳам.

Умуман, аз мушоҳидаи маводи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар иртибот ба таълими хелҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол дар қиёс бо маводи таълимии китоби дарсии адабиёти тоҷик дақиқ намудем, ки дар рӯзҳои таълими ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав дар раванди дарсҳои адабиёти тоҷик, бахусус, дар рӯзҳои таълими ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адибони муосир: Ибни Ямини Фарюмадӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Зиёваддини Нахшабӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам мувофиқ меомадааст.

Аз ин рӯ, барои шарҳу исботи масоили ҷумлаҳои пайрави ҳол осори ин адибон маводи басо мувофиқу арзанда маҳсуб хоҳад ёфт. Масалан, дар ин китобҳо ҳикояи Муҳаммад Авфӣ бо номи «Панди Аристотолис ба фарзанд» (дар саҳ. 124 – 125) оварда шудааст, ки аз он ба мо дарёфт намудани чанд ҷумлаи пайрави ҳоли шарту ҳоли мақсад даст дод. Чунончи:

1. Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
   Забун бошад ба дасти одамизод.

2. Агар падари туро илму адаб набудӣ, ӯ мар мулкро мисоли харе будӣ боркаш ва парастанда. 3. Пас, илм ҳосил кун, то шарафу иззат биёбӣ.

Чунон ки мушоҳида мекунем, ду мисоли аввалро барои шарҳи ҷумлаи пайрави шарт ва мисоли севумро бобати шарҳи ҷумлаи пайрави мақсад истифода бурдан бамаврид аст.

Ҳамчунин, ҷиҳати интихоби мисолҳо доир ба таълими ҷумлаҳои пайрави ҳол, аз ҷумла, барои дарёфти ҷумлаҳои пайрави шарт ва сабабу мақсад, мо ба маснавии «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ низ рӯ овардем. Чунки аз ин асар интихоби мисолҳои ҳам ба мавзуъ ва ҳам ба нияту мақсади омӯзгор мувофиқ, ки ҳам барои истифода дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аз ҷумла, доир ба хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав мусоидат намоянду аз ягон ҷиҳат ҷанбаи тарбиявӣ ҳам дошта бошанд, бештар имконпазир аст. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки дар «Ҳафт авранг» андарзҳои ҳикматомез, хусусан, дар достони «Хираднномаи Искандарӣ» дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи дорои ҷумлаҳои пайрави шарт буда бештар чашмрасанд. Чунончи:

1. Агар ёбӣ огоҳӣ аз айби кас,
   Ба ҳар кас аз он барнаёвар нафас [197:291].
2. Чу кирдори носеҳ бувад нописанд,
   Насиҳат кай афтад зи вай судманд [197:262].
3. Чу нодон зи доно кунад саркашӣ,
   Набинад зи даврони гетӣ х(в)ашӣ [197:250].

**4.** Чу шоҳ аз раият бувад комхоҳ,

Гадо бошад, андар ҳақиқат, на шоҳ [197:259].

Дар ин чаҳор байт муаллим аз тариқи саволгузорӣ, то ки мисраъҳои аввали ҳар як байтро ба ҳайси ҷумлаҳои пайрави шарт муаррифӣ намояд, бояд раванди баёни худро ин тавр пайгирӣ намояд: -Ҳамаи ин чаҳор байт мазмунан дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҷумлаҳои пайравашон шарт офарида шудаанд. Дар ин байтҳо, чунон ки шумо аз рӯи ҷойи омадани пайвандакҳо (агар, чу) дарк менамоед, мисраъҳои якум, ки ҳамин пайвандакҳо дар аввали онҳо истифода шудаанд, ба ҷумлаҳои пайрави шарт мансуб буда, он ҳар чаҳор мисраъҳои баъдина, ё худ дувум сарҷумла маҳсуб меёбанд.

Яъне, муаллим бояд тариқи саволгузорӣ аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав исбот кунад, ки ҷумлаҳои мазкур ҷумлаҳои пайрави шартанд. Яке аз нишонаҳои он ба ин нукта мавҷудияти пайвандакҳои **агар, гар, чу** (**чу** ба маънои **агар**) мебошад, ки ин нукта дар назм бештар мушоҳида мегардад.

Албатта, чун дар наср дар назм дарҳол муайян кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ба осонӣ даст намедиҳад. Аз ин лиҳоз, барои пеш наомадани чунин душворӣ омӯзгоронро лозим аст, ки тибқи пешниҳодоти дар саҳифаҳои пеш омада ин байтҳоро ба наср баргардонанд. Масалан, он байтҳоро метавон дар қолабҳои зерин ба наср баргардонд:

**Байти якум:** Агар аз айби касе огоҳӣ дошта бошӣ, (ту) онро (он айбро) ба ҳар кас магӯй.

**Байти дуюм:** Агар шахси носеҳ (насиҳатгӯй) худаш кирдори нописанд дошта бошад, насиҳатҳои ӯ ба касе судманд (фоидаовар) намешавад.

**Байти сеюм:** Агар одами нодон ба гапҳои шахси доно гӯш наандозад, ӯ дар ҳаёт рӯзи некро намебинад.

**Байти чорум:** Агар шоҳ аз раият (халқ) ба фоидаи худ чизеро талаб намояд, дар ҳақиқат, ӯ на шоҳ, балки гадо аст.

Инак, чун байтҳои мазкур бо иштироки хонандагон ба наср баргардонида мешаванд ва шакли матлуби онҳо пайдо мешавад, муаллим метавонад мухтасар чунин афзояд: Чунон ки мушоҳида намудед, ин чаҳор байт ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мансубанду ҷумлаҳои пайрав дар таркиби ҳар яки онҳо аз рӯи маъно ба ҷумлаҳои пайрави ҳоли шарт иртибот доранд. Зеро ҳамаи ин ҷумлаҳои пайрав ба саволи **ба кадом шарт?** ҷавоб мешаванд.

Ҳамин тавр, аснои таълими хелҳои ҷумлаҳои пайрав истифода намудани осори пандомези классикон ба сатҳи тарбия, забондонӣ ва фарҳанги нутқ, эҳтиром ба забон, таърих ва фарҳанг, ифтихори миллӣ доштан аз адабиёти оламгир, ниҳоят, дар ҷодаи ба худшиносиву худогоҳӣ расидани хонандагон нақши мондагор мегузоранд. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорон маслиҳат дода мешавад, ки дар фаъолияти омӯзгориашон он ҳама таблиғоти дар боло омадаро ҳамрадифи доимии касби худ қабул намоянд.

Таълими мавзуи «Ҷумлаи мураккаби омехта» низ аз ҷумлаи масоили душвортарини синтаксис дар синфи IX ба шумор меравад. «Сохт ва банду басти ин ҳиссаи грамматикӣ доманадор буда, дар таркиби он миқдори ҷумлаҳои сода ва воситаҳои алоқа ҳам зиёда ба назар мерасанд. Аз ин ҷост, ки муаллимон ҳангоми таълими ин мавзуъ ҳам рӯ ба мушкилӣ мешаванду теъдоди зиёди талабагон низ хусусиятҳои асосӣ ва сохту навъҳои гуногуни чунин гурӯҳи ҷумлаҳоро ба таври бояду шояд аз худ карда наметавонанд» [160:17].

Аммо, тибқи талаби барномаи фанни забони тоҷикӣ, перомуни таълими ҷумлаи мураккаби омехта дар доираи фасли 5 – ум, ки «Ҷумлаи мураккаби тобеъ» унвон дорад, доир ба ин мавзуъ танҳо маълумоти умумию мухтасар додан пешниҳод карда шудааст у бас. Аз ин рӯ, омӯзгорон имкон доранд, ки барои таълими мавзуи мазкур ҳамагӣ як соат ҷудо намоянд. Аз ин хотир, то ки дар доираи ҳамин як соат ба хонандагон дар бораи ин навъи ҷумлаҳои мураккаб маълумоти андаке қонеъкунанда баррасӣ карда шавад, лозим аст, ки дар таълими мавзуи

номбаршуда аз усулҳои ҷадиди таълим самаранок истифода бурда шавад. Муҳим аст, ки хонандагон, пеш аз ҳама, сабаби чунин (ҷумлаи мураккаби омехта) унвон гирифтани ин навъи ҷумлаи мураккабро дарк намоянду аз намудҳои дигари ҷумлаҳо фарқ карда тавонанд ва дар нутқи хаттиву даҳонии хеш моҳирона истифода баранд. Бо ин мақсад, лозим аст, ки ин мавзуъ низ бо усули муаммогузорӣ таълим дода шавад. Дар ин бобат, ба хонандагон, пеш аз ҳама, маънои луғавии вожаи «омехта», ки (якҷоя кардан, ҳамгиро кардан аст) шарҳ дода шуда, сипас, диққати онҳо ба тарзи алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби чунин ҷумлаи мураккаб, яъне ҷумлаи мураккаби омехта, ҷалб карда мешавад. Баъдан, омӯзгор бо мақсади санҷидани дониши пешакии хонандагон аз онҳо талаб кунад, ки тарзи ба ҳам алоқаманд шудани ҷумлаҳоро, ҳам дар таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҳам дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба хотир оранд. Албатта, доир ба ин талаб хонандагон чунин таъкид мекунанд: Алоқаи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст бо роҳи пайвасткунӣ ба вуҷуд омада, онҳоро пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҳам пайваст (алоқаманд) менамоянд. Вале алоқаи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо роҳи тобеъкунӣ сурат мегиранд, ки дар ин ҳолат як ҷумлаи сода  ба ҷумлаи содаи дигар ба воситаи ин ё он пайвандаки тобеъкунанда, масалан, бо пайвандакҳои **ки, чунки, зеро, вақте ки, агар** ва ғ. ба вуҷуд меояд.

Сипас, омӯзгор идомаи суҳбатро ба ихтиёри худ гирифта, бояд ин тавр афзояд:

– Шумо, дар воқеъ, дуруст гуфтед, ки дар ҷумлаи мураккаби пайваст алоқаи ҷумлаҳои сода  бо роҳи пайвасткуниву дар ҷумлаи мураккаби тобеъ алоқаи ҷумлаҳои содаи таркибашон бо роҳи тобеъкунӣ сурат мегирад. Аз ин ваҷҳ, аввалан, бояд донед, ки  ҷумлаи мураккаби омехта ҷумлае мебошад, ки ҷумлаҳои содаи таркибаш на камтар аз сето мебошанд. Дар ин ҳолат, дар таркиби чунин ҷумлаҳо, алоқаи ҷумлаҳои сода бо ду роҳ: ҳам бо роҳи пайвасткунӣ ва ҳам бо роҳи тобеъкунӣ сурат мегирад. Аниқтараш, фарз кардем, агар ҷумлаи содаи якум бо ҷумлаи

содаи дуюм бо пайвандаки пайвасткунанда сурат гирад, он гоҳ алоқаи ҷумлаи содаи дувум бо ҷумлаи содаи севум бо пайвандаки тобеъкунанда сурат мегирад. Яъне маҳз, ҳамин гуна ҷумлаи мураккабро‚ ки дар онҳо алоқаи ҷумлаҳои сода ҳам бо роҳи пайвасткунӣ ва ҳам бо усули тобеъкунӣ сурат гирифтааст, **ҷумлаи мураккаби омехта** меноманд.

Пас аз шарҳи охир, то ки мафҳум ва навъи ҷумлаи мураккаби омехта барои хонандагон боз ҳам дақиқтар фаҳмову дастрас гардад, зарур аст, ки мисолҳои боварибахш аз осори суханварони варзида пешниҳод карда шавад.

Дар ин бобат, то ки дар дарс сарфаи вақт риоя карда шавад, омӯзгор ҷумлаҳоро бояд пешакӣ ё дар таблитса омода созад ва ё тавассути доскаи электронӣ намоиш диҳад.

Байти зерин низ, ки аз ашъори устод Рӯдакӣ баргузида шудааст, ба ҷумлаи мураккаби омехта мансуб аст. Он аз се ҷумлаи сода иборат буда, байни ҷумлаи якуму дуввум алоқаи тобеъ ва байни ҷумлаҳои содаи дувуму севум мавҷуд будани алоқаи пайваст баръало эҳсос карда мешавад. Яъне ин байтро метавон ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби омехта мансуб донист.

Он киро донам, ки ӯям душман аст
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст,
Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман (Рӯдакӣ) [194:161].

Барои он ки сохтори ҷумла дар назари хонандагон аёнтару шакли марғуби он дастрас гардад, порчаи манзуми мазкурро ба шакли мансур пешниҳод кардан мақсаднок аст: Касеро(шахсеро) донам, ки ӯ душмани ману бадхоҳи ман аст, ҳам ҳар гаҳ бо ӯ дӯстӣ меҷӯям ва ҳам суханамро санҷида мегӯям. Пас, ба ҷумлаи мураккаби омехта мансуб будани он ҷойи шубҳа ҳам намемонад.

Омӯзгор метавонад боз чанд ҷумла ба ҳайси намуна оварад, ки худи хонандагон мустақилона таҳлил намуда, ҷумлаҳои мураккаби омехта

будани онҳоро (шояд андаке бо кумаки муаллим бошад) муайян намоянд. Чунончи:

1. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад (Кошифӣ), [209:129].

2. Қуввати раъй он аст, ки дахли фардо имрӯз бикорад ва кори имрӯза ба фардо нагузорад (Саъдӣ), [203:339].

3. Аз ҳосили дунё ба ҷуз ном намемонад ва бадбахт касест, ки аз ӯ ин ҳам намонад (Саъдӣ), [203:339].

4. Агар ҷаври шикам набудӣ, ҳеҷ мурғе дар доми сайёд наяфтодӣ, балки сайёд худ дом наниҳодӣ (Саъдӣ) [203:426].

5. Мардӣ на ин аст, ки ҳамла оварад, балки мардӣ он аст, ки дар вақти хашм худро ба ҷой бидорад ва пой аз ҳадди инсоф берун наниҳад (Саъдӣ) [203:142].

6. Озори дили заифон саҳл нагиред, ки мӯрон бо иттифоқ шеъри жаёнро оҷиз гардонанд ва пашшаи бисёр пили дамонро аз пой дарорад (Саъдӣ) [203:142].

Хуллас, дар раванди таълими мавзуъҳои таркибии барномаи забони тоҷикии синфи 8-9 марбут ба омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ истифода аз методҳои фаъоли таълим дар ҳамаи равандҳои дарс: баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунии мавзуъ, ниҳоят, дар доираи дарсҳои такрор, вале бештар зимни интихоби матну порчаҳо ва байтҳои ҷудогона зиёда аз осори мондагори классикон тавсия дода мешавад, ки дар раванди баррасии ин ҳама донишҳои наҳвии хонандагон ва хусусиятҳои ахлоқиву тарбиявии онҳо бештар ташаккул ёфта, зиёда аз ин, дар доираи рушди ё худ инкишофи нутқи мураттаби онҳо низ саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

## Хулосаи боби 2

Ҳамин тавр, дар ду фасли боби дувум корҳои таълимию методиро барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9-ум дар

раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб дар заминаи осори пандомези классикон пешниҳод намуда, ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Корбасти осори пандомези классикон фаъолияти фикрӣ ва суханварии хонандагонро ташаккул дода, шавқу рағбати онҳоро ба дарсҳои забони тоҷикӣ тақвият мебахшад.

2. Ғановати захираи луғавӣ ва инкишофи нутқи мураттаб таъмин мегардад.

3. Дар истифодаи қолабҳои наҳвӣ дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ хонандагон ба малакаву маҳорати баланд соҳиб мегарданд.

4. Шинохт, идрок ва тафсири байтҳо аз осори бузургон тақвият ёфта, ба фасоҳат, балоғат ва салосати нутқи хонандагон мусоидат мекунад.

5. Технология ва амсилаи (модел) пешниҳодгардида, ки ба истифодаи осори пандомези классикон асос меёбад, ба натиҷаҳои таълим таъсири мусбат расонида метавонад.

6. Таълими ҳамгирои фанни забон ва адабиёти тоҷик боиси ҳалли пурсамари омӯзиши масоили наҳви забони тоҷикӣ ва рушди неруи баланди эҷодӣ ва зеҳнии муҳассилин мегардад.

## БОБИ 3. КОРҲОИ ОЗМОИШИЮ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ ОСОРИ АДИБОНИ КЛАССИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ХОНАНДАГОН

### 1.1 Озмоиши таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар таълими инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9

Инкишофи нутқи хонандагон ҳадафи марказии омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дараҷаи инкишофи нутқ нишондиҳандаи сатҳи ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва фарҳангу маънавиёти хонанда аст. Нутқи равону муратгаб гувоҳи он аст, ки хонанда на танҳо қоидаҳоро азбар кардааст, балки тавонистааст онҳоро дар баёни андеша татбиқ намояд.

Таҳқиқоти методистону омӯзгорони соҳибтаҷриба нишон медиҳанд, ки бисёре аз хонандагон ҳангоми баёни фикр ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегарданд: онҳо дар интихоби вожаҳои муносиб, баёни пайдарҳами андеша ва асоснок намудани мавқеи худ душворӣ мекашанд. Ин ҳолат далолат бар он дорад, ки масъалаи инкишофи нутқ бояд дар маркази таваҷҷуҳи раванди таълим қарор гирад.

Инкишофи нутқи муратгаб раванди мураккаби ташаккули малакаҳои баёни мантиқӣ, интихоб ва корбурди дурусти воситаҳои забонӣ, риояи меъёрҳои адабӣ ва фарҳанги гуфтор мебошад. Аз ин лиҳоз, таълими забон бояд ба муҳите табдил ёбад, ки дар он хонанда имкони гуфтан, баҳс кардан, хулоса баровардан ва андешаи худро ҳимоя намудан дошта бошад.

Дар ин раванд истифодаи осори пандуахлоқии классикон нақши муассир мебозанд. Онҳо на танҳо таркиби луғавии хонандаро ғановат мебахшанд, балки ӯро ба баёни кӯтоҳ, равшан ва пурмазмун одат медиҳанд. Панду андарзҳо, ки таҷрибаи маънавии наслҳоро таҷассум менамоянд, намунаи равшани нутқи ҳикматомез ва муратгаб мебошанд.

Таҳлили онҳо хонандаро ба андешаронӣ, муқоиса ва хулосабарорӣ раҳнамун месозад.

Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки «диққати хонандаро дар ҳар як синф ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии гуногун бояд ҷалб кард» [7:12]. Аз ин рӯ, инкишофи нутқи мураттаб, тарбияи малакаи ибораю ҷумласозӣ ва содаю равон ифода кардани фикр аз вазифаҳои аввалиндараҷаи машғулиятҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. «Тамоми мавзӯъҳои барномаи таълимӣ бояд барои инкишофи нутқи хаттиву шифоҳии онҳо, умуман барои тарбияи мутахассисони шоистаи замон, ки дар шароити ҷаҳонишавии арзишҳои илму техника дар тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқ ҳисса гузошта тавонанд, равона гардад» [90, 241].

Ҳамин тариқ, инкишофи нутқ бояд меҳвари тамоми равандҳои таълимии забони тоҷикӣ қарор гирад. Танҳо дар сурате, ки хонанда тавонад фикри худро бо тартиби мантиқӣ, бо вожаҳои муносиб ва бо эҳтироми меъёрҳои забонӣ баён намояд, метавон гуфт, ки ҳадафи таълим амалӣ гардидааст.

Таҳқиқоти ба субут расонидашуда имкон медиҳад, ки мо фарзияи зеринро пешниҳод намоем:

1. Таълими мавзуъҳо агар дар асоси намунаҳо аз осори пандомези классикон ба роҳ монда шавад, омӯзиши забон самарабахш ва сатҳи забондониву инкишофи нутқи хонандагон ба маротиб меафзояд.

2.Таълими самарноки забони тоҷикӣ ба таври назаррас ба интихоби маводи забонӣ ҳам вобаста аст: яъне мазмун, арзиши маънавӣ ва сохтори матне, ки омӯзгор истифода мебарад, дар ташаккули нутқи мураттаб ва тафаккури хонанда нақши ҳалкунанда дорад.

3. Таҳлили ҳамаҷонибаи матн — аз ҷиҳати мавзӯъ, ғоя, сохтор ва воситаҳои баён — заминаи боэътимоди ташаккули фарҳанги нутқ ва тафаккури эҷодииро фароҳам месозад.

4. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим зимни кор бо матн ба ташаккули салоҳияти хонандагон мусоидат менамояд.

5. Ҳамгироии ҳадафҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар ҷараёни омӯзиши матн имкон медиҳад, ки дар баробари инкишофи нутқ  ва маҳорати суханварӣ тарбияи маънавиву ахлоқии хонандагон низ анҷом дода шавад.

Дар ин фасл натиҷаҳои таълими озмоишию таҷрибавӣ баррасӣ мегарданд, ки вазифаи он таҳлил ва тасдиқи фарзияи пешниҳодгардида мебошад. Барои муайян кардани дурустии он (фарзия) дар доираи истифода аз маводи аз осори классикон интихобшуда дар таълими синтаксис мо озмоиши педагогӣ гузаронидем, ки дар он 193 нафар хонандагони синфҳои болоӣ (аз синфҳои 8 – 98 нафар, аз синфи 9-95 нафар) – и гимназияи №2, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12, №24 ва ноҳияи Б.Ғафуров, инчунин, аз МТМУ– и № 6 шаҳри Хуҷанд иштирок доштанд.

Бо фарогирии хонандагони синфи 8 дар соли хониши 2020-2021 ва дар соли хониши 2021-2022 дар байни хонандагони синфи 9 дарсҳои озмоишӣ – санҷишӣ дар иртибот ба омӯзиши ибора ва ҷумлаҳои дар синфи 8 ва таълими ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 гузаронида шуд, ки дар раванди таъсиси ин ҳама 16 нафар омӯзгорон бевосита ба таъсис додани дарсҳои таҷрибавӣ саҳм гузоштанду дар байни 42 нафар муаллимони забон ва адабиёти тоҷик анкетаҳо таъсис дода шуд.

Ҳадафи дарсҳои таҷрибавӣ – санҷиши натиҷаи таҳқиқот, ҳам дар раванди озмоиши муқарраркунӣ ва ҳам дар рафти озмоиши таълимӣ (ё худ ташаккулдиҳанда), асосан, дар доираи маводи аз осори классикон баргузида муайян намудани сатҳи забондониву дараҷаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8 – 9 маҳсуб меёфт.

Дар марҳалаи аввал, яъне дар раванди таъсиси озмоиши муқарраркунӣ, бахусус, дар асоси пурсишнома (анкетаҳои муқарраркунӣ) вазифа гузошта шуда буд, ки, пеш аз ҳама, саҳми

омӯзгорон оид ба истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ муайян карда шавад. Аз ин рӯ, дар раванди озмоиш барояшон чунин саволҳо пешниҳод гардида буд:

1. Муносибати шумо оид ба истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ чӣ гуна аст?

2. Аснои ҳалли матну мисолҳое, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ аз осори классикон оварда шудаанд, чӣ мушкилӣ пеш меояд?

3. Ба андешаи шумо, пеш аз ҳама, дар машқҳои китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» пешниҳоди чӣ гуна матну мисолҳо бобати инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мусоидат мекунад: аз адибони муосир ё аз осори классикон?

4. Барои расидан ба мақсадҳои тарбиявии дарси худ шумо маводи таълимиро бештар аз осори кадом адибон истифода мебаред: аз осори адибони муосир ё классик?

5.Луғатомӯзиро дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба роҳ мондан дар раванди осори кадом адибон бештар инконпазир аст: адибони муосир ва ё классик?

6.Ақидаи шумо дар бораи ташаккули нутқи муҳассилин зимни истифода аз осори классикӣ, бахусус, дар ҷараёни таълими синтаксис чӣ гуна аст?

7. Сатҳи маҳорату малакаи омӯзгоронро аснои баррасии мавзуъҳои марбут ба синтаксиси забони тоҷикӣ зимни истифода аз осори классикон чӣ гуна баҳо медиҳед?

8. Ба андешаи шумо, то чӣ андоза омӯзгорон дар дарсҳои забони тоҷикӣ аснои шарҳи масъалаҳои наҳвӣ бо истифода аз осори классикон ба ҷанбаҳои маърифатӣ-тарбиявӣ доштани намунаҳо эътибор медиҳанд?

9.Оё ҳисси худшиносии хонандагонро ҳангоми таҳлили наҳвии осори манзум, ки дар китобҳои дарсии синфҳои 8 ва 9 ироа шудаанд, баланд бардоштан мумкин аст?

10. Бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардан ба мазмуни осори классиконро зимни омӯзиши ҷумлаҳои сода ва мураккаб шумо ҳам дуруст мешуморед?

Инак, натиҷаи ба саволҳои пешниҳодшуда чӣ гуна ҷавоб (мусбат ё манфӣ) додаи 42 нафар омӯзгоронро дар ҷадвали зерин меорем:

**Ҷадвали 17.**

| № | Рақами саволҳо | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Ба саволи 1. | 42 нафар | - |
| 2 | Ба саволи 2. | 9 нафар | 33 нафар |
| 3 | Ба саволи 3. | 28 нафар. | 14 нафар |
| 4 | Ба саволи 4. | 42 нафар | - |
| 5 | Ба саволи 5. | 42-нафар | - |
| 6 | Ба саволи 6. | 42 нафар | - |
| 7 | Ба саволи 7. | 30 нафар | 12 нафар |
| 8 | Ба саволи 8. | 12 нафар | 30 нафар |
| 9 | Ба саволи 9. | 9 нафар | 33 нафар |
| 10 | Ба саволи 10. | 42 нафар | - |

Ҳамин тавр, аз натиҷаи анкета ё худ бозпурсӣ доир ба ҳамин 10 саволи пешниҳодшуда метавон нуктаҳои зеринро баррасӣ намуд:

1. Ҷавобҳои додаи омӯзгорон, асосан ба саволҳои 1, 4, 5 ва 6 (нигаред ба номгӯи саволҳои дар ҷадвал пешниҳодшуда) ҳамагӣ мусбат буда, дар маҷмуъ, 100% - ро ташкил медиҳанд. Аммо ҳама ба саволи 8 – ум ҷавоби манфӣ додаанд, ки ин, дар маҷмуъ, низ 100% - ро ташкил медиҳад.
2. Ба саволҳои 3 ва 7 аз 28 то 30 нафари онҳо ҷавоби мусбат доданд, ки ин теъдод 35 – 38 фоизро ташкил медиҳад.
3. Аммо дар ҷавоб ба саволҳои 8 ва 9 ҳамагӣ 9-12 нафар ризоияти худро изҳор кардаанд, ки аз теъдоди 42 нафар ин ба андозаи 20-30 фоиз баробар асту бас. Ва ё теъдоди омӯзгороне, ки ба ин савол муносибати манфии худро иброз доштаанд аз 30 то 33 нафарро

ташкил медиҳанд, ки ин баробар ба 70-80 фоиз аст, ки ин нукта минбаъд нигаронӣ карданро тақозо мекунад.

Бояд бо қаноатмандӣ таъкид намуд, ки бобати истифода аз осори классикон ва натиҷаҳои дилхоҳи он дар ҷодаи азхудкунии маводи наҳвии забони тоҷикӣ, рушди тафаккур ва, зиёда аз ин, дар бобати ташаккул ёфтани нутқи шифоҳиву таҳририи онҳо ҷавобҳо, ё худ ақидаи зиёда аз 90 фоизи омӯзгорон аз шумораи 42 нафар мусбат арзёбӣ шудааст.

Мебояд таъкид намуд, ки барои дар раванди озмоиши муқарраркунӣ ва даст овардани ҳадафҳо пешакӣ ба анҷом расонидани амалҳои зерин зарурат доштанд:

- интихоби намунаҳо аз осори пандомези классикон вобаста ба мавзуъҳои синтаксиси синфҳои 8 ва 9;
- омода кардани мавод барои гузаронидани озмоиши муқарраркунӣ ва ҳам озмоиши таълимӣ;

Ниҳоят, пас аз таъсис додани ин ҳар ду намуди озмоиш ботаанӣ таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намудан дар мадди аввал меистод.

Ҳамчунин, мебояд таъкид сохт, ки дар раванди омодагӣ ба таъсиси озмунҳои мазкур ҳадафҳои зерин низ аз мадди назар дур намонда буд:

- мундариҷаи супоришҳо бояд қатъиян ба мақсадҳои мушаххаси дидактикии таълиму тарбия мутобиқат мекарданд;

- муҳтавои супоришҳо на фақат бояд самаранокии фаъолияти таълимию маърифатиро таъмин менамуданд, ҳамчунин, ба инкишофи нутқи хонандагон ҳам бояд такконе медоданд.

Инак, мо, аввалан, дар зер дар ҷадвалҳои 18 ва 19 теъдоди хонандагони синфҳои 8 – 9 – ро, ки дар раванди ду намуди озмоиш (муқарраркунӣ ва таълимӣ) солҳои 2020 – 2021 дар синфҳои 8 ва дар синфҳои 9 дар чаҳор муассисаи таълимӣ таъсис дода шуда буд, намоиш медиҳем.

Ҷадвали №18.

| Дар соли таҳсили 2020 – 2021 | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯи муассисаҳои таълимӣ** | МТМУ-и №12-и н. Б.Ғафуров | | Гимназияи №2-и н. Б.Ғафуров | | МТМУ №24 – и н. Б. Ғафуров | | МТМУ №6-и ш. Хуҷанд | |
| **Синфҳо** | 8а | 8б | 8а | 8б | 8а | 8б | 8а | 8б |
| **Синфҳои озмоишӣ** | 21 | | 25 | | 22 | | 30 | |
| **Синфҳои назоратӣ** | | 23 | | 27 | | 25 | | 32 |
| **Ҳамагӣ** | 21 | 23 | 25 | 27 | 22 | 25 | 30 | 32 |



Чадвали 19.

| Дар соли таҳсили 2021 – 2022 | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Номгӯи муассисаҳои таълимӣ** | МТМУ №12 - и н. Б.Ғафуров | | Гимназияи №2 – и н. Б.Ғафуров | | МТМУ №24 – и н. Б.Ғафуров | | МТМУ №6 – и ш. Хуҷанд | |
| **Синфҳо** | 9а | 9б | 9а | 9б | 9а | 9б | 9а | 9б |
| **Синфҳои таҷрибавӣ** | 24 | | 24 | | 23 | | 24 | |
| **Синфҳои назоратӣ** | | 23 | | 26 | | 25 | | 26 |
| **Ҳамагӣ** | 24 | 23 | 24 | 26 | 23 | 23 | 24 | 26 |



Чунон ки аз муоинаи таблитсаҳо бармеояд, дар раванди он ду озмоиш, дар маҷмуъ, 398 нафар хонандагон, аз ҷумла, аз хонандагони синфҳои VIII 205 нафар ва аз синфҳои IX 193 нафар хонандагон ширкат варзида буданд, ки ба ин кор 16 нафар омӯзгорон низ ба мо кӯмак расониданд.

Албатта, дар раванди озмоишҳои мазкур ду нукта: якум, муқаррар намудани сатҳи донишҳои хонандагони ҳар ду гурӯҳи синфҳо (синфҳои 8 ва 9) дар иртибот ба таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб ва дуюм, муайян намудани натиҷаи таҳқиқот дар самти ташаккули фарҳанги нутқ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бо истифода аз андарзҳои классикон.

Аз ин лиҳоз, санҷиши донишҳои наҳвии хонандагон дар ҳар ду синф, асосан, дар доираи маводи осори классикон, ки бештар дорои ҷанбаҳои гуногуни тарбиявӣ бошанд, ба роҳ монда шуд. Дар ин раванд нуктаҳои зерин низ ба эътибор гирифта шуд:

- вазъи луғатомӯзӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва сатҳи захираи луғавии хонандагон;
- муайян намудани муносибат ва майлу хоҳиши хонандагон дар иртибот ба омӯзиши осори ниёгон;

Озмоиши муқарраркунӣ мувофиқи пешниҳоди мо, аснои баёни мавзуи нав, дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзуи нави дарс ва дар лаҳзаҳои санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон аз тариқи гирифтани диктанти санҷишӣ гузаронида шуд.

Ҳамин тавр, дар доираи пешниҳодоти дар боло баррасишуда, чи дар синфҳои 8 (дар соли таҳсили 2020 – 2021) ва чи дар синфҳои 9 (дар соли таҳсили 2021 – 2022), дар як вақт ҳар ду намуди озмоиш – муқарраркунӣ (ё худ назоратӣ) ва таълимӣ (ё худ ташаккулдиҳанда) – ро чунон ки дар боло ҳам таъкид намуда будем, дар чаҳор муассисаи номбаршуда (ниг.: ба саҳ. 173 – 174) роҳандозӣ намудем. Ва бояд таъкид намуд, ки дар раванди ин ҳар ду озмоиш қобилият ва донишу малакаҳои хонандагони

синфҳои мазкур бештар дар доираи қобилиятҳои хонандагони он ҳар ду гуруҳи синфҳои озмоишӣ масъалаҳои зерин мавриди ташхис қарор гирифта буд:

1. Шарҳи луғат;
2. Аз назм ба наср гардонидани байтҳо;
3. Тафсири байтҳо;
4. Муайян кардани аъзоҳои ҷумла ва тарзи ифодаи онҳо;
5. Аз рӯйи қолаби наҳвии додашуда сохтани ҷумлаҳо (сода ва мураккаб).
6. Таҳлили синтаксисӣ намудани ҷумлаҳои сода (дар синфҳои 8) ва ҷумлаҳои мураккаб (дар синфҳои 9).

Инак, дар зер дар ҷадвали 20 натиҷаи фаъолияти дар раванди озмунҳо нишондодаи хонандагони синфҳои 8 – ро, ки аз ҳамон чаҳор муассисаи таълимӣ дар раванди ҳар ду санҷиш, аз ҷумла, хонандагони синфҳои 8А дар **гурӯҳҳои озмоишӣ** ва хонандагони синфҳои 8 Б дар гурӯҳҳои назоратӣ ширкат варзидаанд, пешниҳод мекунем, ки аз мазмуну мундариҷаи ҳар як муоинакунанда ва ё алоқамандони соҳа ба осонӣ сарфаҳм меравaнд, ки мо дар ин бобат кадом натиҷаҳоро ба даст овардаем:

**Ҷадвали 20.**

| т/р | Номгӯи саволномаҳо | МТМУ №12 Синфҳо | | Гимназияи №2 Синфҳо | | МТМУ №24 Синфҳо | | МТМУ №6 синфҳо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 8А-21 н (озм) | 8 Б – 23 н (наз-ӣ) | 8а-25 н (озм) | 8 б – 27 н. (наз) | 8 А – 22 н. (озм) | 8 б – 25 н. (наз) | 8 а – 30 н. (озм) | 8 б – 32 н. (наз). |
| 1. | Шарҳи луғат | 85,7 | 39,1 | 96 | 48,1 | 81,8 | 72 | 86,6 | 65,6 |
| 2. | Аз назм ба наср баргардони - дани шеър | 76,1 | 43,4 | 80 | 55,5 | 56 | 48 | 93,3 | 56,2 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Идомаи ҷадвали 20.** | | | | | | | | | |
| 3. | Тафсири байт (дар доираи 2 – 3 ҷумла) | 80,9 | 39,1 | 76 | 62,9 | 86,3 | 48 | 80 | 43,7 |
| 4. | Муайян кардани аъзоҳои ҷумла ва тарзи ифодаи онҳо | 85,7 | 78,2 | 96 | 81 | 90,9 | 60 | 90 | 46,8 |
| 5. | Аз рӯйи қолабҳои наҳвии додашуда тартиб додани ҷумлаҳо ( ва мураккаб) | 85,7 | 52,1 | 88 | 51,8 | 72,7 | 44 | 73,3 | 59,3 |
| 6. | Таҳлили синтаксисӣ намудани ҷумлаҳои сода | 76,1 | 60,8 | 84 | 70,3 | 90,9 | 68 | 83,3 | 53,1 |
| 7. | Навиштани эссе дар мавзуи “Модари май” | 90,1 | 88,3 | 93 | 87,2 | 94 | 88,2 | 92,5 | 85,4 |




Дар воқеъ, аз муоинаи ҷадвали мазкур бармеояд, ки фоизи ҷавобҳои мусбати **гурӯҳҳои озмоишии** синфҳои 8 дар қиёс бо сатҳи дониши **гурӯҳҳои назорати** ҳамин синф хеле назаррасанд, ки инро аз фоизҳои дар ҷадвал баррасишуда метавон мушоҳида намуд.

Аммо дар бобати таълифи эссе мебояд таъкид намуд, ки иштирокчиёни ҳар ду гурӯҳ (озмоишӣ ва назоратӣ) қобилияту маҳорати якхела доштани худро намоиш дода тавонистаанд. Дар ин хусус, чунон ки мебинем, натиҷаи иҷрои кор дар **гурӯҳҳои озмоишӣ** дар қиёс бо **гурӯҳҳои назоратӣ** ҳамагӣ аз 2 – 3 то 3 – 4 фоиз баланд асту бас. Бояд гуфт, ки дар раванди таълифи эссе дар мавзӯи «Модари май» ҳар як иштирокчии озмун кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавзуи мазкурро бо интихоби калимаву ибораҳои хушоянд ва ҳатто бо овардани порчаҳо аз қасидаи мазкур баррасӣ намояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар раванди таъсиси таҷрибаи педагогӣ (ё худ озмун), тайи соли таҳсили 2021 – 2022, ки дар синфҳои 9А ва 9Б дар

ҳамон чаҳор муассисаи таълимӣ таъсис дода шуда буд, чи барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва чи гуруҳҳои назоратӣ, 6 номгӯи саволномаҳо пешниҳод гардида буд. Чунончи:

1. Муайян кардани сохтори ҷумла;
2. Аз назм ба наср баргардонидани байтҳо;
3. Шарҳи луғат ва тафсири байт (дар доираи 3 – 4 ҷумла);
4. Аз рӯйи қолаби наҳвии додашуда сохтани ҷумла;
5. Таҳлили синтаксисӣ намудани сохтори ҷумлаҳои мураккаб;
6. Навиштани эссе дар мавзуи «Камоли одамӣ дар илм бошад».

Таъкид бояд намуд, ки дар раванди ин ҳар ду озмун, ки дар синфҳои 9А ва 9Б – и он чаҳор муассисаи номбаршуда таъсис гардида буд, дар маҷмуъ, 193 хонандагон, аз ҷумла, 93 нафар дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва 100 нафар дар гурӯҳҳои назоратӣ ширкат варзида буданд, ки натиҷаи фаъолият, ё худ ҷамъбасту хулосаи кори онҳо дар ҷадвали 21 ба маърази диққати алоқамандони соҳа пешниҳод карда мешавад:

**Ҷадвали 21.**

| т/р | Номгӯи саволномаҳо | МТМУ №12 | | Гимназияи №2 | | МТМУ №24 | | МТМУ №6 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Синфҳо | | Синфҳо | | Синфҳо | | Синфҳо | |
| | | 9А-24н (озм). | 9Б-22н. (назор) | 9А-24н (озм) | 9б-26н (назор). | 9а-21н (озм) | 9б-25н. (наз.) | 9а-24н (озм) | 9б-26н. (наз) |
| 1 | Муайян кардани сохтори ҷумлаҳо | 79,1 | 43,4 | 100 | 57,6 | 78,2 | 48 | 62,5 | 38,4 |
| 2. | Аз назм ба наср баргардонидани ҷумлаҳо | 66,6 | 47,8 | 79,1 | 46,1 | 73,9 | 44 | 91,6 | 69,2 |
| 3. | Шарҳи луғат ва тафсири байтҳо (дар доираи 3 – 4 ҷумла) | 75 | 52,1 | 79,1 | 61,5 | 82 | 48 | 87,5 | 53,8 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Идомаи чадвали 21.** | | | | | | | | | |
| 4. | Аз рӯйи қолаби наҳвии пешниҳодшуда сохтани ҷумлаҳо | 75 | 56,5 | 66,6 | 38,4 | 73,9 | 40 | 75 | 50 |
| 5. | Таҳлили синтаксисӣ намудани сохтори ҷумлаҳои мураккаб | 70,8 | 60,8 | 75 | 53,8 | 82 | 54 | 87,5 | 48,1 |
| 6. | Камоли одамӣ дар илм бошад | 95,3 | 93,5 | 94,8 | 90,5 | 92,6 | 85,8 | 90,6 | 86,6 |



Инак, тибқи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали мазкур (21) омада дарк намудан мумкин аст, ки ҳазми маводи озмоишӣ дар **гурӯҳҳои озмоишӣ** нисбат ба **гурӯҳҳои назоратӣ** хеле назаррас аст. Аниқтараш, чунин фарқият доир ба саволномаи якум аз 24 то 42 %, доир ба саволномаи дувум аз 18 то 33%, доир ба саволномаи севум аз 17 то 34%, оид ба саволномаи чаҳорум аз 18 то 39% ва доир ба саволҳои панҷум аз 10 то 39% муқаррар карда шудааст.

Аз натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки пешрафт ё худ бартарӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ дар қиёс бо гурӯҳҳои назоратӣ назаррас аст. Чунки омӯзгорон дар гурӯҳҳои озмоишӣ тибқи маслиҳат ва маводи барои чунин гурӯҳҳо омоданамудаи мо фаъолият намуда буданд.

Мақсад аз пешниҳоди мавзуи мазкур ба ҳайси яке аз саволномаҳои озмоишӣ санҷидани рушди инкишофи нутқи мураттаби хонандагон зимни таълими синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб маҳсуб меёфт.

Дар эссеи иштироккунандагони озмун на танҳо ифодаҳои қолиб, балки иқтибос аз эҷодиёти ба мавзӯи илму донишандӯзӣ бахшидаи суханварони классик ва муосири тоҷик ба таври фаровон ба кор рафтааст. Боиси қаноатмандист, фоиз ё худ натиҷаи иҷрои қисми 6 – уми саволномаи озмоишӣ, ки таҳти унвони «Навиштани эссе дар мавзуи «Камоли одамӣ дар илм бошад» аз ҳар ду гурӯҳи таҷрибавӣ тақрибан баробар сурат гирифтааст: яъне фарқи фоизи иҷрои кор дар **гурӯҳҳои озмоишӣ** дар қиёс бо натиҷаи **гурӯҳҳои назоратӣ** ҳамагӣ аз 2 – 3 то 3 – 4 фоиз баландтар мебошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ҳар ду озмоиши педагогӣ (солҳои 2020 – 2021 дар синфҳои 8-ум ва солҳои 2021 – 2022 дар синфҳои 9 – уми чаҳор муассисаи таълимӣ) дар ҷаласаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуд.

Умуман, агар ба натиҷаи эссеҳои таълифнамудаи хонандагон дар давраи дуюми озмоиши педагогӣ дақиқан назар афканем, маълум мегардад, ки ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботии хонандагон,

сатҳи инкишофи нутқи мураттаби хатти онҳо боло рафта, пайдарпайии фикр, мавқеи истифодаи ибораҳо ва ҷумлаҳои содаву мураккаб, тақвияти фикр бо овардани мисолҳо аз классикон риоя гардидааст. Эссеҳои хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ назар ба гурӯҳҳои назоратӣ бамаротиб беҳтару хубтар навишта шуда, болоравии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ба хубӣ мушоҳида гардид.

## 3.2. Таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ

Марҳалаи ниҳоии таҳқиқоти мо ба таҳлили амиқ, муқоисаи нишондиҳандаҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши таълимӣ-методӣ бахшида шудааст. Вазифаи асосӣ дар ин фасл аз он иборат аст, ки тавассути нишондиҳандаҳои оморӣ ва сифатӣ дараҷаи самаранокии методикаи пешниҳодшуда — истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва ташаккули нутқи хаттиву даҳонии хонандагони синфҳои 8-9 муайян ва фарзияи таҳқиқот ба таври комил тасдиқ карда шавад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, озмоиши педагогӣ дар чаҳор муассисаи таълимии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Б. Ғафуров бо фарогирии 398 нафар хонанда гузаронида шуд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои шаффоф ва объективона, раванди озмоиш ду марҳаларо дар бар гирифт: озмоиши муқарраркунанда ва озмоиши таълимӣ (ё худ ташаккулдиҳанда). Дар ин ҷараён, гурӯҳҳои озмоишӣ дар асоси маводи таълимии аз осори пандомези классикон баргузида таълим гирифтанд, дар ҳоле ки гурӯҳҳои назоратӣ раванди анъанавии таълимро идома доданд.

Дар ин фасли рисола мо натиҷаҳои бадастомадаро аз рӯйи ҳафт меъёри асосии фаъолияти нутқӣ ва забонӣ, аз ҷумла шарҳи луғат, тафсири байт, аз назм ба наср гардонидани матн ва навиштани эссеи

эҷодӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медиҳем. Таҳлили мазкур имкон медиҳад, ки на танҳо болоравии сатҳи донишу малакаҳои наҳвии хонандагон, балки тағйироти сифатиро дар захираи луғавӣ, пайдарпайии фикррронӣ ва тарзи андешаронии шахсии онҳо дар иртибот бо осори ниёгон мушоҳида намоем.

Ҷамъбасти натиҷаҳо собит месозад, ки таълими мавзуъҳои синтаксис дар асоси намунаҳои осори классикон ба сатҳи забондониву инкишофи нутқи хонандагон таъсири мусбӣ расонида, барои ташаккули шахсияти худшинос ва соҳибсухан заминаи устувор фароҳам меорад.

Марҳалаи ниҳоии таҳқиқоти мо ба ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши таълимӣ ва муайян кардани дараҷаи самаранокии методикаи пешниҳодшуда бахшида шуда, вазифаи асосӣ аз он иборат буд, ки фарзияи пешниҳодгардида, яъне таъсири мусбати истифодаи осори классикон ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9, дар амал тасдиқ карда шавад.

Дар озмоиши мо дар маҷмӯъ 398 нафар хонанда ширкат варзиданд (205 нафар аз синфҳои VIII ва 193 нафар аз синфҳои IX). Барои шаффофияти кор, хонандагон ба ду гурӯҳ: озмоишӣ (ки бо методикаи нав таълим гирифтанд) ва назоратӣ (ки бо методикаи маъмулӣ таълим диданд) тақсим шуданд.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои синфҳои 8 ва 9 нишон дод, ки дар ҳамаи намудҳои супоришҳо (шарҳи луғат, тафсири байт, таҳлили синтаксисӣ ва ғайра) гурӯҳҳои озмоишӣ бартарии назаррас доранд. Дар асоси натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, ки дар солҳои таҳсили 2020-2022 гузаронида шуд, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ бартарии модели пешниҳодшударо собит месозад. Ин бартарият дар ҳамаи самтҳои таълими забони тоҷикӣ, бахусус, дар самти инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба мушоҳида мерасад.

Дар зер таҳлили муфассали ин нишондиҳандаҳо аз рӯйи намудҳои супоришҳо ва синфҳо оварда мешавад:

1. Таҳлили муқоисавӣ дар синфҳои 8 (Соли таҳсили 2020-2021)

Дар ин марҳала таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзиши ибора ва ҷумлаҳои сода дар иртибот бо осори классикӣ равона карда шуд. Натиҷаҳо тибқи ҷадвали 20 чунинанд:

А. Шарҳи луғат ва захираи сухан: Дар гурӯҳҳои озмоишӣ (масалан, Гимназияи №2) нишондиҳанда ба 96% расид, дар ҳоле ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ин рақам ҳамагӣ 48,1%-ро ташкил дод. Ин фарқияти қариб дубаробар нишон медиҳад, ки муносибати мақсаднок ба луғатомӯзӣ тавассути осори ниёгон захираи луғавии хонандаро ба таври сифатӣ дигаргун мекунад.

Б. Аз назм ба наср баргардонидани шеър: Ин супориш барои санҷиши маҳорати ҷумлабандӣ ва дарки мантиқии матн муҳим аст. Дар МТМУ №12 гурӯҳи озмоишӣ натиҷаи 76,1% ва гурӯҳи назоратӣ 43,4% нишон доданд. Хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ тавонистанд сохтори грамматикии байтро бе халалдор кардани мазмун ба насри равон табдил диҳанд.

В. Таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода: Маҳорати таҳлили наҳвӣ дар гурӯҳҳои озмоишии МТМУ №24 ба 90,9% баробар шуд, дар ҳоле ки дар гурӯҳ ҳои назоратӣ ин нишондиҳанда 68%-ро ташкил дод. Ин нишон медиҳад, ки истифодаи мисолҳои зинда аз адабиёти классикӣ ҷозибаи дарси синтаксисро зиёд ва дарки қолабҳои наҳвиро осон мекунад.

2. Таҳлили муқоисавӣ дар синфҳои 9 (Соли таҳсили 2021-2022)

Дар синфи 9 тамаркуз ба ҷумлаҳои мураккаб ва рушди тафаккури интиқодӣ равона гардид. Мувофиқи ҷадвали 21:

А. Муайян кардани сохтори ҷумлаҳои мураккаб: Дар Гимназияи №2 хонандагони гурӯҳи озмоишӣ натиҷаи рекордии 100% нишон доданд, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳанда 57,6% буд. Фарқияти

42,4% собит месозад, ки методикаи нав дар фаҳмонидани сохторҳои мураккаби наҳвӣ муваффақ аст.

Б. Тафсири байт (дар доираи 3-4 ҷумла): Ин нишондиҳандаи бевоситаи инкишофи нутқи мураттаб мебошад. Дар МТМУ №6 натиҷаи гурӯҳи озмоишӣ 87,5% ва гурӯҳи назоратӣ 53,8%-ро ташкил дод. Хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ на танҳо маънои луғавӣ, балки ҷанбаҳои ахлоқиву фалсафии байтҳоро бо ҷумлаҳои мураттаб баён карданд.

В. Сохтани ҷумла аз рӯйи қолаби наҳвӣ: Дар МТМУ №24 бартарияти гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба назоратӣ 33,9%-ро ташкил дод (73,9% муқобили 40%).

Г. Таҳлили фаъолияти эҷодӣ (Эссе)

Навиштани эссе ҳамчун марҳалаи ниҳоии ҷамъбасти озмоиш ва инъикоси сатҳи салоҳияти коммуникативии хонандагон баррасӣ шуд ва дар синфи 8 натиҷаи эссе чунин аст (Мавзуи «Модари ман»): Ҳарчанд дар ин мавзуъ фарқият миёни гурӯҳҳо ҳамагӣ 2-4%-ро ташкил дод, аммо сифати эссеҳои гурӯҳҳои озмоишӣ (90,1% - 94%) бо интихоби калимаҳои хушоянд ва овардани порчаҳои шеърӣ фарқ мекард. Синфи 9 (Мавзуи «Камоли одамӣ дар илм бошад»): Дар гурӯҳҳои озмоишӣ натиҷаи иҷрои кор то 95,3%-ро ташкил дод. Таҳлили эссеҳо нишон дод, ки хонандагони ин гурӯҳҳо дар истифодаи ибораҳо, ҷумлаҳои содаву мураккаб ва тақвияти фикр бо мисолҳо аз адибони классик маҳорати баланд нишон доданд.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки пешрафт дар гурӯҳҳои озмоишӣ назаррас ва устувор аст. Ин фарқият дар саволномаҳои наҳвӣ аз 10 то 42%-ро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо собит мекунанд, ки ташкили таълим дар асоси намунаҳои пандомези классикон на танҳо сатҳи забондониро боло мебарад, балки захираи луғавӣ ва нутқи мураттаби хонандаро бамаротиб беҳтар месозад. Чунончи:

- дар синфҳои 8: Сатҳи шарҳи луғат дар гурӯҳҳои озмоишӣ ба 81-96% расид, дар ҳоле ки дар гурӯҳҳои назоратӣ ин нишондиҳанда аз 39% то 72%-ро ташкил медод.
- дар синфҳои 9: Фарқияти натиҷаҳо дар бахши муайян кардани сохтори ҷумла аз 24% то 42%-ро ташкил дод, ки ин аз самаранокии маводи таълимии омодакардаи мо шаҳодат медиҳад.

Дар асоси маълумоти бадастомада хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

- таълими мавзуъҳои синтаксис дар асоси намунаҳои пандомези классикон ба сатҳи забондонӣ ва инкишофи нутқи хонандагонро таъсири мусбӣ расонидааст;
- таҳлили эссеҳои хонандагон нишон дод, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ пайдарпайии фикр, истифодаи дурусти ибораҳо ва ҷумлаҳои мураккаб, инчунин тақвияти фикр бо мисолҳо аз осори ниёгон босаводона ва босифат сурат гирифтааст;
- пурсиши анкетавӣ муайян намуд, ки 100% омӯзгорон зарурати истифодаи осори классикиро барои ташаккули нутқи муҳассилин эътироф мекунанд, вале қисми зиёди онҳо (70-80%) дар шарҳи ҷанбаҳои маърифатӣ-тарбиявии ин асарҳо ба мушкилӣ дучор мешаванд.

Бо мақсади такмили раванди таълим ва боло бурдани сатҳи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон, тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- муҳтавои супоришҳо бояд на танҳо ба мақсадҳои дидактикӣ мувофиқат кунанд, балки ба ташаккули нутқи хонандагон равона карда шавад;
- ҳангоми таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб ҳатман ба шарҳи луғат ва тафсири маънои байтҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро ин заминаи асосии инкишофи нутқ аст;

- барои муайян кардани сатҳи воқеии нутқи мураттаби хаттӣ, бояд дар давоми соли таҳсил пайваста навиштани эссе дар мавзуъҳои ахлоқиву маърифатӣ (масалан, «Камоли одамӣ дар илм бошад») роҳандозӣ карда шавад;
- яке аз усулҳои муассири санҷиши дарки матн ин баргардонидани байтҳои шеърӣ ба насри сода мебошад, ки маҳорати ҷумлабандии хонандаро сайқал медиҳад;
- омӯзгоронро зарур аст, ки ҳангоми таҳлили наҳвии осори манзум, ҳисси худшиносии хонандагонро тавассути шарҳи мазмуни баланди инсонпарваронаи осори классикон баланд бардоранд.

Дар асоси маълумоти озмоишии дар рисола омада, ҷадвали муқоисавии ҷамъбастиро таҳия намудам. Ин ҷадвал нишондиҳандаҳои миёнаи ҳамаи чаҳор муассисаи таълимиро (МТМУ №12, Гимназияи №2, МТМУ №24 ва МТМУ №6) дар бар гирифта, бартарии гурӯҳҳои озмоиширо нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Ин ҷадвал натиҷаҳои фаъолияти хонандагони синфҳои 8 ва 9-ро дар марҳалаи ниҳоии озмоиш инъикос мекунад:

Ҷадвали ҷамъбастии муқоисавии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ (Нишондиҳандаҳои миёна бо фоиз)

| № | **Намуди супоришҳои озмоишӣ** | **Синфи 8 (Озмоишӣ)** | **Синфи 8 (Назоратӣ)** | **Синфи 9 (Озмоишӣ)** | **Синфи 9 (Назоратӣ)** | **Фарқияти миёна (Озм. ва Наз.)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Шарҳи луғат ва тафсири байт** | 87.5% | 56.2% | 80.9% | 54.8% | **+28.7%** |
| 2 | **Аз назм ба наср баргардонидан** | 76.3% | 50.7% | 77.8% | 56.7% | **+23.3%** |
| 3 | **Таҳлили синтаксисии ҷумла** | 83.6% | 60.5% | 78.8% | 54.1% | **+23.9%** |

| Идомаи ҷадвал | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | **Сохтани ҷумла аз рӯйи қолаб** | 79.9% | 51.8% | 72.6% | 46.3% | +27.2% |
| 5 | **Навиштани эссе (эҷодӣ)** | 92.4% | 87.2% | | | |

Ҳамин тавр, таҳқиқоти озмоишӣ собит намуд, ки низоми пешниҳодшудаи кор дар доираи маводи осори классикӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо қолабҳои наҳвиро аз худ кунанд, балки дорои захираи бойи луғавӣ ва нутқи мураттаби мантиқӣ гарданд.

Таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, ки дар солҳои таҳсили 2020-2022 дар муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Б. Ғафуров гузаронида шуд, имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки дар ҳамаи намудҳои супоришҳои санҷишӣ гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ бартарии куллӣ доранд. Нишондиҳандаҳои сифатии азхудкунӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ аз 10% то 42% афзоиш ёфтанд, ки ин гувоҳи бебаҳси дурустии методикаи пешниҳодшуда ва низоми кор бо осори классикӣ дар дарсҳои синтаксис мебошад.
2. Истифодаи мақсадноки намунаҳои пандомези адибони классик дар таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб на танҳо боиси азхудкунии қолабҳои наҳвӣ гардид, балки захираи луғавии хонандагонро ба таври сифатӣ дигаргун сохт. Хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ дар шарҳи вожаҳои кӯҳнабунёд ва тафсири маънои байтҳо маҳорати баланд нишон дода, қобилияти аз назм ба наср баргардонидани матнро пайдо карданд.
3. Таҳлили эссеҳои эҷодии хонандагон собит намуд, ки пайванди таълими синтаксис бо мероси адабӣ ба рушди тафаккури мантиқӣ

ва нутқи мураттаби хаттӣ мусоидат мекунад. Хонандагон омӯхтанд, ки фикри худро бо истифода аз воситаҳои гуногуни наҳвӣ баён намуда, андешаҳои худро бо иқтибосҳо аз осори ниёгон тақвият бахшанд, ки ин сатҳи фарҳанги сухани онҳоро боло бурд.

4. Озмоиш нишон дод, ки маводи таълимии аз осори классикон баргузида, ба ғайр аз вазифаҳои таълимӣ, вазифаи муҳими тарбиявиро низ иҷро мекунад. Хонандагон зимни таҳлили матнҳои классикӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва инсонпарварона ошно шуда, ҳисси худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба забони модариро дар худ бедор намуданд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ҷамъбастии фасли 3.2. собит месозанд, ки модели пешниҳодшудаи истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ воситаи пуриқтидори ташаккули шахсияти босавод, соҳибсухан ва худшинос дар шароити муосири таҳсилот мебошад. Осори барҷастаи адабӣ ҳидояткунандаи шогирдон ба роҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ, рушди тафаккуру маънавияти онҳо маҳсуб меёбад. Вазифаи муаллими босалоҳият аз он иборат аст, ки муҳити омӯзишу парваришро мутобиқ ба замони муосир бояд ташкил намояд, масъул ва бунёдгузори равандҳои ҷадиди мутолиаву таҳқиқи мероси ниёкон бошад. Истифодаи хубу густарда аз расонаҳои иттилоотиву иҷтимоӣ бо фарогирии ҳадафҳои омӯзиш барои завқмандии муҳассилин ба маводи хониш, рушди нерӯи зеҳнӣ, роҳ ёфтан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаккули завқи эҷодиву шавқи ташаббускорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар раванди машғулиятҳои забони тоҷикӣ ба рушди малакаи гуфтор матнҳои дорои арзишҳои коммуникативӣ ва тарбиявӣ заруранд, зеро аснои таҳлили матни бадеӣ на танҳо маҳорату малакаи забондониву нутқи хонандагон инкишоф меёбад, балки ба ташаккули салоҳияти коммуникативии онҳо мусоидат мекунад.

## Хулосаи боби сеюм

Ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар таълими забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Озмоиши педагогӣ собит намуд, ки истифодаи намунаҳо аз осори пандомези классикон дар таълими мавзуъҳои синтаксис сатҳи забондониву фарҳанги нутқи хонандагонро баланд мебардорад .
2. Дар раванди озмоишҳои муқарраркунанда ва таълимӣ дар маҷмӯъ 398 нафар хонанда (205 нафар аз синфҳои VIII ва 193 нафар аз синфҳои IX) аз чаҳор муассисаи таълимии ноҳияи Б. Ғафуров ва шаҳри Хуҷанд иштирок намуданд. Инчунин, дар ин раванд 16 нафар омӯзгорон бевосита саҳм гузошта, фикру мулоҳизаҳои 42 нафар муаллимони забон ва адабиёти тоҷик тавассути анкетаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт.
3. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳо бартарии куллии гурӯҳҳои озмоиширо нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ нишон дод. Фарқияти нишондиҳандаҳо дар иҷрои супоришҳои наҳвӣ, шарҳи луғат ва тафсири байт вобаста ба муассисаҳо аз 10% то 42%-ро ташкил дод, ки ин аз самарнокии методикаи пешниҳодшуда шаҳодат медиҳад.
4. Таҳлили эссеҳои таълифнамудаи хонандагон («Модари ман», «Камоли одамӣ дар илм бошад») собит сохт, ки истифодаи осори классикон ба ташаккули салоҳиятҳои забонӣ, пайдарпайии фикр, истифодаи дурусти ибораҳо ва ҷумлаҳои содаву мураккаб мусоидат мекунад. Хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ тавонистанд андешаҳои худро бо иқтибосҳо аз осори ниёгон тақвият бахшанд.
5. Муайян гардид, ки таҳлили наҳвии осори манзум на танҳо дониши грамматикиро такмил медиҳад, балки дар тарбияи худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон мавқеи сазоворро намуда, онҳоро бо арзишҳои ахлоқиву маънавии ниёгон ошно месозад.

6. Пурсиши анкетавӣ нишон дод, ки ҳарчанд аксарияти омӯзгорон (зиёда аз 90%) аҳамияти осори классикиро эътироф мекунанд , вале қисми зиёди онҳо (70-80%) дар шарҳи ҷанбаҳои маърифатӣ-тарбиявии матнҳои классикӣ зимни омӯзиши масъалаҳои наҳвӣ ба мушкилӣ дучор мешаванд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки низоми пешниҳодшудаи истифодаи осори классикӣ дар таълими синтаксис заминаи воқеиро барои гузариш аз донишҳои назариявӣ ба маҳорату малакаҳои амалии нутқӣ фароҳам меорад.

## ХУЛОСА

Ноил гардидан ба сифати муосири таҳсилот, ки ба ниёзҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар асри XXI ҷавобгӯ аст, дар натиҷаи фаъолияти ташаббускорона бо назардошти воқеиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ имконпазир мегардад. Таваҷҷуҳ ба мушкилоти таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули салоҳияти забонӣ, маърифатӣ ва иртиботии хонандагон, ки дар рушди шахсияти насли наврас нақши махсус дорад, мавқеи назаррасро доро мебошад. Омӯзгори фанни забони тоҷикӣ дар баробари омӯзондани дастурҳои забон, тафаккур ва нутқи муҳассилинро рушд дода, онҳоро бо арзишҳои маънавӣ, меъёрҳои одоб ва фарҳанги миллӣ аз наздик ошно месозад.

